ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

МОДУЛИ

1

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА
БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# МОДУЛИ 1

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои
забон ва адабиёти тоҷик**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-5 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Фаросат Олимова, Сафарбек Собирзода, Изатулло Раҳимов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

С. Шербоев, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҳ. Ҳалимова, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Модул ҳамчун воситаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳия гардида, ба дарки мушкилӣ ва ихтилофҳои таҳсилоти муосир равона шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳ — принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим, хусусан муҳити таълим ва омӯзиш, инчунин таъсири онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои умумии хонандагон қарор доранд.

Модул нишон медиҳад, ки чӣ гуна омӯзгор нақши худро аз манбаи дониш ба таррохи муҳити таълимие табдил медиҳад, ки рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва қобилияти омӯзишро дастгирӣ мекунад. Тавассути таҳлил ва тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, омӯзгорон усулҳоеро меомӯзанд, ки ба ташаккули малакаҳои устувори худташкилдиҳӣ, рефлексия ва истифодаи дониш дар шароити нав мусоидат мекунанд. Ба эҷоди шароити омӯзиши фаъол, маърифатнок ва шахсият таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

**Мундарича**


Пешгуфтор .......................................................................................................... 4

1 Тазодҳои таҳсилот дар замони муосир .................................................................. 5

2 Муносибати босалоҳият: дарсҳои забону адабиёт ва нақши омӯзгор чӣ гуна тағйир меёбанд ........................................................................................................ 17

3 Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳимманд ва чӣ гуна бо муносибати босалоҳият дар таълим алоқамандӣ доранд ........................................................ 35

4 Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ........................................................................................ 55

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 73

## ПЕШГУФТОР

Маорифи муосир ҳарчи бештар ба муносибати босалоҳият такя мекунад, ки на танҳо рушди донишҳои фаннӣ, балки малакаҳои умумиро дар хонандагон пешбинӣ менамояд: тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ, ҳамкорӣ, муошират ва қобилияти омӯзиш дар тӯли ҳаёт. Забон ва адабиёти тоҷик дар ин замина ҷойгоҳи махсус дорад, зеро омӯзиши ин фанҳо на танҳо густариши донишҳои забонӣ ва адабӣ, балки рушди маҳоратҳои муҳимми шахсиятро дар хонанда фаро мегирад, аз ҷумла тарбияи тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ, қобилияти суханронӣ ва муошироти муассир, малакаи ҳамкорӣ ва омӯзиши пайваста дар тӯли ҳаётро ташаккул медиҳад.

Модули мазкур тавре таҳия шудааст, ки таҳлили ихтилофҳои асосии соҳаи маорифро бо абзорҳои амалӣ барои омӯзгор муттаҳид месозад. Дар оғоз таваҷҷуҳ ба мушкилоте равона мешавад, ки мактабҳои имрӯза бо онҳо рӯ ба рӯ мебошанд: сарбории барномаҳои таълим, беарзишшавии донишҳо, коҳиши майлу рағбати хонандагон. Ин тазодҳо на ҳамчун монеа, балки ҳамчун нуқтаҳои рушд баррасӣ мешаванд, ки омӯзгоронро ба бознигарии равишҳои маъмул ва ҷустуҷӯйи роҳҳои нав ҳидоят мекунанд.

Баъдан мантиқ ва моҳияти муносибати босалоҳият дар таълим шарҳу тафсир меёбад. Нишон дода мешавад, ки чӣ гуна дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик метавонад ба фазои таҳқиқ, баҳс ва ҷустуҷӯйи муштараки ҷавобҳо табдил ёбад, ки дар он хонанда на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъол аст. Ба таври алоҳида ба тағйири нақши омӯзгор ишора мешавад — аз манбаи иттилоот ба роҳнамо, ташкилкунандаи вазъиятҳои таълимӣ ва муҳити рушди шахсият.

Таваҷҷуҳи навбатӣ ба муҳити таълимӣ ва омӯзишӣ нигаронида шудааст. Фарқият ва омезиши онҳо ба рушди салоҳиятҳо чӣ гуна таъсир мерасонад, баррасӣ шудааст. Унсурҳои амалии муҳит муҳокима мешаванд: имкони интихоб, фазои ҳамкорӣ, кор бо маълумоти воқеӣ, супоришҳои таҳқиқотӣ ва баҳсҳо. Ҳамаи ин ба табдили дарс аз интиқоли расмии дониш ба фазои ҳамкории маърифатӣ мусоидат мекунад.

Қисми ниҳоӣ ба воситаҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ марбут аст. Дар ин ҷо имкониятҳои амалии муҳити рақамӣ баррасӣ мешаванд: чӣ гуна истифода бурдани захираҳои электронӣ, хидматҳои аёнӣ (визуализатсия), платформаҳои онлайнӣ ва абзорҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) барои густариши раванди таълим, баланд бардоштани иштироки хонандагон ва осон кардани кори омӯзгор.

Ҳамин тариқ, модул ба омӯзгорон тасаввури ҳамаҷониба медиҳад, ки чӣ гуна мазмуни фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро бо равишҳо ва абзорҳои муосири педагогӣ муттаҳид намуда, дарсҳоро ба фазои ташаккули салоҳиятҳое табдил диҳанд, ки барои асри XXI муҳиманд.

# МАВЗУИ 1

## Тазодҳои таҳсилот дар замони муосир

**Чиро донистан муҳим аст?**

- тазодҳои асосии таълими анъанавӣ ва талаботи ҷаҳони муосир;
- нақши омӯзгор ва хонанда дар шароити рақамикунонӣ ва рушди салоҳиятҳо чӣ гуна тағйир меёбад;
- чӣ гуна ислоҳот ва таҳқиқоти байналмилалӣ (PISA, TIMSS, TALIS) тағйиротро дар афзалиятҳои таълимӣ намуна инъикос мекунанд;
- чаро малакаҳои асри XXI (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва муоширaт) ба ҳадафҳои асосии таълим табдил меёбанд.

**Чиро бояд тавонист?**

- ошкор кардани тазодҳои таълимии асосӣ дар вазъиятҳои таълимӣ (китобҳои дарсӣ, супоришҳо, таҷрибаи педагогӣ);
- таҳлили таъсири муносибати нав ба раванди таълим;
- муқоисаи моделҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим;
- тарҳрезии унсурҳои таълимӣ (вазъиятҳо, масъалаҳо, кейсҳо) бо дарназардошти мушкилоти муосир ва ниёзҳои таълимии хонандагон.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- кадом тазодҳо дар таҳсилоти муосир бештар эҳсос мешаванд: дониш бо салоҳият? Омӯзиш бо фасилитатсия? Оммавият бо фардисозӣ?
- чӣ гуна тазодҳои муосир симои омӯзгор ва вазифаҳои ӯро тағйир медиҳанд?
- таҳсил барои зиндагӣ ё барои супоридани имтиҳонҳо, оё метавон онҳоро якҷо кард?
- чӣ муҳимтар аст: таҷҳизоти техникии  муосир ё технологияҳои педагогӣ?
- тавозун миёни озодии хонанда ва зарурати такя ба стандартҳои таълимӣ чӣ гуна барқарор карда мешавад?

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Тазодҳои асосии низоми таҳсилоти муосирро фаҳмед.
2. Ҳадаф ва самтҳои ислоҳоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшавандаро донед.
3. Дар асоси таҷрибаи воқеии ҷаҳонӣ роҳҳои ҳалли тазодҳои амалиро пайдо кунед.

## Муқаддима

Ҳар яки мо на танҳо омӯзгор, балки шахсоне мебошем, ки ҳар рӯз кӯшиш мекунем таълиму тарбияро дар мактаб беҳтар созем. Мо бо кӯдаконе кор мекунем, ки нисбат ба мо дар давру замони дигар зиндагӣ мекунанд, фикррронӣ ва интизориҳои дигар доранд. Бештар ба худ андеша мекунем: он усулҳое, ки моро таълим медоданд, ҳоло на ҳама вақт самара мебахшанд.

Барномаи таълимӣ ҳанӯз бо роҳи куҳна пеш меравад, вале кӯдакон ҷаҳонро бо чашми дигар мебинанд. Дар ин машғулият мо дар бораи он ки «чӣ тавр бояд бошад», сухан намегӯем — мо якҷоя фикр мекунем, ки чаро на ҳама вақт муваффақ мешавем, чӣ халал мерасонад ва кадом дигаргуниҳо аллакай рух дода истодаанд. Мо тазодҳои воқеиро, ки омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, баррасӣ мекунем ва аз назар мегузаронем, ки чӣ гуна ислоҳоти миллӣ ба тазодҳо ҷавоб дода метавонанд.

Ин суханпардозӣ не, балки гуфтугӯ дар бораи мактабу синфи шумост. Муҳим он ки дар ин раванд нақши омӯзгор чӣ гуна бошад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тазодҳо дар соҳаи маориф** — ҳолатҳое, ки ҳадафҳо, интизориҳо ё талабот ба имкониятҳо, захира ё шароитҳо дар муқобили ҳам қарор мегиранд. Таҳлили тазодҳо имкон медиҳанд, ки нуқтаҳои рушд ва самтҳои дигаргунӣ муайян карда шаванд.

**Стратегияи миллии рушди маориф (СМРМ)** — ҳуҷҷати меъёрӣ буда, дар он ҳадафҳо, афзалиятҳо ва қадамҳои беҳтаршавии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян карда шудааст.

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот** — ҳуҷҷатест, ки шароити дахлдор, аз ҷумла барои инфрасохтори мактабҳо, муҳити таълимро мушаххас мекунад. Чаҳорчӯба сохтореро муқаррар менамояд, ки дигаргуниро аз усулҳои ташкили фазо то бознигарии меъёрҳои муваффақияти хонанда равона месозад.

Пажуҳишҳои байналмилалии муқоисавии сифати маориф: PISA ва PIRLS.

- **PISA** (***Барномаи арзёбии байналмилалии хонандагон***) — барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон, яъне чӣ гуна хонандагони 15-сола дониши худро дар хониш, математика ва илмҳои табиӣ истифода мебаранд.
- **PIRLS** (***Таҳқиқоти пешрафти саводи хондан***) — барномае, ки хониши хонандагони синфҳои ибтидоиро арзёбӣ мекунад.
- Натиҷаҳои ин таҳқиқот **барои арзёбии самаранокии сиёсат ва таҷрибаҳои таълимӣ** дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон (аз соли 2024) истифода мешаванд.

Салоҳиятҳои калидӣ (чоргона + маҳорати омӯзиш) — ин маҳоратҳои умумиест, ки ба ҳар шахс дар асри XXI, новобаста аз касб, лозиманд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

Пас аз анҷоми машғулият шумо метавонед:

1. Тазодҳои асосӣ дар низоми муосири маорифро дарк намоед.
2. Дар бораи ҳадафҳо ва самтҳои ислоҳоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, маълумот гиред.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

*Супориш ба гурӯҳ: саволҳоро баррасӣ карда, ҷавобашонро нависед*

| САВОЛ | ҶАВОБ |
|---|---|
| **Саволи 1:**<br>Дар 5–10 соли охир кадом дигаргуниҳоро дар соҳаи маориф мушоҳида кардед? | |
| **Саволи 2:**<br>Ба андешаи шумо, чӣ аз ҳама бештар барои амалишавии муносибатҳои нав халал мерасонад? | |
| Андеша барои мулоҳиза:<br>*«Ислоҳот на ҳуҷҷат, балки роҳ аст. Ба ин роҳ онҳое қадам мегузоранд, ки ҳар рӯз ба синф ворид мешаванд».*<br>**Саволи 3:**<br>Бо хондани иқтибоси боло кадом ҳиссиёт шуморо фаро мегирад? Оё иқтибоси мазкур ба таҷрибаи шумо наздик аст? | |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.1-ро бо диққат хонед, сипас доир ба мазмуни он муносибати худро арзёбӣ кунед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1**

***Тазодҳои таҳсилоти муосир: андешаҳои омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик***

Дигаргуниҳо рӯз аз рӯз дар соҳаи маориф падид меоянд: корбурди истилоҳот, мақсадҳои нав, муносибатҳои нав. Бештар сухан атрофи масъалаи малакаҳо, муҳити таълим, зарурати на танҳо рушди дониш, балки зарурати тафаккури эҷодӣ, нутқ, маҳорати фаҳмидан ва баёни андеша меравад. Ба омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик аз як ҷиҳат ин мафҳумҳо шиносанд, вале аз ҷиҳати дигар на ҳамеша фаҳмоанд, ки чӣ тавр онҳоро дар фаъолияти ҳамарӯза татбиқ кардан лозим аст.

Баррасии мавзуи мазкур имкониятест барои назар кардан ба дигаргуниҳои мавҷуда аз зовияи фанни хеш. Кадом тазодҳоро мо дар таҷрибаи худ мушоҳида мекунем? То кадом андоза онҳо бо ислоҳоти маориф алоқамананд? Гарчанде шароит мувофиқи меъёрҳои баланд набошад ҳам, кадом амалҳоро мо иҷро карда метавонем? Ин ҷо сухан на дар бораи назарияҳо, балки дар бораи таҷрибае меравад, ки мо ҳар рӯз дар дарсҳо дучор меоем.

### 1. Тазод байни мазмуни таълими анъанавӣ ва ниёзҳои таълимии хонандагони муосир

Ба барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик омӯзиши осори адибони классик ворид карда шудааст, ки бешубҳа барои фаҳмиши фарҳанг ва таърих аҳаммияти калон доранд. Аммо барои бисёре аз хонандагони муосир дарки мазмуни эҷодиёти адабиёти классикӣ душвор аст. Аз қабили он ки забони адабӣ барояшон душвор менамояд, қаҳрамонон дар замони дигар зиндагӣ мекунанд, интихоби онҳо ва ҳиссиёташон на ҳамеша барои хонанда фаҳмо аст.

Ин мушкилӣ ба мавзуъҳои забон низ дахл дорад. Хонандагон қоидаву истилоҳҳои сарфию наҳвиро меомӯзанд, аммо аксар вақт намефаҳманд, ки онро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ чӣ гуна истифода баранд. Супоришҳо на ба истифодаи бошуурона, балки бештар ба бозгӯйӣ маҳдуд мешаванд.

*Агар матн ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд набошад, барои хонанда эътибор надорад ва забон «ба номаш» омӯхта мешавад. Дар натиҷа, хонандагон метавонанд мавзуъро «фаҳманд», аммо дар вазъияти нав истифода намебаранд ё бо суханони худ мазмунашро ҳам шарҳ дода наметавонанд.*

### 2. Тазодҳои имкониятҳои фан ва таҷрибаи нокифояи воқеият

Забони тоҷикӣ барои рушди тафаккур, нутқ ва қобилияти дарк кардан ва баёни андеша воситаи қавӣ аст. Адабиёт – муҳит барои мулоҳизаронӣ, баррасӣ ва эҳсосотҳост. Аммо дар амал, қисми зиёди дарсҳо ба иҷрои машқҳои имло ва сарфу наҳв, нақл кардан ва ё таҳлили муқаррарӣ маҳдуд мешавад.

Корҳои эҷодӣ, баромадҳо, эҷоди иншо ва баҳсу баррасиҳо атрофи матн дуюмдараҷа мемонанд. Мо медонем, ки маҳз ин гуна супоришҳо малакаҳои калидӣ: маҳорати дуруст баён кардани фикр, исботу далел овардане ташаккул медиҳанд. Аммо воқеият чунин аст: норасоии вақт, намунаҳои супориш, маводди бесифати методӣ.

*Вақте ки имкониятҳои фан пурра истифода намешаванд, дарс танҳо ба як расмият табдил меёбад. Дар натиҷа, мо фурсати ҷолибу муҳим гузарондани дарсҳои забону адабиётро аз даст медиҳем.*

### 3. *Тазод байни зарурати муносибати инфиродӣ ва таҳсили оммавӣ*

Дар як синф хонандагон бо сатҳи гуногуни донистани забон таҳсил мекунанд: яке озод ва боварибахш ҳарф мезанад, захираи луғавиаш бой аст ва матнҳои мукаммал эҷод мекунад. Дигарон бо душворӣ ҷумлаҳои алоқаманд менависанд, ғалатҳои зиёди имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ доранд.

Аҷиб, ки барнома ягона аст, суръат – умумӣ, аммо омӯзгор вақти маҳдуду сарбории зиёд дорад. Махсусан, ҳангоми санҷидани корҳои хаттӣ ин гуна ҳолат эҳсос мешавад: дар як дафтар иншо бо мулоҳизаронӣ, дар дигаре – чанд ҷумла бо ғалатҳои маъмулӣ. Омӯзгор ҳар як шогирдашро дастгирӣ кардан мехоҳад, аммо вақт ва захираҳо намерасанд.

*Ин боиси эҳсоси хасташавӣ ва руҳафтодагии омӯзгор мегардад: омӯзгор кумак кардан мехоҳад, аммо вақту имконияташ маҳдуд аст.*

### 4. Тазодҳои ислоҳот ва воқеияти муассисаҳои таълимӣ

Дар раванди таълим муносибатҳои нав пайдо мешаванд: тамаркуз ба инкишофи нутқ, қобилияти исботи ақида, кор бо матнҳо аз лиҳози дарки маънӣ, на аз рӯйи қолаб. Ҳамаи ин ба назар муҳим менамоянд, ҳам барои дарси забон ва ҳам дарси адабиёт. Аммо барои ворид кардани навоварӣ ба раванди дарс вақт, мавод ва намунаҳо лозиманд, ки одатан пайдо карданашон осон нест.

Дастгирии методӣ асосан бо ҳуҷҷатҳои расмӣ сурат мегирад: номбар кардани мақсадҳо, тавсияҳои умумӣ. Аммо амалан мавод – супоришҳо, қолабҳои тайёр, дафтарҳои кории мавзуӣ ё сенарияҳои муҳокимаҳо нокифояанд ё нестанд.

*Омӯзгор бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад: азнавсозии дарс, вале бе дастрасӣ ба воситаҳо ва захираҳо, бо норасоии вақт. Ин ҳолати хастагиро ба вуҷуд меорад, ки чаро талабот ҳасту алҳол имконият нест.*

### 5. Тазод байни дастрасӣ ба технология ва маҳорати истифодаи он

Ҳатто бо мавҷудияти технологияҳои рақамӣ: аз платформаҳои мустақим (онлайнӣ) то зеҳни сунъӣ на ҳамеша омӯзгорону хонандагон омодаанд онҳоро дар раванди таълим истифода баранд. Малакаҳои рақамӣ имрӯз ба яке аз ниёзҳои асосӣ табдил ёфтаанд, аммо на ҳама омӯзгорон барои аз худ кардани онҳо захира ва дастгирии кофӣ доранд.

Аксаран камбуди қарорҳои методӣ, вақт ва эътимод ба кор бо воситаҳои нав вуҷуд дорад. Хонандагон, дар навбати худ, технологияҳоро асосан барои муошират истифода мебаранд, на барои омӯзиш.

Дар ин замина ихтилофи дигар миёни муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки инфрасохтори рақамии рушдёфта доранд ва онҳое, ки ба интернет ва таҷҳизот дастрасии маҳдуд доранд, ба назар мерасад. Ин танҳо ба муассисаҳои таҳсилоти умумии дар деҳот воқеъбуда дахл надорад. Масалан, дар давраи пандемияи COVID-19 нобаробарии рақамӣ ҳатто дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низ намоён шуд.

Мушкилоти иловагӣ ба воридшавии зеҳни сунъӣ (ЗС) ба маориф аз ҷойгузини кори мустақилона то масъалаи рӯбардорӣ ва коҳиши шавқу ҳавас ба омӯзиш марбут мебошад. Ин хатарҳо ҳануз ҳалли ягона ва умумӣ надоранд, таҳлили интиқодӣ ва таҳияи муносибатҳои навро талаб мекунанд. Барои он ки технологияҳо воқеан ба захираи таълим табдил ёбанд, муҳим аст, ки воқеияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар гирифта шуда, омӯзгор дар азхудкунии муҳити рақамӣ масъул гардад.

## *Аз савол ба тағйирот: чӣ дигаргунӣ ба вуқуъ мепайвандад ва чаро он муҳим аст?*

Вақте ки дар бораи тазодҳо дар соҳаи маориф мегӯем, муҳим аст, ки эҳсоси ноилоҷӣ накунем. Ин тазодҳо танҳо монеа нестанд. Онҳо огоҳ мекунанд, ки низоми маориф ба дигаргунӣ ниёз дорад ва пеш аз ҳама ба чӣ бояд тамаркуз кард. Баъзе тағйирот аллакай дида мешаванд, гарчанде ки онҳо на пайиҳам ва на дар як вақт ба вуқуъ омадаанд. Агар бинем, ки ин навгонӣ амалишаванда аст, онро мубодила мекунем, ба шароити синфи худ мутобиқ месозем ва ин маънои онро дорад, ки мо аллакай як ҷузъи ин ислоҳот ҳастем. На танҳо ҳамчун иҷрокунанда, балки ҳамчун иштирокчие, ки дар доираи тағйироти бааммаломада пурмазмун кор мекунанд. Чӣ қадаре ки мо мушкилот ва имкониятҳои худро дақиқтар дарк кунем, роҳи мо дар мактаби тағйирёбанда ҳамон қадар пурмазмунтар мешавад. Ва аз ҳама муҳиммаш он аллакай оғоз шудааст.

### 1. Стратегияи миллӣ: мақсадҳо ва аҳаммият

**Стратегияи миллии рушди маориф** аз соли 2021 то соли 2030 амал мекунад. Ҳадафи асосии он аз интиқоли дониш то ба ташаккул ёфтани малакаҳо аст, ки ба хонанда ёрӣ мерасонад **андеша ронад, амал кунад, ҳамкорӣ намояд ва дар тӯли ҳаёт омӯзад**.

Барои омӯзгорони забон ва адабиёт ин мафҳум хеле шинос ба гӯш мерасад: мо ҳамеша бо нутқи хонанда, ибрози андеша ва фарҳанги ӯ кор мебарем. Аз ҳама афзалтар айни замон на танҳо нақл кардан ё аз ёд донистани қоидаҳо, балки муҳим он аст, ки оё хонанда забонашро мақсаднок истифода бурда метавонад, мазмуни матнро дарк мекунад ва фикри худашро баён мекунад.

*Стратегия самти умумиро муайян мекунад ва бар асоси он муносибатҳои нав ба кор бурда мешаванд: таҷдиди барномаҳо, китобҳои дарсӣ, шаклҳои арзёбӣ, инчунин такмили ихтисос ва мавод барои омӯзгорон.*

### 2. Чаҳорчӯбаи миллӣ: аз ҳадаф ба шароит

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот** — санади байнисоҳавиест, ки соли 2025 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Санад иборат аст аз:

- фаҳмиши **муҳити устувори таълим** — на танҳо бо техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз, балки инчунин фазои амну ороми равонӣ, ҳавасмандкунанда, дастгирикунанда;
- таъминот доир ба **инфрасохтори муосири мактаб** — бо таҷҳизоти зарурӣ, фазои мувофиқ ва имкони дастрасӣ ба сарчашмаҳо;
- принсипҳои **дастгирии касбии омӯзгор** — дар шакли методӣ, роҳнамоӣ ва ҳимояти ахлоқӣ;
- муносибатҳои нави **арзёбӣ**— бо таваҷҷуҳ на танҳо ба натиҷа, балки ба раванди фикррониву муҳокима.

*Ин дигаргуниҳо дар як лаҳза ба вуҷуд намеоянд. Чаҳорчӯбаи рушд фаҳмиши бонизомеро нишон медиҳад, ки* ***мактаби муосир*** *дар Тоҷикистон бо имконияту вазифаҳояш* ***чӣ гуна бояд бошад.***

### 3. Чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд?

Сухан на танҳо дар бораи он меравад, ки чиҳо ба нақша гирифта шудаанд. Муҳим он аст, ки **чиҳо аллакай ба бахши ҳаёти ҳаррӯзаи мактаб табдил ёфтаанд.**

- **Муассисаҳои таълимии нав.** Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии нав ва биноҳои иловагӣ сохта мешаванд, пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ нав карда мешаванд, дастгоҳҳои рақамӣ бештар мегарданд: проекторҳо, тахтаҳои электронӣ.

- **Таҷдиди китобҳои дарсӣ.** Дар китобҳои дарсӣ навъҳои супоришҳои нав илова мешаванд: масалан, навиштани тақриз, баён кардани фикр, пурра кардани матн ё тағйир додани нуқтаи назари персонажи асар.
- **Омӯзгорон бештар** аз шаклҳои **фаъоли таълим** истифода мебаранд: баррасӣ, шарҳ ва арзёбии шахсӣ, баррасии хурд атрофи ягон мавзуъ. Ин имкон медиҳад, ки матнҳо дар мундариҷаи васеъ муҳокима карда шаванд ва алоқамандии онҳо бо ҳаёт аён гардад.
- Хонандагон ба таҳияи навъҳои гуногуни корҳои хаттӣ ҷалб мешаванд: иншо, эссе, нома, тақриз ва ғ.

Дигаргуниҳо *тадриҷан, бомаром, на дар ҳама ҷо ва на ба осонӣ ба амал меоянд, вале онҳо нишон медиҳанд, ки дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик метавонанд майдони андешаронӣ, муошират ва худшиносӣ бошанд.*

**4. Салоҳиятҳо танҳо дар маводди методӣ нестанд...**

Вазорати маориф ва илм модели салоҳиятҳои калидиро тасдиқ намудааст, ки аз самтҳои зерин иборатанд:

| | |
|---|---|
| *1. Тафаккури эҷодӣ* | *4. Ҳамкорӣ* |
| *2. Тафаккури интиқодӣ* | *5. Малакаи омӯхтан* |
| *3. Муошират* | |

Дар маводди мазкур ба рушди ин малакаҳо таваҷҷуҳи хос дода шудааст. Мо минбаъд онҳоро ҳамчун «салоҳиятҳои калидӣ» ва ё «**чоргона+1**» ном мебарем. Чаро маҳз ин малакаҳо имрӯз диққати асосиро ба худ ҷалб кардаанд, шумо дар анҷоми ин мавзуъ хоҳед фаҳмид.

Барои дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ин салоҳиятҳо мақсадҳои мушаххасро дар бар мегиранд. Онҳо тавассути **хондани матн, изҳори андеша, машқҳои омӯзиши забон, иштирок дар муколама ва баён кардани фикрҳои худ дар шакли хаттӣ зоҳир мешаванд.**

**5. Рақамикунонӣ дар муассисаҳои таълимӣ оғоз шуд**

Мувофиқи Консепсияи гузариш ба маорифи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ платформаҳои нави рақамӣ ба таври фаъол истифода мешаванд. Хизматрасонии **eDonish** — дафтари электронӣ ва журнал барои бисёре аз омӯзгорон ва хонандагон аллакай шинос аст. Он барои баҳисобгирии ҳузурӣ, ташкили ҷадвали дарсҳо ва муошират бо падару модарон мусоидат мекунад.

Тадриҷан доираи васеи дигар захираҳо низ пайдо мешавад, ки таълим ва дастрасӣ ба маводди таълимиро дастгирӣ мекунанд.

**Ҷадвали 1. Захираҳои рақамии дастрас барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон**

| Ном | Тавсиф ва мақсад |
|---|---|
| **Maktab Mobile** | Портали миллии таълими фосилавӣ (онлайн/офлайн).<br>Машқҳо, наворҳои таълимӣ, кабинети шахсӣ, омӯзиш бо суръати инфиродӣ. Муфид барои синфҳои миёна ва болоӣ. |
| **Marifat.tj** | Китобхонаи электронӣ, дастурҳо ва наворҳои таълимӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Муфид барои дарсҳо, лоиҳаҳо ва мутолиаи иловагӣ. |
| **Twinkl — Tajikistan** | Варақаҳои кории тайёр, рӯнамо ва супоришҳо мутобиқ ба барномаҳои таълимии Тоҷикистон. Муфид барои банақшагирии дарс ва машқҳои мустақилонаи хонандагон. |
| **Digital Learning Platform (Schools 2030)** | Платформаи рақамӣ бо дарсҳо, навор ва маводди методӣ барои синну соли 6–17 сола. Дастгирии омӯзгорон ва мубодилаи таҷрибаҳои муваффақ. |
| **Tomaktabi (Сандуқчаи Зулбиё)** | Китобхонаи рақамӣ ва муҳтавои мултимедиявӣ барои кӯдакони синни 3–6 сола: китобҳо, бозиҳо, супоришҳои интерактивӣ. |
| **W-Library** (муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе) | Китобхонаи электронӣ бо >5000 китоб, дастрас дар компютерҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе. Танҳо дар дохили шабакаи мактабӣ фаъол аст. |

***Назаре ба таҳқиқоти байналмилалӣ:***

Аз соли 2024 Тоҷикистон дар **таҳқиқоти** барномаҳои байналмилалии **PISA ва PIRLS** иштирок мекунад, ки онҳо на танҳо дониши фаннӣ, балки **маҳорати истифодаи донишҳоро дар вазъиятҳои воқеӣ** месанҷанд.

- **PISA** месанҷад, ки то кадом андоза хонандагони 15-сола хондану таҳлил кардан ва масъалаҳоро ҳал карда метавонанд.
- **PIRLS** сатҳи хониши хонандагони синфҳои ибтидоиро меомӯзад.

*Ин таҳқиқот на барои ҳисоботдиҳӣ, балки ҳамчун* ***робитаи мутақобила*** *муҳимманд, ки дар низоми маориф кадом ҷанба самара медиҳад ва кадом ҷанба ба беҳбудӣ ниёз дорад.*

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки **ислоҳоти мушаххас** ворид гарданд: такмил додани мундариҷаи барномаҳо, супоришҳои таълимӣ ва шаклҳои арзёбӣ.

**Барои омӯзгор ин чӣ аҳаммият дорад?**

Ҳамаи ин ҷанбаҳо — стратегия, чаҳорчӯба, мактабҳои нав, салоҳиятҳои калидӣ, иштирок дар таҳқиқот самтҳои ислоҳотро ташкил медиҳанд. Ислоҳот як раванди фаъол аст, ки дар он **омӯзгор нақши асосиро мебозад**. Комёбиҳои ислоҳот аз қарорҳо, таҷриба ва интихоби омӯзгор дар дарс вобаста аст.

**ЗАМИМАИ 1.**

## ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

**Чаро маҳз «салоҳиятҳои калидӣ» ва ё «салоҳиятҳои Чоргона +» интихоби муносиб аст?**

**Модели чоргона +** — тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ ҳоло ҳамчун яке аз бунёдҳои муҳим барои рушди малакаҳои асри XXI эътироф шудааст. Сабабҳои муҳим будани он дар зер шарҳ дода мешаванд:

1. **Эътирофи байналмилалӣ:** Модели чоргона ба барномаҳои PISA, OECD Learning Framework 2030 ва инчунин ислоҳоти маориф дар кишварҳои мисли ИМА, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Финландия ва дигарҳо асос гузоштааст.

2. **Фарогирӣ ва универсалӣ:** Дар муқоиса бо рӯйхатҳои бешумори малакаҳо (то 10–20 банд), модели чоргона мукаммал буда, ҳам малакаҳои маърифатӣ ва ҳам иҷтимоиро фаро мегирад. Фаҳмидан, истифода кардани он душвор нест ва он устувор аст.

3. **Ҳамгироӣ дар доираи фанҳо**
Ҳар як унсури модели чоргона метавонад дар доираи фанҳои гуногун – адабиёту таърих то математика ва физика рушд ёбад. Муҳим аст, ки «дарси рушди салоҳиятҳо» ҷудогона набошад, балки дар раванди таълим малакаҳо рушд ёбанд.

4. **Вокуниш ба душвориҳои ҷаҳони муосир**
Малакаҳои чоргона аз ҷониби корфармоён ҳамчун малакаҳои универсалӣ ва зарурӣ шинохта шудаанд. Онҳо аз касбу кор вобаста нестанд ва дар шароити тағйирпазири босуръат барои зиндагӣ басо муҳимманд.

5. **Мутобиқат бо дигар моделҳо**
Модели Чоргона+ дигар муносибатҳои таълимро истисно намекунад, балки бо малакаҳои байнифаннӣ, рақамӣ ва ғайра мувофиқат пайдо карда метавонад. Он ҳамчун пойдевор хидмат мекунад, ки равишу муносибатҳои дигар бе душворӣ ба он гузошта шаванд.

**Хулоса**

Интихоби модели Чоргона+ содагардонии раванд набуда, балки таваҷҷуҳ ба самти дақиқи стратегӣ аст. Ин на мақсади ниҳоӣ, балки оғози роҳест, ки ба он малакаҳои мураккабу муносибро гузоштан мумкин аст, аз ҷумла маърифати рақамӣ, маърифати шаҳрвандӣ, тафаккури экологӣ, қобилиятҳои соҳибкорӣ ва дигар.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Таълими муосири забон ва адабиёти тоҷик аз омӯзгор на танҳо дониши амиқи фаннӣ, балки қобилияти дар шароити тазодҳо амал карданро низ талаб мекунад,** аз ҷумла барномаи васеъ ва имкониятҳои шогирдон, талаботи ислоҳот ва воқеияти мактаб, тавоноии забону адабиёт ва маҳдудияти вакт, норасоии мавод.
2. **Ин тазодҳо нишонаи нобарориҳо набуда, як ҷузъи воқеияти касбӣ маҳсуб меёбанд**. Дарки онҳо ба омӯзгор кумак мекунад, ки дақиқтар самти дарсро муайян кунад, тағйиротро ба нақша гирад ва нақши худро дар рушди шогирд беҳтар намояд.
3. **Муносибати босалоҳият имкон медиҳад, ки дарсҳои забон ва адабиёт ба майдони мулоҳизаронӣ, баррасиҳо, рушди нутқ ва таҳлили матн табдил ёбанд.** Ин муносибат аз омӯзгор «фаъолият ба хотири фаъолият»-ро талаб намекунад, балки ҷустуҷӯйи шаклҳои асоснокро пешниҳод менамояд: супоришҳо бо интихоби мавқеъ, саволгузорӣ ба матн ба ҷойи нақл кардан ва таҳияи хаттии андешаҳои худ, баррасӣ атрофи мазмуни матн.
4. **Омӯзгор бояд фаҳмад**, ки салоҳиятҳо дар муддати як дарси ҷудогона рушд намеёбанд. Агар мақсад рушди онҳо бошад, салоҳиятҳо ботадриҷ, дар ҳар мавзуъ, дар ҳар навъи супориш ташаккул меёбанд.
5. **Ислоҳот дар ҳолате самара хоҳад дод, ки худи омӯзгорон дар он фаъолона иштирок намоянд.** Бе ҳавасмандӣ, ҳамоҳангӣ ва дастгирӣ дар маҳалҳо, ҳар гуна дигаргунӣ метавонад танҳо дар рӯйи коғаз монад. Аз ин рӯ, гуфтан, баррасӣ кардан, озмудан ва якҷоя рушд ёфтан хеле муҳим аст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои асосӣ:**

1. **Чӣ чизи нав ё муҳим дар бораи таълими забон ва адабиёти тоҷикро дар шароити муосир имрӯз барои худ гирифтед**? *(Чӣ барои шумо ғайричашмдошт, дақиқ ё баръакс шубҳаовар буд?)*
2. **Машғулияти имрӯза дар ботинатон чӣ мувофиқат ё норозигиро ба вуҷуд овард?** *Чаро? (Шояд, ин як андеша, мисол ё мушоҳидае буд?)*
3. **Кадом супориш ё навъи фаъолият бештар дар хотиратон монд? Чаро? (Чӣ барои шумо ҷолиб буд?** *Дар кадом лаҳза шумо фаъолтар шудед?)*
4. **Аз рӯйи ин мавзуъ кадом душворӣ ё саволҳо дар шумо пайдо шуданд?** (Чиро муфассалтар муҳокима кардан, дар бораи чӣ бештар донистан ё дар дарсҳои мушаххас чиро дидан мехостед?)
5. **Аз ин машғулият ҳамчун омӯзгор ва ҳамчун инсон бо худ чӣ мебаред?** (Дар бораи чӣ пас аз машғулият фикр мекунед?)

☞ *Шакли кор: Муҳокима дар гурӯҳҳои хурд ё дунафарӣ.*

---

**II. Ҷумларо ба охир расонед:**

- «Пас аз ин дарс ман фаҳмидам, ки…» ё
- «Ҳоло ман ба … дигар гуна нигоҳ мекунам.»

*Шакли кор: як супоришро интихоб кунед ва хаттӣ ҷавоб диҳед.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.1

***Мақсад*** *ин санҷиш нест, балки ёрӣ расондан ба омӯзгор барои* ***дарки мавқеи худ ва нуқтаҳои ҳассос*** *дар робита ба ислоҳот ва тағйирот дар таълими фанҳои забон ва адабиёт мебошад.*

**Тести хурд барои худбаҳодиҳӣ**

*Ақидаеро, ки ба шумо мақбул аст, ишора кунед.*

| Саволҳо | | Бале | Не | Қисман |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Ман мефаҳмам, ки ҳадафҳои ислоҳоти кунунии маориф чист. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **2.** | Ман мебинам, ки ислоҳот чӣ гуна бо таълими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби ман алоқаманд аст | ☐ | ☐ | ☐ |
| **3.** | Барои ман намунаҳо кифояанд, то муносибати босалоҳиятро дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик татбиқ намоям. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **4.** | Ман муҳите фароҳам овардам, ки дар он метавонам мушкилотро муҳокима кунам ва бо ҳамкорон дар иттиҳодияи методӣ ва ғайра табодули таҷриба намоям. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **5.** | Ман бо тазодҳо байни барнома ва сатҳи омодагии хонандагон рӯ ба рӯ мешавам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **6.** | Ман супоришҳоро мувофиқи синфи мушаххас бо имкониятҳо ва шароит мутобиқ месозам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **7.** | Ман метавонам намунаи супорише орам, ки ба рушди малакаҳои чоргона мусоидат мекунанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **8.** | Ман эҳсос мекунам, ки назари ман ҳамчун андешаи як омӯзгор дар муҳокимаи тағйирот муҳим аст. | ☐ | ☐ | ☐ |

☞ ***Муҳокимаи ҷавобҳо бо ҳамкорон:*** *Дар кадом саволҳо фикрҳо мувофиқанд? Дар кадоме тафовут ҳаст? Шумо чиро тағйир медодед?*

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ОМӮЗИШ:**

3. **Дарёфти роҳҳои ҳалли тазодҳо бо такя ба таҷрибаи воқеӣ.**



## ДАРСИ АМАЛӢ: ТАЗОД – НУҚТАИ РУШД

***Мақсад:*** *Дарки нуқтаҳои ҳассос (тазодҳо) дар амалия ва оғози ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ва имкониятҳои рушд.*

| **1. Мундарича ва барнома** | |
|---|---|
| **Тазод** | **Чӣ бояд кард? Тазодро чӣ гуна ҳал бояд кард?** |
| 1. Ҳаҷми зиёди мавзуъ ва асарҳо, аммо набудани вақти кофӣ барои дарки онҳо. | |
| 2. Барнома бо як суръати муайян мегузарад, аммо хонандагон хеле гуногунанд. | |
| 3. Баъзе матнҳо ба хонандагон аз зиндагии воқеӣ дур менамоянд. | |
| **2. Методика ва навъи дарс** | |
| 1. Истифодаи усулу муносибатҳои нав талаб мешавад, аммо вақт барои таҳияи супоришҳо намерасад. | |
| 2. Хонандагон аз ғалат кардан метарсанд ва фикрашонро баён намекунанд. | |
| 3. Вақти зиёд ба иҷрои машқҳо сарф мешавад, на ба гуфтору муҳокима | |
| **3. Идора кардани синф** | |
| 1. Синфи калон – ташкил намудани муҳокима ё кори гурӯҳӣ душвор аст | |
| 2. Хонандагон дар муҳокима иштирок намекунанд | |
| 3. Хонандагон аҳаммияти забон ва адабиётро намебинанд, ҳавасмандӣ кам мешавад | |

# МАВЗУИ 2

## Муносибати босалоҳият дар таълим: дарсҳои забону адабиёт ва нақши омӯзгор

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Муносибати босалоҳият дар таълим: моҳият ва фарқи он аз таълими анъанавӣ.
- Тағйири мақсаду вазифаҳои дарсҳои забону адабиёти тоҷик дар шароити муносибати босалоҳият дар таълим.
- Вазифаҳои кушода ба ташаккули малакаҳои фикрронӣ, таҳлил ва далеловарӣ чӣ гуна алоқаманд аст.

**Чиро бояд тавонист?**

- Таҳлили ҳадаф ва мазмуну мундариҷаи дарсҳои забону адабиёти тоҷик аз нигоҳи муносибати босалоҳият.
- Фарқ кардани намудҳои вазифаҳо ва мутобиқ сохтани онҳо ба вазифаҳое, ки ба истифодаи амалии донишҳо равона шудаанд.
- Тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ.
- Ташкили муҳити ҳамкорӣ ва рефлексия.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ**

- Фарқи асосии муносибати босалоҳият ва дарсҳои анъанавии фанҳои забону адабиёти тоҷик дар чист?
- Дар мазмуну муҳтавои таълими забону адабиёти тоҷик «омӯзгор – ташкилкунандаи муҳит» чӣ маъно дорад?
- Дар дарсҳо кадом вазифаҳо имкон фароҳам меоранд, ки хонандагон ташаббус нишон диҳанд, ба таври интиқодӣ фикр ва ҳамкорӣ кунанд?

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ**

Пас аз анҷоми омӯзиши мавзуъ, метавонед:

1. Моҳияти муносибати босалоҳият дар таълим ва зарурати онро **фаҳмед.**
2. Тағйир ёфтани нақши омӯзгорро **бинед.**
3. Супоришҳои навъи кушода ва босалоҳият **таҳия кунед.**

## Муқаддима

Ба «тарзи нав» таълим додан чӣ маъно дорад? Мо аз дарсҳои худ кадом натиҷаҳоро интизорем? Чаро барои хонанда танҳо донистан кофӣ нест, тавонистану амалӣ кардани донишҳо низ муҳим аст? Ба ин пурсишҳо **Муносибати босалоҳият** — яке аз равандҳои муосири таълим посух мегӯяд. Мавзуъ аз ду машғулият иборат аст. Машғулиятҳо идомаи якдигар буда, имкон медиҳанд, ки давра ба давра ба моҳияти муносибати босалоҳият сарфаҳм рафта, дар бораи чӣ тавр амалӣ кардани он андешед.

Дар машғулияти якум, шумо бо принсипҳо ва ҳикмати муносибати босалоҳият шинос мешавед. Ин фаъолият фаҳмиши умумӣ ва диди шуморо оид ба чаҳорчӯбаи ин муносибат ба вуҷуд меорад. Дарки ҳикмати муносибати босалоҳият кумак мекунад, ки дарсро ба таври дигар назар кунед — на аз мавқеи «ман мавзуъро баён кардам», балки аз мавқеи «хонанда чӣ кор мекунад ва чиро меомӯзад».

Дар машғулияти дувум аз назария ба амалия мегузаред. Чӣ тавр ба муносибати босалоҳият мутобиқ гардондани вазифаҳои таълимӣ анъанавиро машқ мекунед, ки фарогири амал, интихоб ва мулоҳизаронӣ бошанд. Аз ҳама муҳим, шумо мутобиқ кардани вазифаҳои мураккабро ба қобилиятҳои синфи мушаххас меомӯзед (дарс ҳамеша ҷустуҷӯйи мувозинат байни мураккабӣ ва дастрасӣ мебошад). Хулоса, таҷриба, мубоҳиса, мубодилаи таҷриба — унсурҳоеанд, ки раванди таълимро самаранок ва амалӣ мегардонанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муносибати босалоҳият** — равиши муосири таълим, ки дар он мақсад на дониш андӯхтан, балки қобилияти татбиқи ин донишҳо дар амал аст.

**Фарогирӣ дар таҳсилот** — принсипест, ки тибқи он ҳар як хонанда новобаста аз қобилият ва имкониятҳои худ метавонад ба раванди таълим ҷалб гардад. Омӯзгор суръат ва тарзи гуногуни дарки хонандагонро ба назар гирифта, шаклҳои корро тавре интихоб мекунад, ки барои ҳама шароити баробар ҷиҳати расидан ба мақсадҳои таълимӣ фароҳам оварда шавад.

**Вазъияти таълимӣ** — фаъолияти махсус тарҳрезикардаи омӯзгор, ки дар он хонанда бо савол, вазифа ва проблема рӯ ба рӯ мешавад. Ин метавонад, баррасӣ, таҳлили манбаъ, нақшофарӣ, лоиҳа ва ғайра бошад. Чунин вазъият хонандаро ба андешаронӣ, баррасӣ ва истифодаи донишҳо ҳавасманд мекунад.

**Фасилитатор** – омӯзгоре, ки на танҳо дониш медиҳад, балки ба хонанда кумак мекунад, ки омӯзад: савол диҳад, таҳқиқ кунад, баррасӣ намояд, роҳҳои ҳалли душвории худро пайдо кунад.

**Супоришҳои кушода** – супориши таълимиест, ки ҷавоби ягонаи дуруст надорад. Имкони мавҷудияти нуқтаҳои назари гуногун, роҳҳои ҳалли мухталиф ва усулҳои далеловарӣ вуҷуд дорад.

**Дарк намудани мазмуни матни хондашуда** — маҳорати на танҳо хонда тавонистани матн, балки дарки мазмун, ёфтани ғояи асосӣ, «кашфи» ҳадафи муаллиф, шарҳ додани мавқеи муаллиф ва баён намудани муносибати шахсӣ ба асари хондашуда.

**Инкишофи нутқ** — рушди қобилияти равшан, дақиқ ва пурмазмун баён кардани андеша (шифоҳӣ ва хаттӣ). Яке аз ҷузъҳои асосии муносибати босалоҳият дар дарсҳои забону адабиёт.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

1. Моҳияти муносибати босалоҳият ва зарурати онро **мефаҳмед.**
2. Тағйир ёфтани нақши омӯзгорро **мебинед.**



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Вазифа барои гурӯҳҳо:*** *саволҳоро баррасӣ кунед ва аз таҷрибаи худ мисолҳо оред*

| Саволҳо | Мисол аз таҷриба |
|---|---|
| **Саволи 1:** Шумо кадом усулҳоеро истифода мебаред, ки хонандагон на танҳо мазмуни матнро нақл кунанд, балки фикр карда, андешаи худро баён намоянд? | |
| **Саволи 2:** Дар кадом супоришҳои дарсҳои шумо хонандагон бо воситаҳои тасвири бадеӣ кор мекунанд, матнҳоро муқоиса ё дар бораи мазмуни асари хондашуда баҳс мекунанд? | |
| **Саволи 3:** Шумо чӣ тавр мефаҳмед, ки хонанда на танҳо мазмуни матнро медонад, балки мавзуъ ва моҳияти онро дарк намудааст? | |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.2-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 1.2. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.2**

### *1. Моҳияти муносибати босалоҳият*

Имрӯзҳо ба омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик дар бораи зарурати гузариш ба «муносибати босалоҳият» бисёр мегӯянд. Хеле замонавӣ менамояд, вале зери ин мафҳум дигаргуниҳои амалӣ ва мантиқӣ дар назар дошта шудаанд. Дунё дигаргун мешавад. Хонанда ҳам тағйир меёбад. Талаботи таълим низ дигар мешавад. Вобаста ба ин, усулҳои *таълими фанҳои забон ва адабиёт* низ бояд бознигарӣ шаванд. Агар пештар танҳо аз худ кардани таърифу қоидаҳо, тарҷумаи ҳоли адиб ё мазмуни асарҳо кофӣ буд, акнун *дарки мазмун, баён кардани андеша, таҳлил, баҳс, таҳияи матн ва фаъолиятҳо дар вазъиятҳои гуногуни нутқӣ* муҳимтар шудаанд. Ҳамаи ин моҳияти муносибати таълими босалоҳиятанд.

Муносибати босалоҳият ибораи замонавии мӯдшуда нест. Ин раванди муосири педагогиест, ки дар он, на ба хотир гирифтани рақаму далел, балки *қобилияти истифодаи донишҳо дар шароити воқеии зиндагӣ* муҳим аст.

Агар кӯтоҳ карда гӯем:

- **дониш** на мақсад, балки восита аст;
- **хонанда** на гирандаи маълумот, балки иштирокчии фаъоли раванд аст;
- **дарс** на танҳо шарҳи мавод, балки муҳити созгор барои фаъолият, баррасӣ ва дарки мазмун мебошад.

Биёед, муносибати босалоҳиятро дар мисоли ду фан дида мебароем:

**Ғояи асосӣ:** Хонанда бояд на танҳо донад, балки истифода ҳам карда тавонад.

Масалан:

- На танҳо номи воситаҳои тасвири бадеиро ёд гирем, балки онҳоро **дар матн муайян карда**, **шарҳ диҳем**, ки муаллиф барои чӣ онҳоро истифода бурдааст ва дар нутқ **чӣ таъсире** доранд?
- На танҳо шарҳи ҳоли шоирро нақл кунем, балки **андешаи адибро аз диди эҷодии ӯ таҳлил карда, бо аҳли синф баррасӣ намоем**.
- На танҳо сохтори иншоро донем, балки бо далелҳо нуқтаи назари хешро хаттӣ ё шифоҳӣ баён карда тавонем.

Ҳамеша саволҳо пеш меоянд: **Муносибати босалоҳият чӣ тарз амалӣ карда мешавад?** Пешниҳоди маъмулии маводро чӣ тарз тағйир бояд дод, то хонанда **на танҳо бозгӯйӣ**, балки **амал ҳам кунад**?

Инро дар мисоли як мавзуъ ва ду муносибат (аз ду фан) дида мебароем:

**Намунаи 1. Адабиёти тоҷик.** Мавзуъ: Эҷодиёти Мирзо Турсунзода (Синфи 11)

| **Таълими анъанавӣ** | **Муносибати босалоҳият** |
|---|---|
| Тарҷумаи ҳоли шоирро гӯед, як шеъри шоирро аз ёд кунед. | Бо шоир мусоҳиба омода кунед. Саволҳои мувофиқ омода карда, кӯшиш намоед, ки аз номи шоир дар бораи ғояҳои асосии ашъораш маълумот диҳед. |
| **Натиҷа:** бозгӯйии далелҳо, тамрини хотир | **Натиҷа**: фаҳмиши арзишҳои муаллиф, рушди тафаккур, тахайюл ва малакаҳои гуфторӣ. |

**Намунаи 2. Забони тоҷикӣ.** Мавзуъ: Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда (Синфи 8)

| **Таълими анъанавӣ** | **Муносибати босалоҳият** |
|---|---|
| Аз матн нутқи айнан нақлшударо нависед. | Муколама (диалог)-и ду қаҳрамони асари бадеӣ бо истифодаи нутқи мазмунан нақлшуда тартиб диҳед. Шарҳ диҳед, ки чаро маҳз ҳамин шаклро интихоб кардед. |
| **Натиҷа:** донистани қоида; иҷрои машқҳои тазаккурӣ | **Натиҷа:** истифодаи забон дар гуфтор, рушди малакаҳои нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ |

Ин гуна тағйир дар ташкили фаъолият ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо ахборро такрор кунад, балки онро бошуурона истифода барад.

**2. Мақсадҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик ва нақши нави омӯзгор**

Муносибати босалоҳият фаҳмиши мақсадҳои дарсро тағйир медиҳад. Ҳоло вазифа на танҳо «пешниҳоди мавзуъ ва ё таъмини аз худ кардани мавод» аст. Мақсади асосӣ дар хонанда ташаккул ёфтани **қобилияти дарки мазмуни матн, таҳлил, муқоиса, тавзеҳ ва истифодаи дониш дар шароити нав** мебошад. Ин ҳам барои омӯзиши забони тоҷикӣ ва ҳам рушди малакаҳо аз фанни адабиёти тоҷик созгор аст.

**Мисолҳо:**

- Хонанда метавонад мазмуни шеърро таҳлил кунад, воситаҳои тасвири онро муайян ва вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳад.
- Чӣ тарз овардани далелу асосро дар матни публисистӣ дарк кунад.
- Услубҳои муаллифонро муқоиса ва воситаҳои тасвири бадеиро муайян карда, аҳаммияти онҳоро шарҳ диҳад.
- Дар мубоҳиса иштирок карда, нуқтаи назари хешро дар бораи зиддияти адабӣ ё ҳодисаҳои забонӣ ташаккул диҳад.

Барои он ки хонанда **муқоисаву таҳлил намояд, фикрашро асоснок кунад,** танҳо тағйир додани супориш кофӣ нест. Тағйирот дар фаъолияти таълим бе дигаргуншавии муносибати омӯзгор имконнопазир аст. Маҳз, омӯзгор тартиб ва ҳадафи дарсро муайян сохта, муҳити мусоидро ташкил мекунад, то дар он хонанда фаъолона иштирок кунад, фикрашро иброз намояд, кӯшиш ба харҷ диҳад, худро санҷад ва боз тасмим бигирад. Аз ин рӯ, муносибати босалоҳият **нақши нави омӯзгорро** пешбинӣ менамояд — омӯзгор на ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки раҳнамо ва тарроҳи муҳити таълим аст.

Фарогирӣ як ҷузъи муҳимми муҳити таълим аст. Дарс наметавонад танҳо барои «хонандаи миёна» тарҳрезӣ шавад. Ҳар як синф гуногун аст: бархе хонандагон маводро зудтар мефаҳманд, ба дигарон вақти бештар лозим аст; бархе матни китобро тавассути хондан дарк мекунанд, дигарон онро тавассути баррасии шифоҳӣ беҳтар мефаҳманд. Вазифаи омӯзгор — тарҳрезии чунин супоришҳоест, ки барои ҳар як хонанда имкони фаъолият кардан мавҷуд бошад. Тарҳрезии чунин супоришҳо ҳамчун захира эътирофи гуногунии хонандагон мебошад. Вақте ки ҳар як хонанда имкони иштирокро дорад, сатҳи ҷалбшавӣ ва эътимод ба қобилиятҳои шахсӣ меафзояд.

Аз ин рӯ, муносибати босалоҳият нақши нави омӯзгорро талаб мекунад — на ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун тарроҳи вазъиятҳои таълимӣ.

**Дар амал он чӣ гуна аст?**

- Омӯзгор ҷавобҳои тайёрро пешниҳод намекунад, балки саволдиҳиро меомӯзонад.
- Дарсро тарзе ташкил мекунад, ки хонанда дар он муҳаққиқи матну забон аст.
- Супоришҳоеро интихоб менамояд, ки барои иҷрои онҳо бояд хонанда фикр ва баҳс кунад, шарҳ диҳад ва таҳлил кунад.
- Омӯзгор муҳитеро фароҳам меорад, ки хонанда аз пешниҳод кардани нуқтаи назари худ ҳарос надорад.

Биёед, баррасӣ кунем, ки муносибати босалоҳият дар мисоли як мавзуъ (забон ва адабиёт) дар амал чӣ гуна татбиқ мегардад. Мо мебинем, ки на фақат мазмуни супоришҳо, балки раванди дарс чӣ гуна дигаргун мешавад. Хусусияти ин мисолҳо дар он аст, ки як мавзуъ тавассути се вазъияти таълимӣ баррасӣ гардад, ҳар як мавзуъ ба хонанда имкон медиҳад, ки маводро ба тарзи нав омӯзад.

**Намунаи 1. Адабиёти тоҷик.** Мавзуъ: повести «Одина»-и Садриддин Айни (синфи 11)

| Мавзуъ | Супориш/Вазъияти таълим | Хонандагон чӣ кор мекунанд? |
|---|---|---|
| Повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ | Кор бо матн – монологҳои персонажро ёбед ва таҳлил кунед. | Ҷанбаҳои эмотсионалӣ ва мазмуни асарро муайян мекунанд. |
| Повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ | Мубоҳиса: баҳси ду персонаж — Кӣ ҳақ аст? | Мавқеи худро пешниҳод карда, далел меоранд. |
| Повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ | Лоиҳа «Тасвири персонаж дар асри XXI» | Лавҳа (постер) тартиб медиҳанд, то алоқамандии мақсади асарро бо замони муосир нишон диҳанд. |

**Намунаи 2. Забони тоҷикӣ.** Мавзуъ: Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда (Синфи 8)

| Мавзуъ | Вазъияти таълим | Хонандагон чӣ кор мекунанд? |
|---|---|---|
| Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда | Муколамаи персонажҳоро муқоиса кунед ва ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонед. | Нутқи айнан нақлшударо ба нутқи мазмунан нақлшуда бармегардонанд. |
| Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда | Саҳнача: рӯзноманигор мусоҳиба мегирад. | Сохтори нутқи мазмунан нақлшударо дар нутқи шифоҳӣ истифода мебаранд. |
| Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда | Пажуҳиши хурд: дар рӯзномаву нашрияҳо чӣ гуна иқтибос меоранд? | Намунаҳо меоранд, гурӯҳбандӣ мекунанд, шарҳ медиҳанд. |

Ин супоришҳо ба хонанда кумак мерасонанд, ки меъёрҳои забони адабиро омӯзад ва нутқи шифоҳиву хаттии худро инкишоф диҳад. Ҳангоми кор бо матни бадеӣ дарки мазмун, ташаккули ҳиссиёт (ҳамдилӣ, ҳамдардӣ ва ғ.), фикрронии таҳлилӣ ва тасаввуроту тахайюлот рушд ёбанд.

Вақте ки омӯзгорон намунаҳоро мебинанд, табиист, ки чунин саволҳо ба миён меоянд:

– Матн ва супоришҳоро аз куҷо ёбем?

– Барои иҷрои ин фаъолиятҳо вақтро чӣ гуна ба назар гирем?

– Оё ҳамаи онҳоро якбора истифода барем?

Ба ин саволҳо посухҳои умумӣ дода намешаванд. Ин модул китоби пухтупаз нест, ки дастурҳои дақиқ дошта бошад, балки шарҳи принсипҳоест, ки дар асоси онҳо омӯзгорон метавонад худашон таҷриба кунанд.

Муҳиммаш дарк кардани он ки **супоришҳоро мутобиқ ба имкониятҳои синфи** мушаххас бояд танзим кард. Ба як бор наметавон муваффақ шуд ва ин як раванди муқаррарист.

Дуюм, китоби дарсӣ танҳо нуқтаи ибтидоӣ аст. Барои татбиқи шаклҳои фаъоли кор, қариб ҳамеша *захираҳои иловагӣ ва дастрас* лозиманд — манбаъҳо, аёният, маводи аудио ва видео.

Сеюм, **интихоб ҳамеша ба ихтиёри омӯзгор** аст. Як омӯзгор метавонад ҳамаи се супоришро дар як дарси дусоата истифода барад, омӯзгори дигар танҳо як вазъияти таълимиро интихоб мекунад, масалан, нақшофариро ва вақти асосиро ба он мебахшад. Ва ҳар ду дуруст амал мекунанд. Зеро муҳим на шумораи супоришҳо, балки он аст, ки онҳо дар дарс чӣ гуна кор мекунанд.

Ва ниҳоят — вақт ҳамеша маҳдуд аст.

Ба ҳамин хотир, як қисми омодагӣ метавонад ба дӯши хонандагон гузошта шавад: маводро дар хона омӯзанд, нақшҳоро тақсим кунанд, далелҳоро фикр кунанд. Маҳз ҳамин тавр мустақилият ва фарогирӣ ташаккул меёбад.

*Маҳз он чизе, ки дар боло гуфта шуд, нишондиҳандаи маҳорати касбии омӯзгор аст: маҳорати интихоб кардан, мутобиқ намудан ва офаридани муҳите, ки дар он шогирд ба фикр кардан огоз мекунад.*

Агар оҳиста-оҳиста усулҳои навро татбиқ намуда, супоришҳоро мутобиқ ва дарсҳоро арзёбӣ кунем, бо гузашти вақт дар таҷрибаи педагогӣ тағйироти воқеӣ ба амал меоянд. Ин дигаргуниҳо зуд аён намешаванд, аммо тадриҷан унсурҳои асосӣ тағйир меёбанд: аз нақши омӯзгор то мақсадҳои дарс. Барои он ки ин гуна тағйирот тасодуфӣ неву мақсаднок бошанд, таҳияи меъёрҳо муҳим аст. Дар зер ҷадвале оварда шудааст, ки дар он гузариш аз тарзи анъанавӣ ба муносибати босалоҳият дида мешавад.

**Гузариш ба муносибати босалоҳият**

| Буд | Шуд |
|---|---|
| Омӯзгор маълумотро пешниҳод мекунад. | Омӯзгор фаъолияти таълимиро тарҳрезӣ мекунад. |
| Хонанда шунаванда аст. | Хонанда — фаъолона иштирок мекунад, шарҳ медиҳад. |
| Супориш: нақл кардан. | Супориш барои шарҳ, муқоиса ва далеловарӣ |
| Мақсад — бозгӯйӣ | Мақсад — истифода ва мулоҳизаронӣ |
| Таҳсил ба хотири баҳо | Таҳсил ба хотири натиҷа ва дарк кардан |

Оё инро методикаи нав номидан мумкин аст? Албатта, не! Ин муносибатест, ки дар он дониш ҳамчун восита ва дарс ҳамчун муҳит барои фикру мулоҳизаронӣ, гуфтор ва тафсиру шарҳи мазмун амалӣ карда мешавад.

Мо аз таҳлили адабиёт ва омӯзиши грамматика даст намекашем. Мо дар бораи он андеша мекунем, ки чӣ гуна ҳамаи инро тавре истифода барем, то хонанда воқеан фикр кунад, фаҳмаду дарк намояд ва бо забони аҳли адаб сухан гӯяд.

**Хулоса**

Муносибати босалоҳият дастурҳои мушаххаси тайёр нест. Он самтҳоро муайян мекунад, ки дар доираи онҳо омӯзгор таҷрибаи шахсии худро ташаккул медиҳад. Дониш дар ин раванд ҳамчун асос боқӣ мемонад ва дарс ба муҳите табдил меёбад, ки дар он хонанда дар амал ва баррасиҳо татбиқ карданро меомӯзад.

**ЗАМИМАИ 2.**

**Вазъияти таълим чист?**

**⇒ Ин чист?**

Вазъияти таълим фаъолиятест, ки омӯзгор махсус барои рӯ ба рӯ кардани шогирд бо савол, мушкилот ё супориш тарҳрезӣ мекунад. Ин на танҳо супориш, балки шароитест барои амал, андешаронӣ, интихоб ва баррасӣ кардан. Дар ин маврид диққати асосӣ на ба мазмуни китоби дарсӣ, балки ба фаъолияти шогирд равона карда мешавад.

**⇒ Вазъиятҳои таълим барои чӣ лозиманд?**

Барои он ки шогирд на танҳо такрор карданро омӯзад, балки таҳлил кунад, хулоса барорад ва тасмим гирад. Маҳз ба воситаи вазъиятҳои таълимӣ чунин салоҳиятҳо рушд меёбанд: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва маҳорати кор кардан дар гурӯҳ.

**⇒ Вазъиятҳоро чӣ гуна таҳия кардан мумкин аст?**

Вазъияти таълимии хуб ин:

- **супориши ҷолиб**ест ба вазъияти воқеӣ ё тахайюлӣ мувофиқ;
- **усулҳои омӯзиши фаъол**, аз қабили баррасӣ, лоиҳа, нақшофарӣ ё кор бо сарчашмаҳо;
- **натиҷаи озод**, ки равишу андешаҳои мухталифро фаро мегирад;
- **муҳтаво**: хонанда «дар нақш» ё «аз номи касе», «барои касе» амал мекунад.

**Намунаи 1. Адабиёт**

**Мавзуъ:** Нақши қаҳрамонӣ дар шеъри тоҷикӣ – синфи 8

**Вазифа:** Тассавур кунед, ки шумо муҳаррирони маҷаллаи адабӣ ҳастед. Барои саҳифае бояд мавод омода кунед. Омодагӣ бинед: шеъри дорои нақши қаҳрамониро интихоб намуда, онро мухтасар тавсиф кунед. Фаҳмонед, ки қаҳрамонӣ дар он чӣ гуна таҷассум ёфтааст ва бо арзишҳои ҳамон давра чӣ тавр пайваст аст.

**Хонандагон чӣ кор мекунанд?** Матнро хонда, таҳлил ва баррасӣ мекунанд, ақидаҳоро интихоб ва баён месозанд, матн меофаранд ва ё муаррифӣ омода мекунанд.

**Намунаи 2. Забони тоҷикӣ**

**Мавзуъ:** Сарф (морфология). Ҳиссаҳои нутқ – синфи 7

**Вазифа:** Тассавур кунед, ки шумо ҳамчун таҳиягарони як бозии таълимӣ барои хонандагони хурдсолед. Супоришҳое таҳия кунед, ки дар онҳо муайян кардани ҳиссаи нутқ зарур аст. Ҳиссаи нутқро аз рӯйи маъно ва шакл муайян кунед. Қоидаҳоро бо «забони бозӣ» шарҳ диҳед.

**Хонандагон чӣ кор мекунанд?** Маводро такрор намуда, супоришҳо ва тарзи иҷрои онҳоро таҳия мекунанд, қоидаҳоро муайян менамоянд, ба забони фаҳмо мутобиқ месозанд.

**Намунаи 3. Забони тоҷикӣ**

**Мавзуъ:** Имло. Қоидаҳои навишти калимаҳои мураккаб – синфи 9

**Вазифа:** Тассавур кунед, ки шумо муҳаррирони блоги мактабиед. Вазифаи шумо дар блоги худ бахши «Дуруст нависед!» омода кардан аст. 5 калимаеро интихоб намоед, ки одатан дар навиштани он ғалат мекунанд. Қоидаҳои навишти онҳоро фаҳмонед ва барои ҳар як калима мисоли хотирмон, тасвир ё аёнияте омода созед.

**Хонандагон чӣ кор мекунанд:** калимаҳоро бо ғалатҳои маъмулӣ меҷӯянд, қоидаҳоро такрор мекунанд, мефаҳмонанд, мисолҳо меоранд, маводро барои бахш омода карда, дунафарӣ ё дар гурӯҳ кор мекунанд.

Вазъияти хуби таълимӣ бо формулаи зерин сохта мешавад: **савол + нақш + ҳадаф + натиҷа**.

Ин ба хонанда имкон медиҳад на танҳо «донад», балки **амал кунад**.

Вазифаи омӯзгор фикр кардани қадамҳо, мавод ва дастгирӣ мебошад.

**ЗАМИМАИ 3.**

**Вазифаҳои дидактикии таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (синфҳои 5-11)**

Таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик на танҳо ба қоида ва хониши матнҳо, балки ба системаи вазифаҳои дидактикие, ки фаъолияти омӯзгоронро роҳнамоӣ мекунанд, асос ёфтааст. Ин вазифаҳо саводнокии забонӣ ва хониш, тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро инкишоф дода, шахси бомаърифатро тарбия мекунанд. Вазъиятҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки ин вазифаҳо дар амал чӣ гуна татбиқ карда мешаванд: як вазифа метавонад ҳамзамон якчанд вазифаҳои дидактикиро дар бар гирад ва ҳамзамон барои рушди салоҳиятҳои калидӣ, ба монанди муоширатӣ, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ мусоидат намояд. Барои равшан кардани моҳияти барномаи таълимии фаннӣ, дар зер вазифаҳои ҷудогонаи дидактикии забон ва адабиёт оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Вазифаҳои дидактикии таълими забони тоҷикӣ**

| Вазифаҳо | Таъинот / Шарҳи мухтасар |
|---|---|
| **1. Ташаккули саводнокии забонӣ** | Донистани қоидаҳои имло, аломатҳои китобат ва қоидаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; ташаккул додани малакаҳои дуруст баён кардани андеша |
| **2. Рушди салоҳиятнокии иртиботӣ** | Қобилияти гӯш кардан, фаҳмидан ва вокуниши мувофиқ дар ҳолатҳои гуногуни муошират (таълимӣ, ҳаррӯза, ҷамъиятӣ) |
| **3. Кор бо матнҳои жанрҳои гуногун** | Маҳорати таҳлил ва тафсири матнҳои илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ; рушди саводнокии функсионалӣ |
| **4. Рушди тафаккури интиқодии хониш ва хат** | Қобилияти шарҳ додани ғояи асосӣ, сохтани далелҳо, тасдиқи дурустии иттилоот; эҷоди матнҳои худ |
| **5. Иртиботи байнифарҳангӣ** | Фаҳмидани робитаи забони тоҷикӣ бо забонҳо ва фарҳангҳои ҷаҳонӣ; эҳтиром ба гуногунии забонҳо |
| **6. Истифодаи забон дар вазъиятҳои воқеӣ** | Истифодаи забон дар лоиҳаҳо, мубоҳисаҳо, суханрониҳои оммавӣ ва муошırати хаттӣ (эссе, мактубҳо, гузоришҳо, ҳолнома) |

Вазифаҳои дидактикии таълими забон, пеш аз ҳама, ба ташаккули муоширати салоҳиятнок ва функсионалӣ нигаронида шудаанд. Барои омӯзгорон муҳим аст, ки ба машқ кардани қоидаҳо маҳдуд нашуда, вазъиятҳоеро эҷод кунанд, ки дар онҳо забон ҳамчун воситаи шарҳдиҳӣ, баррасӣ ва мубоҳиса истифода мешавад. Дар дарсҳо метавон машқҳоро доир ба меъёрҳои нутқ бо супоришҳои мустақилонаи хаттӣ, муаррифиҳои шифоҳӣ ё баррасиҳои гурӯҳӣ якҷоя кард. Ин муносибат ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо суханронии дурустро аз худ кунанд, балки қобилияти дар таҳсил ва дар ҳаёт татбиқ намудани онро низ фароҳам оранд, ки бевосита ба рушди саводнокии функсионалӣ алоқаманд аст.

**Ҷадвали 2. Вазифаҳои дидактикии таълими адабиёти тоҷик**

| Вазифа | Таъинот / Шарҳи мухтасар |
|---|---|
| **1. Ташаккули саводнокии хониш** | Қобилияти дарк ва тафсири матни адабӣ, дарки сюжет, сохторбандӣ ва образҳои асар |
| **2. Рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ** | Қобилияти муқоиса кардани асарҳо, таҳлили мавқеи муаллиф ва хулоса баровардан |
| **3. Тарбияи арзишҳо ва ҳуввият** | Дарки анъанаҳои миллӣ, фарҳанг, меъёрҳои ахлоқиву маънавӣ тавассути адабиёт |
| **4. Рушди дарки зебоипарастӣ** | Қобилияти дарки воситаҳои тасвири бадеӣ, эҳсос кардани зебоии забон ва образҳо; ташаккули завқ |
| **5. Алоқаи адабиёт бо замони муосир** | Фаҳмидани ин ки асарҳои классикӣ ва муосир чӣ тавр ҳаёти ҷамъиятиро инъикос мекунанд ва масъалаҳои шахсии хонандаро чӣ гуна фаро мегиранд |
| **6. Баёни эҷодӣ** | Эҷоди тафсир, эссе ва лоиҳаҳои эҷодии худ дар асоси асарҳои адабӣ |

Вазифаҳои дидактикии таълими адабиёт на танҳо хондан ва таҳлили матнҳо, балки ташаккули муносибатҳои шахсӣ низ мебошанд. Барои омӯзгорон муҳим аст, ки дарсҳоро тавре ба нақша гиранд, ки дар он хонандагон дар асар на танҳо сюжет ва воситаҳои тасвири бадеӣ, балки саволҳоеро, ки ба таҷрибаи худашон алоқамананданд, бубинанд. Ин тавассути баррасӣ, муқоисаи тафсирҳо ва супоришҳои эҷодӣ ба даст меояд. Адабиёт василаи тарбияи арзишҳо, ташаккули тахайюлот ва худшиносӣ тавассути муколамаи фарҳангу шахсият мегардад.

**Хулоса**

Вазифаҳои дидактикии таълими забон ва адабиёти тоҷик дар якҷоягӣ фазои ягонаи рушди хонандагонро ташкил медиҳанд. Агар забон воситаҳои пурмазмун баён кардани андешаро таъмин кунад, адабиёт уфуқҳои фаҳмишро васеъ мекунад ва тамоюли арзишҳоро инкишоф медиҳад. Дар натиҷаи ба ҳам омадани онҳо таълим бо қоида ва матнҳо маҳдуд намешавад: он ба як муҳите табдил меёбад, ки дар он хонандагон фикр кардан, сухан гуфтан, фаҳмидан ва тафсир карданро меомӯзанд; мавқеи худро дар фарҳанг ва ҷомеа пайдо мекунанд.

Рӯйхати вазифаҳо махсус ба замима дохил карда шудааст, зеро он нақши дуҷонибаро иҷро мекунад: якум, ҳамчун воситаи мустақил барои омӯзгорон ҳангоми банақшагирии дарсҳо ва дувум, ҳамчун пайванде, ки ин модулро бо дигар мавзуъҳои курс мепайвандад. Ин тарз имкон медиҳад, ки забон ва адабиёт на дар алоҳидагӣ, балки ҳамчун як ҷузъи низоми рушди салоҳиятҳо баррасӣ карда шаванд, ки омӯзишро ҳамаҷониба ва умумифаннӣ мегардонад.

## Хулоса: натиҷаҳои асосӣ

1. **Муносибати босалоҳият** даст кашидан аз гирифтани дониш нест, балки истифодаи он дар амал аст.
2. **Таҳсилоти фарогир** ба эътирофи гуногунии хонандагон: қобилияти онҳо, суръати омӯзиш ва истеъдод асос меёбад. Он муҳитеро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҳама метавонанд дар омӯзиш иштирок кунанд ва ба натиҷаҳо ноил шаванд.
3. **Забон ва адабиёти тоҷик** на танҳо барои хонишу аз худ кардани қоидаҳо, балки барои рушди малакаҳои андешаронӣ, дарки ҳиссиёт ва муошират аст.
4. **Вазифаи омӯзгор** фароҳам овардани шароит барои муколама, таҳқиқ ва дарки мазмуни фаъолият аст.
5. **Вазъияти таълим** воситаи аввалиндараҷаи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим аст.
6. **Муносибати босалоҳият** дарсҳои забон ва адабиёти тоҷикро берун аз муассисаи таълимӣ ҳам манфиатовар мегардонад. Онҳо мазмуни таълимро бо ҳаёт алоқаманд мекунанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

### I. Дарки ғояҳои асосӣ

1. Дар машғулияти имрӯза чӣ ҷолиб буд ё чӣ шуморо ба тааҷҷуб овард? Чаро?
2. Аз супоришҳои пешниҳодшуда кадомашро дар фурсати наздиктарин дар дарси худ истифода бурдан мехоҳед?
3. Кадом ақида ба назари шумо самарабахш намуд?

***Шакли кор:** ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд*

### II. Худбаҳодиҳӣ ба таҷрибаи худ

1. Фаҳмиши шумо дар бораи нақши омӯзгор дар таълими муносибати босалоҳият чӣ гуна тағйир ёфт? Кадом ҷиҳат равшан ё фаҳмотар шуд?
2. Дар мактаби худ дар амалишавии муносибати босалоҳият дар дарсҳои забон ва адабиёт кадом душвориҳоро мебинед? Кадом амалҳоро айни замон барои бартараф кардани душвориҳо иҷро карда метавонед?

***Шакли кор:** баррасии дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд*

### III. Худбаҳодиҳӣ

1. Шахсан барои шумо чӣ фаҳмо ва муҳим гашт?
2. Ҷумлаи зерро пурра кунед:

«Пас аз ин дарс ман фаҳмидам, ки...» ё «Ман акнун ба таври дигар ба ... нигоҳ мекунам».

***Шакли кор:** Як супоришро интихоб карда, ба он хаттӣ ҷавоб диҳед.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.2.**

1. **Мафҳумҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред**

| Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|
| A. Салоҳиятнокӣ | 1. Маҳорати истифодаи дониш, маҳорат ва таҷриба барои ҳалли вазъиятҳои таълимӣ ва ҳаётӣ |
| B. Маърифати мутолиа кардан | 2. Қобилияти дарку фаҳмиш, таҳлил ва шарҳ додани матнҳои бадеӣ ва илмӣ-оммавӣ |
| C. Роҳнамо | 3. Омӯзгоре, ки муколамаро ба роҳ монда, дар пажуҳишу ҷустуҷӯй хонандаро дастгирӣ менамояд. |

**Ҷавоби шумо:** A — … ; B — … ; C — …

2. **Ғалатро муайян кунед. Ақидаеро, ки дар дарсҳои забон ва адабиёт ба муносибати босалоҳият мувофиқ нест, интихоб кунед.**
   A. Хонанда бояд таърифи ташбеҳро аз ёд кунад
   B. Хонанда матнро таҳлил ва фикри худро иброз мекунад.
   C. Дарс дар доираи муҳокима ва дарки мазмуни матни хондашуда ташкил шудааст.
   D. Омӯзгор муҳитеро ташкил мекунад, ки дар он хонанда фикрашро баён карда метавонад.

3. **Таърифро пурра кунед: Муносибати босалоҳият муносибатест, ки дар он на танҳо дониш, балки қобилияти ... аҳаммият дорад.**
   A. Мазмуни матнро зуд нақл кардан;
   B. Истилоҳоти назарияи адабиётро аз бар кардан;
   C. Истифода бурдани донишҳо аз фанни забон ва адабиёт барои баён кардани андеша ва ҳалли масъалаҳо;
   D. Мазмуни асарро беғалат нақл кардан.

4. **Кадоме аз супоришҳои дарси адабиёт ба муносибати босалоҳият мувофиқ аст?**
   A. Навиштани тарҷумаи ҳоли нависанда аз китоби дарсӣ;
   B. Таҳлили тарзи ифодаи ҳиссиёти муаллиф ба воситаи тасвирҳои бадеӣ;
   C. Рӯйнавис кардани матн бо риояи қоидаҳои имло;
   D. Ёфтани ҳиссачаҳо аз матн.

5. **Таърифро пурра кунед.** Раҳнамо омӯзгорест, ки:
   A. Ҳар як баёни хонандаро аз рӯйи меъёрҳои баҳогузорӣ арзёбӣ мекунад.
   B. Матнро мехонад ва онро аз аввал то ба охир шарҳ медиҳад.
   C. Вазъиятҳои таълимиеро таҳия мекунад, ки дар онҳо хонанда хулосаҳои худро мебарорад.
   D. Ҳангоми санҷиши хаттӣ барои рӯйнавис кардан иҷозат медиҳад.

6. **Шарҳи мувофикро муайян кунед: Кадом натиҷа рушди маърифати китобхонро нишон медиҳад?**
   A. Хонанда мазмуни матнро мувофиқи мазмуни матни китоб нақл мекунад.
   B. Хонанда маҳорати суханварии муаллифро шарҳ медиҳад.
   C. Хонанда таърифи навъҳои санъати маҷозро менависад.
   D. Хонанда таҳлили матнро аз интернет нусхабардорӣ мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ОМӮЗИШ:**
**3.** Супоришҳои навъи кушода ва ба рушди салоҳият нигаронидашуда **таҳия мекунед.**

### КОРИ АМАЛӢ: УСТОХОНАИ ПЕДАГОГӢ

**Вазифаи 1. «Тағйири вазифаҳо»** – Вазифаҳоро чӣ гуна ба муносибати босалоҳият мувофиқ кунем?

**Мақсад**: омӯхтани роҳҳои табдили вазифаҳои маъмулӣ ба вазифаҳои рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда

**Шакл**: кор дар дунафариҳо ва гурӯҳҳои хурд.

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Баррасӣ карда, вазифаҳои имконпазирро нависед.

**Қадами 2.** Табодули андеша намоед ва кори ҳамдигарро бо истифодаи санҷиши амалҳо/чек лист таҳлил кунед.

| Мавзуъ | Вазифаҳои анъанавӣ | Имкониятҳои баргардон |
|---|---|---|
| **Фолклори тоҷик** | Аз 3 хусусияти асосии афсонаҳои халқии тоҷикӣ ном баред. | Чун таҳиягарони барномаи радиоӣ барои кӯдакон, сенарияе эҷод кунед, ки персонажҳои афсонаҳои халқӣ дар бораи мушкилоти замонавӣ гуфтугӯ мекунанд (бо услуби хоси афсона). |
| **Тарҷумаи ҳоли Рӯдакӣ** | Лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакиро номбар кунед. | Шумо мураттиби донишнома (энсиклопедия) мебошед. Барои фасли «Шоирони нобиға» корте таҳия кунед, ки фаъолияти Рӯдакиро бо тавзеҳи кӯтоҳ, вале таъсирбахш пешниҳод намояд. |
| **Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ** | Дар матн пайвандакҳо ва пешояндҳоро пайдо кунед. | Шумо муҳаррирони блог ҳастед. Барои сомонаи мактабӣ мақолае дар бораи аҳаммияти пешоянду пайвандакҳо дар таҳияи матн нависед. |
| **Қоидаҳои навишти калимаҳои мураккаб** | 10 калимаи мураккабро муайян кунед ва нависед. | Тасаввур кунед, ки шумо таҳқиқгарони забон мебошед. Як таҳқиқи хурд таҳия намоед, ки дар он калимаҳои мураккаб бо мисолҳо аз матнҳои нависандагони замонавии тоҷикӣ таҳлил мешаванд. |

**Саволҳои санҷишӣ барои арзёбии вазифаҳои мутобиқшуда:**

| Меъёрҳо | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1.Оё супориш мундариҷаи мушаххас дорад (нақш, вазъият, мушкилот)? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё иҷрои он таҳлил, интихоб кардан, далелу асосро талаб мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3.Оё супоришро ба чанд тарз иҷро кардан мумкин аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4.Оё дар иҷрои супориш ба ҳаёти воқеӣ алоқамандӣ дида мешавад? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Вазифаи 2. «Мутобиқгардонии вазифаҳо»** – Чӣ гуна вазифаҳоро барои хонандагон мутобиқ кунем?

**Мақсад**: омӯхтани роҳҳои мутобиқ кардани вазифаҳои салоҳиятнокӣ ба қобилияти хонанда.

**Шакл**: кор дар дунафариҳо ё гурӯҳҳои хурд.

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Намуна ва шарҳи онро хонед: **саволҳои назоратӣ, гунаҳои мутобиқшуда**.

**Қадами 2. Як вазифаро** интихоб намуда, ба қобилияти хонанда мутобиқ кунед.

**Қадами 3.** Табодули андеша намоед ва кори ҳамдигарро бо истифодаи санҷиши амалҳо/варақаи санҷишӣ таҳлил кунед.

**НАМУНА**

**Мавзуъ:** Образи бадеӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ – синфи 11

| Таълими анъанавӣ | Муносибати босалоҳият |
|---|---|
| Мавзуъҳои асосии ашъори Лоиқ Шералиро номбар кунед. | Ҳамчун адабиётшиносон мавод барои саҳифаи тазкираи мактабӣ дар мавзуи мазкур омода кунед: Лоиқ Шералӣ барои ифодаи образи Ватан аз кадом тасвирҳо кор бурдааст? |
| **Фаъолияти хонанда:** Таҳлили матнҳо, интихоби воситаҳои ифода, шарҳи образҳои бадеӣ, таҳияи сохтор ва намуд, мубодилаи андеша кардан ва кор дар гурӯҳро меомӯзад. | |

**Шарҳи супориш.** Ин супориш ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо мазмуни шеърҳоро маънидод кунанд, балки онҳоро тавассути интихоб, таҳрир ва шарҳи тасвирҳои бадеӣ воқеан дарк намоянд. Супориш таҳлил ва эҷодро бо ҳам алоқаманд намуда, бо кори таҳлилӣ пайваст мекунад, дарки мазмуни матнро амиқ месозад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи талабот метавонад баланд бошад — хусусан дар қисми таҳлил ё намоиши аёнӣ. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд: Оё хонандагони ман аз уҳдаи иҷрои ин супориш мебароянд?

Биёед, барои фаҳмо шудан ба саволҳои назоратӣ мегузарем.

**Санҷиши амал/ Варақаи санҷишӣ:**

| Меъёр | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Оё хонандагон дар бораи ашъори Лоиқ Шералӣ **дониши заминавӣ** доранд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё онҳо тасвирҳои асосиро **ҷудо ва муқоиса карда, шарҳ дода метавонанд**? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Оё хонандагон барои **муҳокима кардан** ва **мулоҳизаи интиқодӣ** атрофи мазмуни ашъори Лоиқ омода ҳастанд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Оё онҳо таҷрибаи **кор дар гурӯҳ**, тақсими нақшҳо ва муҳокимаро доранд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Оё онҳо аз воситаҳои аёнӣ (рӯзномаи деворӣ, муаррифӣ) истифода бурданд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Оё онҳо **фикри худро дар шакли хаттӣ** (аннотатсия ё шарҳи кӯтоҳ) тартиб дода метавонанд? | ☐ | ☐ | ☐ |

Албатта, ин номгӯйи пурраи саволҳои имконпазир нест, вале ба ҳар ҳол **8 савол кифоя** аст, ки **ҳаҷм ва талаботи** супориш фаҳмида шавад (агар ҷавоби бештари саволҳо «не» бошад, он гоҳ супориш бояд аз нав дида шавад).

Муҳим аст: мутобиқсозӣ — ин содагардонӣ нест, балки қадамҳо барои **мувофиқсозӣ** аст, то супоришҳо бо **дарназардошти сатҳи душворӣ** ба хонандагон мувофиқ карда шуда, имкони бо онҳо кор кардан бошад. Бе душворӣ рушд намешавад, бе дастрасӣ — иштирок.

**Гунаҳои мутобиқсозӣ**

- ✓ Ба ҷойи саҳифаи мавзуӣ —омода кардани **муаррифии** хурд: «Васфи Ватан дар 2–3 байти шоир».
- ✓ Ба ҷойи шарҳи мухтасар — омода кардани як **мақолаи хурд** бо шарҳи тасвир.
- ✓ Ба ҷойи мақола — **мусаввара**: аз шеър мисраъ ё байтро иқтибосро оред + мусаввара + шарҳи мухтасар.
- ✓ Ба ҷойи мақола — **муколама бо муаллиф:** тасаввур кунед, ки шумо ба шоир 3 савол медиҳед.
- ✓ Ба ҷойи кори гурӯҳӣ — супориши **инфиродӣ** ё кори **дунафарӣ**.

**Имкони интихоб диҳед:** ҳар хонанда худаш интихоб мекунад, ки кадом шакли кор ба вай писанд аст — матн, нақша, тасвир ё пешниҳод ба таври шифоҳӣ.

**Як** супориши муносибати босалоҳиятро интихоб ва **мутобиқ созед**, то ба имкониятҳои шогирдон мувофиқат кунад.

**Адабиёт:**

1. **Мавзуъ:** Симои шоир дар адабиёти тоҷик – синфи 9

**Супориш:** Шумо мураттибони намоишгоҳи адабии «Шоир ва замон» ҳастед. Як шоири адабиёти тоҷики асри XX –ро интихоб кунед. Барои лавҳаи мактаб як матни мухтасар омода кунед: саҳми ин шоир дар чист, кадом мавзуъҳоро дар ашъораш баррасӣ кардааст ва ба ҷомеа чӣ гуна алоқаманд аст.

2. **Мавзуъ:** Қаҳрамонӣ ва фоҷиа дар адабиёти Ҷанги Бузурги Ватанӣ – синфи 8

**Супориш:** Тасаввур кунед, ки шумо бояд бахшида ба Рӯзи Ғалаба сенарияи барномаи радиоӣ омода намоед. Порчаеро аз асари нависандаи тоҷик дар бораи ҷанг интихоб кунед ва шарҳи кӯтоҳ таҳия кунед: матн дар бораи чист, дар бораи Ватан, поси хотири иштирокчиёни ҷанг чӣ гуфта шудааст.

**Забони тоҷикӣ:**

3. **Мавзуъ:** Ҳусни баён – синфи 8

**Супориш:** Шумо муҳаррирони блоги наврасонед. Нашре (пост) барои бахши «Лафзи шеъри дилбарӣ» омода кунед. Аз забони гуфтугӯйӣ, матни сурудҳо ё шеърҳо 3 намунаи маҷоз ё ташбеҳро мисол оред. Мазмун ва таъсири онҳоро шарҳ диҳед.

4. **Мавзуъ:** Матнҳо бо услубҳо ва жанрҳои гуногун – синфи 10

**Супориш:** Шумо мушовирони забони тоҷикӣ оид ба қоидаҳои имлоед. Ёддоште омода кунед: Фарқи услуби публисистӣ аз услуби бадеӣ. Мисолҳоро аз матнҳо (рӯзнома, асари бадеӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ) оред.

**Санҷиши амал/Варақаи санҷишӣ барои арзёбии вазифаи мутобиқшуда**

| Меъёр | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Оё дар супориш масъала/саволи воқеӣ ҳаст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё истифодаи донишҳо лозим аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Оё ҷой барои баҳс/аргументатсия ҳаст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Ин «супориш барои такрор» аст ё «барои фаҳмиш»? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Кадом захираҳо барои иҷро лозиманд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Оё супориш ба синфи ман мувофиқ аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Вазифаи 3. Пешгӯйии натиҷа**

**Мақсад**: омӯхтани **пешгӯйии натиҷа**и вазифаи салоҳиятнокӣ.

**Шакли кор**: Кор дар гурӯҳҳои хурд ё кори дунафарӣ.

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Як супориши анъанавиро аз мавзуъҳои забони тоҷикӣ ё адабиёти тоҷик интихоб кунед.

**Қадами 2.**Супоришро тарзе мутобиқ созед, ки

⇒ хонандагон амал кунанд;

⇒ мулоҳиза ронанд, таҳлил кунанд, баррасӣ намоянд.

**Қадами 3.**Натиҷаҳоро нишон диҳед: хонанда чиҳоро меомӯзад ва кадом малакаҳояш ташаккул меёбанд?

**Қадами 4.** Арзёбии кори ҳамдигар. Корҳои гурӯҳҳоро бо ҳам муқоиса ва таҳлил кунед.

**Матритса: «Супориш — Фаъолият — Натиҷа»**

| Супориши мутобиқшуда | Хонанда чӣ кор мекунад? | Натиҷа |
|---|---|---|
| **Мавзуъ:** Адабиёти асри XX – Эҷодиёти Мирзо Турсунзода<br>**Супориш:** Тасаввур кунед, ки шумо бахшида ба солгарди шоир барои ба навор гирифтан сенария омода мекунед. Шеърҳои маъруфи шоирро интихоб намуда, барои видеоролик матн тайёр кунед: ғояи асосии ашъори Мирзо Турсунзода ва аҳаммияти онҳо. | Шеърҳоро интихоб ва таҳлил мекунад, мавзуи асосии онро муайян карда, иқтибосҳо меорад, бо замони муосир алоқаманд карда, матн омода мекунад. | Бо матнҳои назмӣ ва шарҳи ҳоли адибон кор карданро меомӯзад. Малакаҳои баён кардани идеяҳо ва пешниҳод кардани онҳоро дар шакли расона рушд медиҳад. Малакаҳои гирдоварӣ ва интихоб карданро аз худ мекунад. |
| **Мавзуъ:** Услубҳои нутқ. Фарқи сабки бадеӣ аз услуби публисистӣ<br>**Супориш:** Ҷадвали муқоисавӣ омода кунед: Фарқи ин ду услуб дар чист? Ба ҳар кадоме ду мисол оред. | Хусусиятҳои услубҳоро муқоиса мекунад, мисолҳоро интихоб мекунад, тасниф мекунад, маълумоти аёнӣ (визуалӣ) омода мекунад. | Таҳлили сохтор ва услуби матнро меомӯзад. Малакаҳои муқоиса ва далел оварданро рушд медиҳад. Малакаҳои намоиши аёнии маълумотро аз худ мекунад. |
| Мавзуъ:<br>Вазифаи аслӣ: | | |
| | | |

**Санҷиши амал/Варақаи санҷишӣ барои арзёбии вазифаи мутобиқшуда ва натиҷаи пешгӯйишуда**

| Меъёрҳо | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Хонанда аз рӯйи ин супориш чӣ кор мекунад — бозгӯйӣ ё таҳлил? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё супориш ҷолиб аст ва ҳавасмандии хонандаро бедор мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Хонанда чиҳоро меомӯзад, кадом малакаҳояшро рушд медиҳад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Оё супориш ба синфи ман мувофиқ аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Чӣ тавр супориш бо дарназардошти синфи мушаххас сода ё мураккаб карда мешавад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Нақши омӯзгор ҳангоми иҷрои ин вазифа чӣ гуна аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Вазифаи 4. Иҷрои супоришҳои ба муносибати босалоҳият мувофиқ**

**Мавзуъ:** Қаҳрамон дар адабиёти тоҷик

ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМӢ: «Қаҳрамон аз нигоҳи ман»

Худро дар нақши аъзоёни доварони озмуни адабии мактабӣ тасаввур кунед. Вазифаи шумо — бо як муаррифии кӯтоҳ нишон диҳед, ки чӣ тавр як қаҳрамони адабӣ аз асри ХХ метавонад барои хонандаи муосир ҷолиб ва арзишманд бошад. Қаҳрамонро аз асари насрӣ ё назми адабиёти асри ХХ интихоб кунед.

**Кори гурӯҳӣ**

**Қадами 1.** Қаҳрамони асарро муайян кунед: порчаҳои муҳимро аз асар хонед ва хусусиятҳои симоро муҳокима намоед.

**Қадами 2.** Бонки далелҳо созед: ҳодисаҳо, андешаҳо, арзишҳо ва ғояҳои қаҳрамонро дар шакли далелҳо ҷамъ кунед.

**Қадами 3.**Ҷамъбаст кунед: баромади худро дар шакли суханронии кӯтоҳ ё ба тарзи визуалӣ, масалан бо руйнамо, рӯзномаи деворӣ ё видеоролики хурд омода кунед.

**Қадами 4.** Андеша кунед: кадом хислатҳои қаҳрамон дар замони муосир мубраманд? Оё онҳо арзишҳои миллӣ ва вазъи имрӯзаро инъикос карда метавонанд?

**Қадами 5.** Муаррифӣ кунед.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Шакли кор**: *кори мустақилона ё дунафарӣ. Баррасӣ/Ҷавобҳои хаттӣ.*

1. Кадоме аз супоришҳо бароятон шавқовар ва самаранок буд? Ҷаро?
2. Фарқи асосии муносибати босалоҳият аз таълими анъанавӣ дар чист?
3. Ҳангоми таҳияи супоришҳо кадом принсипҳоро ба назар мегиред?
4. Ҳангоми мутобиқ кардани супоришҳо ба кадом мушкилиҳо дучор шудед?
5. Дар дарсҳои минбаъда чиро омӯхтан мехостед?
6. Ҷумларо ба охир расонед:
   - *«Имрӯз ман дарк кардам, ки муносибати босалоҳият ин…»*
   - *«Акнун ман ба таълими забон/адабиёт ба тарзи дигар менигарам…»*

# МАВЗУИ 3

## Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳимманд ва чӣ гуна бо муносибати босалоҳият алоқамандӣ доранд

**Чиро донистан муҳим аст**

- Унсурҳо ва хусусиятҳои муҳити таълим ва омӯзиш
- Муҳити таълим ва муҳити омӯзиш: фарқият ва алоқамандии онҳо
- Таъсири муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳои хонандагон
- Мушкилоти маъмул ва монеаҳо дар ташкили муҳити таълим

**Чиро бояд тавонист**

- Муҳити таълим ва омӯзиширо фарқ карда, вазифа ва нақши онҳоро дар сохтори таълими босалоҳият фаҳманд.
- Таҳлили муҳити таълим: муайян карда тавонистани омилҳое, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунанд ё монеа мешаванд.
- Тарҳрезии муҳити омӯзиш бо ба инобат гирифтани мундариҷаи воқеӣ, ҳамкорӣ, фаъолиятҳои таҳқиқотӣ ва тафаккури таҳлилӣ.
- Танзими муҳит барои ҳадафҳои гуногун: кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, таълими амалӣ, муҳокима ва интихоби қарорҳо.

**Саволҳо барои мубоҳиса**

- Фарқи аслии муҳити таълим ва омӯзиш дар чист ва чаро ҳангоми тарҳрезии дарс ҳарду бояд ба назар гирифта шаванд?
- Чӣ гуна муҳити созгор тарҳрезишуда метавонад ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат кунанд?
- Кадом унсурҳои муҳити омӯзишӣ рушди мустақилият ва ташаббускории хонандагонро беҳтар мекунанд?
- Омӯзгор дар ташкили муҳити таълимие, ки ба муносибати босалоҳият дар таълим нигаронида шудааст, чӣ нақш мебозад?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ:

1. Муҳити омӯзиш ва таълимро фарқ карда, мақсад ва алоқаи онҳоро гуфта метавонед.
2. Таъсири муҳити таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои асосӣ шарҳ дода метавонед.
3. Душвориҳои маъмулро ҳангоми эҷоди муҳити таълим ва интихоби роҳҳои ҳалли онҳо мешиносед.
4. Эҷод ва таҳлил кардани муҳити таълимӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.

## Муқаддима

Зимни омӯзиши ин мавзуъ мо ба муҳити дарсҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт аз зовияи дигар менигарем. На ба он муҳите, ки дар он грамматика, матн, таърифу қоидаҳо омӯхта мешаванд, балки ба муҳити таълиме чашм меандозем, ки дар он шавқу ҳавас ба забону адабиёт, эҳтироми фарҳанг, малакаҳои андеша кардану баён намудани он ташаккул дода мешаванд.

Муҳити омӯзиш ва таълимро таҳлил карда, фарқи онҳоро муайян карда, мебинем, ки онҳо чӣ тавр дар рафтор, ҳавасмандӣ ва машғули кор будани хонандагон зоҳир мешаванд.

Ба рушди салоҳиятҳои асосии асри XXI (**тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, коммуникатсия ва ҳамкорӣ**) диққати махсус дода, мефаҳмем, ки муҳити таълим чӣ гуна ба ин малакаҳо мусоидат ва онҳоро таҳким мебахшад.

Дар ниҳоят, шумо тавассути рефлексия — ғояҳои асосиро дарк намуда, таҷрибаи педагогии худро арёбӣ мекунед ва барои амалӣ кардани муносибатҳои нав камари ҳиммат мебандед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълим** – низоми восита ва усулҳое, ки барои азхудкунии маводи таълимӣ истифода мешаванд: китоби дарсӣ, харитаҳо, супоришҳо, ҷадвалҳо, шарҳи омӯзгор ва тестҳо.

**Муҳити омӯзиш** – фазо ва шароите, ки дар дарс ба рушди тафаккур, ташаббус, шуурнокӣ ва ангеза (ҳавасмандӣ) мусоидат мекунад. Ин на танҳо захира, балки услуби муошират, имконияти интихоб, муҳокима ва кори гурӯҳӣ низ мебошад.

**Маърифат (забон ва адабиёт)** – қобилияти дарк, тағйир додан ва мақсаднок истифода намудани матнҳо. Андешаҳои худро шифоҳӣ ва хаттӣ баён кардан, таҳлили забон, услуб, сохтори матн ва алоқамандии забон, фарҳанг ва ҷаҳони муосирро муайян сохтан.

**Шарикӣ** – ширкати фаъолони хонандагон дар раванди таълим, таваҷҷуҳ ба мавзуъ, омодагӣ ба муҳокима, ибрози ақида ва ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли масъалаҳо мебошад.

**Саволҳо барои робитаи мутақобила (рефлексия)** – дарк намудани амалҳои шахсӣ ва раванди омӯзиш: чӣ ба даст омад, чӣ душвор буд, чиро фаҳмидам.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Фарқ кардани муҳити омӯзишӣ аз таълимӣ, фаҳмидани ҳадаф ва робитаи байни онҳо.
2. Шарҳ дода тавонистани таъсири муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳои асосӣ.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супоришҳо барои гурӯҳҳо:***

*Яке аз гунаҳоро интихоб намуда, супоришро иҷро кунед.*

| Гунаи 1: «Дарсе, ки ҳамаро бедор кард» | Гунаи 2: « Супоришҳои ҷолиб» |
|---|---|
| **Супориш.** *Аз дарсҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт лаҳзаеро ба хотир оред, ки дар он хонандагон бо шавқу ҳаваси бештар фаъолият карданд*<br><br>⇨ **Супориш чӣ буд?** (шарҳ диҳед) | **Супориш:** *Як супорише фикр кунед, ки хонандагонро ҷалб созад — шавқу ҳавасро бедор кунад, хоҳиши баҳс кардан, фикр кардану таҷриба карданро ташаккул диҳад.*<br>**Супоришро нависед** |
| **Чӣ бартарият дошт?**<br>• Хонандагон чӣ кор карданд?<br>• Шумо-чӣ?<br>• Дар ин дарс чӣ ҳамаро «бедор» кард? | **Дар гурӯҳ муҳокима кунед:**<br>• Бартарии супориш дар чист?<br>• Чаро он ба хонандагони шумо мувофиқ буд? |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.3-ро бо диққат хонед, сипас доир ба мазмуни он муносибати худро арзёбӣ кунед.**

**Варақаи иттилоотии 1.3**

### 1. Чӣ тарз муҳит дар ташаккули салоҳиятҳо таъсир мерасонад?

Чаро дар як маврид хонандагон бо завқ ба муҳокимаҳо шомил мешаванд, суол медиҳанд, фикрҳои нав пешниҳод мекунанду дар мавриди дигар хомӯш менишинанд, аз ғалат кардан меҳаросанд ё ҷавоби тайёрро мунтазир мешаванд? Дар бештари мавридҳо ин на ба барномаву китобҳои дарсӣ, балки ба он, ки **кӯдакон дар кадом муҳити таълим қарор доранд**, вобаста аст,

Имрӯз муносибати босалоҳият дар таълим дар аксар мамлакатҳои дунё асоси таҳсилот гардида истодааст ва Тоҷикистон низ истисно нест. Стандартҳои таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият таълиф шудаанд ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон амалӣ карда мешавад.

Ин ба мо, омӯзгорони забону адабиёти тоҷик чӣ медиҳад? Ин муносибатро чӣ тарз метавон дар шароити муассисаҳои муқаррарӣ амалӣ кард?

Таълими забон ва адабиёти тоҷик танҳо аз қоидаву таъриф ва асарҳо иборат нест. Он таълимест, ки тавассуташ хонанда фарҳангашро ва мавқеашро дар замони муосир пайдо мекунад. Ҳатто арзандатарин мавод ҳам самара нахоҳад овард, агар он дар ҳолате пешниҳод гардад, ки хонанда аз ғалат кардан ҳаросад ё ба моҳияти кори худ сарфаҳм наравад.

### Муносибати босалоҳият: сода ва фаҳмо

Муносибати босалоҳият дар дарсҳои забону адабиёти тоҷик сухан на танҳо дар бораи теъдоди қоидаҳои азхудкарда ё намуди мазмуни матн меравад, балки муҳим қобилияти фаҳмиши мазмуни асар, баёни андеша, гузаронидани муколама ва дарки мазмуни асари хондашуда аст.

Масалан, хонанда чӣ будани зарбулмасалро медонад.
*Оё ӯ шарҳ дода метавонад, ки:*

- маънои маҷозии он чист ва ба ҳаёти имрӯза чӣ алоқа дорад?
- дар куҷо метавонад онро истифода барад?
- арзишҳоеро, ки ба ботину рафтори ӯ наздиканд ифода мекунад?

Чунин супоришҳо дар таълими забон ва адабиёт аҳамият доранд, зеро на танҳо барои дар хотир гирифтан, балки барои фикр кардану эҳсос ва дарк кардан ёрӣ мерасонанд. Муносибати босалоҳият на танҳо маҷмуи қоидаву асарҳоро фаро мегирад, балки забону адабиётро ҳамчун васила андешаву мулоҳизаронӣ, дарки фарҳанги худ барои хонанда инъикос менамояд.

**«Салоҳиятҳои калидӣ»** – панҷ салоҳияти калидӣ **(**тафаккури интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ, маҳорати омӯхтан, муошират ва ҳамкорӣ**)**, ки дар ҷаҳони муосир муҳим ба шумор мераванд.

**Тафаккури интиқодӣ** — таҳлил кардан, муқоиса кардан, хулоса баровардан.
**Эҷодкорӣ** — навоварӣ, ёфтани роҳҳои ҳаллӣ ғайристандартӣ.
**Маҳорати омӯхтан** – муайян кардани ҳадафҳо, ба нақша гирифтани омӯзиши мустақилона, баҳо додан ба худ
**Коммуникативӣ (иртиботӣ)** — баён кардани андешаҳо, далел овардан, муҳокима кардан.
**Ҳамкорӣ** — кор дар гурӯҳҳо, ба созиш расидан, ақидаи дигаронро гӯш карда тавонистан .

Дар амалияи педагогӣ шумораи зиёди салоҳиятҳои калидӣ (универсалӣ, асосӣ, фарогир, ҳаётӣ) истифода мешаванд. Чаро маҳз чорогона +1 (4К+) салоҳиятҳои асосӣ интихоб шуданд. Шумо метавонед аз маълумоти махсуси иттилоотӣ, ки дар охири ин мавзуъ ҷойгир шудааст, ҷавобро ёбед.

## ЧАРО МУҲИТ АЗ МАЗМУН МУҲИМТАР АСТ?

Донистани қоидаҳои грамматикӣ ва дарки мазмуни матн муҳиманд, аммо тафаккур тавассути муҳокима, таҳлил ва ҷалби шахсӣ инкишоф меёбад. Дарки интиқодии матн на дар вақти нақл кардани хонанда, балки вақте инкишоф меёбад, ки атрофи мазмун мулоҳизаронӣ, муқоиса ва баён кардани фикр инкишоф ёбад.

Аммо маҳорати гуфтану гӯш кардан ба якборагӣ ба вуҷуд намеояд. Ташаккули ин маҳоратҳо таҷриба: муҳокима, бо овози баланд хондан, муколама, мубодилаи андешаҳоро талаб мекунад.

Маҳз чунин унсурҳо ба монанди муҳити дарс, услуби муошират ва хусусиятҳои супоришҳо муҳити омӯзишро ба миён меоранд, ки дар он забон на ҳамчун мавзуъ, балки чун воситаи муошират ва худшиносӣ мегардад.

Барои ин биёед ду вазъиятро дида бароем:

- Дар як синф хонандагон савол медиҳанд, андешаҳои худро баён мекунанд ва ба муҳокима ҳамроҳ мешаванд.
- Дар синфи дигар хонандагон хомӯшона дастури омӯзгорро интизор мешаванд, гуфтаи ӯро такрор мекунанд ва аз ғалат кардан бим доранд.

Ин **натиҷаи муҳитҳои гуногуни таълим** мебошад.

| | |
|---|---|
| *Агар дар синф:*<br>• Имкони озодона савол додан бошад;<br>• хонандагон аз ғалат кардан наҳаросанд;<br>• имкони интихоби бо кӣ чӣ тавр кор кардан бошад,<br>**он гоҳ эътимод ва ҳавасмандӣ пайдо мешавад,** кӯдакон иштирокчии фаъоли раванди таълим мешаванд. | *Агар дар синф:*<br>• хомӯшӣ ва интизом муҳим бошад;<br>• баҳо танҳо барои ҷавобҳои дуруст гузошта шавад;<br>• супоришҳо барои ҳама ягона бошанд,<br>ҳатто аз ҳама хонандаи кунҷкову ҳозирҷавоб ташаббус нишон нахоҳад дод. |

Бе инҳо **салоҳиятҳои калидӣ рушд нахоҳанд ёфт**.

Биёед, ҳар ду мафҳумро баррасӣ мекунем:

**Муҳити омӯзиш** —барои аз худ кардани донишҳои фаннӣ мусоидат мекунад:

*Ба он дохил мешаванд:*

✓ китоби дарсӣ, матнҳо, қоидаву таърифҳои сарфию наҳвӣ, таҳлили ҷумла, баёни омӯзгор;
✓ рушди маҳорат: хондан, босаводона навиштан, фаҳмидани сохтори забон, истифодаи меъёрҳои забони адабӣ.

**Муҳити таълим** тавассути забону адабиёт ба рушди шахсият мусоидат мекунад.
*Ба он дахл дорад:*

- ✓ хонанда андеша мекунад, савол медиҳад, алоқамандии асар (мавод) –ро бо ҳаёт муайян мекунад, нуқтаи назарашро баён месозад;
- ✓ дар муҳокимаҳо иштирок мекунад, дар гурӯҳ кор мекунад, гӯш карданро меомӯзад ва кӯшиш мекунад ӯро бишнаванд;
- ✓ матнҳои худ (қайдҳои фишурда, иншову ҳикоя)-ро эҷод мекунад, ва маҳз дар ҳамин ҷо нигоҳи шахсӣ, машқи баёни андеша пайдо мешавад.

**Барои он ки дониш ба салоҳият табдил ёбад, ҳар ду муҳит - ҳам омӯзиш ва ҳам таълим заруранд.**

Аммо мафҳумҳои абстрактӣ на ҳамеша имкон медиҳанд, ки дар амал мувофиқат гардидани онҳоро бинем. Биёед, якчанд мисолеро баррасӣ карда, пайгирӣ намоем, ки чӣ гуна унсурҳои анъанавии дарсҳои забон ва адабиёти тоҷикро дар муҳити таълим метавон дид ва чӣ гуна дар ин раванд салоҳиятҳои асосии хонандагон ба назар мерасанд.

***Намунаи 1.*** *Мавзуъ: УСУЛБҲОИ НУТҚ ВА НАВЪҲОИ МАТН (синфи 11)*

| Навъи муҳит | Раванд ва вазифаҳо |
|---|---|
| **Муҳити омӯзиш** | Хонандагон хусусиятҳои нақл, тасвир ва мулоҳизарониро меомӯзанд, аз матн мисолхо ёфта, аз китоби дарсӣ машқҳоро анҷом медиҳанд. |
| **Муҳити таълим** | Ба хонандагон супориш дода мешавад: «Ҷойи дӯстдоштаи шаҳр ё маҳаллаи худро тавсиф кунед» ва сипас ин матнро ба ҳикоя ё мубоҳиса табдил диҳед. дунафариҳо ба ҳамдигар шарҳ медиҳанд, ки кадом услуб наздиктар аст ва чаро. Муҳокима кунед, ки чӣ гуна забон барои баёни назари шахсӣ ёрӣ мерасонад. |

<u>Дар муҳити омӯзиш</u> тасаввурот дар бораи сохтори матн, маҳорати шинохтан ва корбурди услубҳои нутқ ташаккул меёбанд.

<u>Дар муҳити таълим</u> тафаккури интиқодӣ (таҳлили услуб ва интихоб), муошират (муҳокимаи мазмуни матн), ҳамкорӣ (фаъолияти дунафарӣ) ва эҷодкорӣ (навиштани матн бо ибрози назари шахсӣ) ташаккул меёбанд.

Намунаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки дар асоси як мундариҷа чӣ тавр сатҳҳои гуногуни фаъолиятҳои таълимӣ тартиб дода мешаванд. Вале ҳатто супоришҳои қолиб ҳам на ҳамеша, нишон медиҳанд, ки кадом салоҳиятҳо ташаккул меёбанд, хусусан агар дарс кӯтоҳмуддат ва дар шакли навишта (конспект) пешниҳод гардад.

Бинобар ин, дар қадами навбатӣ мо дақиқ муайян мекунем, ки кадом навъи супоришҳо ба муҳити таълим ва кадоме ба муҳити омӯзиш дохил мешаванд ва дар ҳар кадоми онҳо кадом салоҳиятҳои **калидӣ фаъол** мешаванд.

<u>Дар муҳити омӯзиш</u> шинохти матн, малакаҳои таҳлил кардан, дарки пайдарпайии хатти сужаи асар ва хислатҳои симоҳо ташаккул меёбанд.

<u>Дар муҳити таълим</u> тафаккури интиқодӣ (таҳлили образи қаҳрамон аз диди замони муосир), муошират (муҳокима дар гурӯҳ), ҳамкорӣ (навиштани номаи муштарак), эҷод (навиштани матн аз номи қаҳрамони асар) ташаккул меёбанд.

***Намунаи 2. Мавзуъ**: САДРИДДИН АЙНӢ. ПОВЕСТИ «ОДИНА» (синфи 11)*

| Навъи муҳит | Раванд ва вазифаҳо |
|---|---|
| **Муҳити омӯзиш** | Хонандагон повестро мехонанд, мазмунашро нақл мекунанд, гуфтору рафтори образи асосиро таҳлил карда, аз рӯйи мазмуни он ба саволҳо ҷавоб медиҳанд. |
| **Муҳити таълим** | Хонандагон муҳокима мекунанд, ки қаҳрамон ба кадом душвориҳо дучор шуд ва имрӯз бо кадом душвориҳо дучор меояд. Дар гурӯҳҳо хонандагон ба **Одина – навраси асри XXI** нома навишта, маслиҳат медиҳанд, ки худашро эҳтиёт кунад, дастгириашонро пешниҳод менамоянд.<br>Номаи ҳар гурӯҳ ба аҳли синф хонда мешавад. |

Дар муҳити омӯзиш салоҳиятҳои маърифатӣ (таҳлили матнҳои адабӣ, ба низом даровардани хусусиятҳои забонӣ), дарки алоқамандии сабабу натиҷа ташаккул меёбанд.

Дар муҳити таълим салоҳиятҳои муошират (суханрониҳо), ҳамкорӣ (кор дар гурӯҳ), тафаккури интиқодӣ (исботи мавқеи худ), эҷод (навиштани порчаҳои хурди бадеӣ ё эссе аз номи қаҳрамони асар) ташаккул меёбанд.

Тавре аз мисолҳои овардашуда аён аст, муҳити таълим худ аз худ пайдо намешавад, он вобаста ба интихоби супоришҳо, шакли фаъолият ва фазои синф ташаккул меёбад.

*Омӯзгор* дар маркази ин *раванд* қарор дорад. Маҳз ӯ муайян мекунад, ки дарс чӣ гуна мегузарад: бо бозгӯйии муқаррарӣ ё амалҳои боандешона.

Биёед, муфассалтар баррасӣ кунем, ки омӯзгор дар фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди салоҳиятҳо чӣ нақш мебозад.

## 2. ОМӮЗГОР БУНЁДГУЗОРИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

Салоҳиятҳо — на ҳамчун ҷузъи ҷудогона, балки дар доираи мазмуни фан ба қисми муҳими дарси муосир табдил ёфтаанд. Дар таълими забону адабиёт ин бараъло намоён аст: мо на фақат қоидаву таҳлили матнро меомӯзонем, **мо саводнокии забонӣ ва маърифати фарҳангиро ташаккул медиҳем.**

Мо дар хонандагон маҳорати **фикр кардан, эҳсос намудан, баён кардани андешаи худ**, амиқ фаҳмидани мазмуни матн ва дар инъикоси онҳо дидани зиндагиро рушд медиҳем.

Дар **муҳити таълим, ки кӯдакон дастгирӣ меёбанд,** мустақилона **хондан, андеша ва муошират** карданро меомӯзанд. Барои аз худ шудани малакаҳо ба кӯдакон **тавассути кор бо матнҳо, муҳокимаронӣ, навиштани иншоҳо ва бо дастгирии бевоситаи худ** омӯзгорон ёрӣ мерасонанд.

Барои он ки фазои андешаронӣ ва ҷустуҷӯ воқеан самаранок бошад, танҳо холисона ният кардан кофӣ нест. Муҳим фаҳмидани он аст, ки **маҳз кадом унсурҳо муҳити таълимро ташкил медиҳанд** ва онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо чӣ гуна зоҳир мешаванд. Дар поён ҷадвале бо унсурҳои асосӣ ва мисолҳои татбиқи онҳо дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

**Чӣ гуна муҳити таълимро дар дарсҳои забон ва адабиёт фароҳам орем?**

| Принсип | Дар дарсҳо чӣ бояд кард? |
|---|---|
| *Аз **саволҳои кушода** истифода баред* | — «Чаро қаҳрамони асар чунин рафтор кард? «<br>— «Оё матни мазкурро дигар хел фаҳмидан мумкин аст? «<br>— Рефлексия: « Бештар чӣ писанд омад? «, «Чиро фаҳмидан мушкил буд? «, «Кадом андеша ба фикри ту мувофиқ аст?» |
| *Ба **вазъиятҳои ҳаётӣ** такя кунед* | — Мавзуъҳои иншо ва муҳокимаҳои ба ҳаёти хонандагон алоқаманд: дар бораи интихоб, дӯстӣ, оила, адолат.<br>— «Агар бо ҷойи қаҳрамони асар мебудед, чӣ кор мекардед? «<br>— Алоқаи матн бо замони муосир ва таҷрибаи шахсӣ. |
| ***Имкони интихоб карданро** фароҳам оред* | — Интихоби матн барои хониш, шаклҳои супориш (эссе, нома, мусоҳиба, муаррифӣ).<br>— Гунаҳои мавзуъҳои иншо, тарзҳои баёни андеша.<br>— Ба ҷойи «ҷавоби дуруст» андешаҳои боасос пешниҳод кардан. |
| ***Муошират ва ҳамкориро** рушд диҳед* | — Корҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ: муҳокимаи матнҳо, арзёбӣ кардани иншои ҳамдигар, мубоҳисаҳои адабӣ.<br>— Якҷоя навиштани матнҳо, басаҳнагузории муколамаҳо, мубоҳисаҳои кӯтоҳ. |
| *Аз **навъҳои гуногуни матнҳо** истифода баред* | — Кор бо навъҳои гуногуни матн: бадеӣ, публисистӣ, суханрониҳо.<br>— Таҳияи матнҳои худ: номаҳо, ёддоштҳо, ҳикояҳои хурд, эссе. |

Усулу методҳои таълим танҳо як қисми кор мебошанд. Муҳим аст, ки на танҳо аз вазифа ва супоришҳо истифода барем, балки дарк намоем, ки онҳо дар амал ба хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Барои он ки муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳо мусоидат намояд, бояд раванди дарсро мушоҳида карда гӯш кунем, ки хонандагон чӣ гуна вокуниш нишон медиҳанд, чӣ гуна фикру ҳамкорӣ менамоянд.

Қисмати дигар нишон медиҳад, ки ба кадом аломатҳо таваҷҷуҳ бояд кард ва чӣ гуна метавон муайян намуд, ки фазои мусоид барои рушди салоҳиятҳои калидӣ воқеан фароҳам оварда шудааст.

**Чӣ тавр мефаҳмем, ки дар дарсҳои забону адабиёт муҳити таълим салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад?**

*Мушоҳида карда, ба худ саволҳо диҳед:*

- Хонандагон мазмуни асарро нақл мекунанд ё **дар бораи ғояи матн андеша меронанд**?
- **Оё андешаҳои худро баён мекунанд,** барои исботи онҳо далел меоранд?
- Дар корҳои дунафарӣ **ҳамдигарро гӯш карда**, нақшҳоро тақсим мекунанд?
- Савол медиҳанд: «Чаро қаҳрамон ин тавр рафтор кард? «, «Онро ба тарзи дигар фаҳмидан мумкин аст? «
- **Мазмуни матнро бо таҷрибаи худ ва замони муосир алоқаманд мекунанд**?

- **Худашон матн эҷод карда,** таассуроти худро тавассути нома, эссе ва иқтибосҳо баён мекунанд?
- Мефаҳманд, ки **чаро вазифаро иҷро мекунанд**, моҳияти онро сарфаҳм меравrouted?

Агар ҳатто ба қисме аз ин саволҳо ҷавоби тасдиқ диҳед, аллакай муҳити шумо барои рушди салоҳиятҳои калидӣ ва ташаккули салоҳиятҳои забониву фарҳангӣ мусоидат карда истодааст.

Барои дидани фарқиятҳои муҳити таълим ва муҳити омӯзиш, овардани нишондодҳои калидӣ дар ҷадвал аз манфиат холӣ нест. Ин имкон медиҳад, ки ҷанбаи техникии дарс (интиқоли дониш), мазмун ва рушди инфиродӣ (ташаккули малакаҳо, тафаккури забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ) алоҳида дида шавад.

**Муқоисаи ду муҳит: ОМӮЗИШ ВА ТАЪЛИМ**

| Унсурҳо | Муҳити омӯзиш | Муҳити таълим |
|---|---|---|
| *Мақсад* | Аз худ кардани қоидаҳои сарфиву наҳвӣ, омӯзиши асарҳо, инкишофи гуфтори адабӣ | Фаҳмиши мазмуни матн дар қиёс бо ҳаёт, инкишофи тафаккур, ташаккули муносибат ба маводи хондашуда |
| *Навъи вазифаҳо* | Иҷрои машқҳои имлоӣ, таҳлили образи персонаж аз рӯйи намуна | Тағйирдиҳии матн, муҳокимаи маъноҳо, эҷоди эссе, вазифаҳои эҷодӣ аз номи персонаж ва муколамаҳо |
| *Нақши хонанда* | Бозгӯйии иттилоот, иҷрои дастурҳо | Андешаи худро мегӯяд, ба кадом роҳ таҳлил карданро интихоб мекунад, мубоҳиса, муқоиса мекунад. |
| *Салоҳиятҳо* | Донишҳои фаннӣ ва қисман салоҳиятҳои муошират ташаккул меёбанд, | Салоҳиятҳои калидӣ бомаром рушд мекунанд. |
| *Ҳавасмандӣ* | Ҳангоми зиёд будани супоришҳои каммаҳсул ҳавасмандӣ кам мешавад. | Мубрам будани мавзуъ, имкони нишон додани мавқеи худ, озодона шарҳи худро пешниҳод кардан |
| *Арзёбӣ* | Санҷиши дурустии саволнома, нақл кардан ва таҳлил аз рӯйи нақша | Мантиқ, далеловарӣ, хулосаҳои шахсӣ иштирок дар муҳокимаҳо, рефлексия меафзояд. |

Ҷадвали боло танҳо барои муқоиса нест. Вай барои қайд кардани пешрафт дар муҳити таълим кумак мекунад:
- аз интиқоли дониш ба ҳамкорӣ,
- аз бозгӯйӣ ба дарки маъно,
- аз хонандаи иҷрокунанда ба хонандаи ширкаткунанда

Муҳити таълим муҳити омӯзишро иваз намекунад, балки онро пурра, амиқ ва бомазмун мегардонад. Маҳз ҳамгироии ду равиш дарси пурмазмун месозад: аз як тараф, заминаи сохтору фактологиро таҳким бахшад, аз тарафи дигар, фикрронӣ, ташаббусмандӣ ва шавқу ҳавамсмандиро рушд медиҳад.

Дар маркази муносибати босалоҳият на технологӣ, балки ҷаҳонбинӣ қарор дорад — эътимод ба он, ки хонанда на танҳо ба хотир мегирад, балки мулоҳиза меронад, эҳсос менамояд, интихоб мекунад. Вазифаи омӯзгор — барои ин фароҳам овардани фазои мусоид аст.

Ҳамин тарз, муҳити таълим маҷмуи усулҳо нест, балки **фарҳанги дарс** аст. Он андешаронӣ, кӯшишу талошро металабад ва дигаргуниҳои воқеиро ба миён меорад, ки чӣ гуна шогирд меомӯзад ва чӣ гуна омӯзгор рушд мекунад.

**ЗАМИМАИ 3.**

# СЕНАРИЯИ ДАРС

**Мавзуъ: Ҷонишинҳои ишоратӣ -** синфи 6

**Асос:** Ташаккули салоҳиятҳои **калидӣ** тавассути ҷонишинҳои ишоратӣ дар матнҳо ва таҳияи супориши эҷодӣ

**Мақсадҳои дарс:**

1. Аз худ кардани қоидаҳои сарф оид ба истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ (ин, он, ҳамин, ҳамон ва диг.).
2. Рушди малакаи истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.
3. Рушди тафаккури интиқодӣ ва муошират тавассути муҳокима ва супоришҳои амалӣ.
4. Эҷоди муҳити ҳавасмандкунанда, ки дар он хонандагон озодона савол дода, андешаи худро баён мекунанд.

**1. Фаъолгардонии дониш (10 дақиқа)**

**Усули «Қоидаро ҷӯё шав! «**

**Пешниҳоди намунаҳо:** Омӯзгор дар тахтаи синф чанд ҷумлаеро менависад, ки ҷонишинҳои ишоратӣ доранд.

**Пурсиши омӯзгор:**

- Ин калимаҳо чӣ умумият доранд (ин, он, ҳамин, ҳамон)?
- Барои чӣ дар ҷумла истифода мешаванд?

**Муҳокимаи хонандагон**: Ақидаҳои худро пешниҳод мекунанд.

**Хулосаи қоида:** Омӯзгор бо хонандагон қоидаеро таҳия мекунад: «Ҷонишинҳои ишоратӣ ба ашё, одам ё ҳодисаҳои мушаххас ишора мекунанд ва дар дақиқсозии маълумот кумак мерасонанд».

**2. Машқи сарфӣ (15 дақиқа)**

- **Супориш:** Ба хонандагон матн бо калимаҳои партофташуда пешниҳод мешавад, ки ҷойҳои холиро бо ҷонишинҳои ишоратӣ дар матн пурра кардан лозим аст.
- **Шарҳи омӯзгор:** Истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ вобаста ба шумора ва мавриди истифода.
- **Кори инфиродӣ:** Ҳар хонанда 3-тоӣ ҷумла месозад, ки дар онҳо ҷонишинҳои ишоратӣ истифода мешаванд.

**3. Усули «Нигористон» (20 дақиқа)**

**Истгоҳҳо:** Дар синф якчанд «истгоҳ» бо аёният (акс ё мусаввараи манзараҳо, ашё, шаҳрҳо ва ғ.) ташкил карда мешаванд.

**Супоришҳо барои ҳар як истгоҳ:**

∇ **Истгоҳи 1:** «Ин тасвирро бо истифода аз ҷонишинҳои ишоратӣ тавсиф кунед».
∇ **Истгоҳи 2:** «Ин ашёро бо он чизе, ки дар истгоҳи дигар мебинед, муқоиса кунед».
∇ **Истгоҳи 3:** «Кадом эҳсосро ин ва ё он воқеае, ки чанде пеш шумо аз сар гузарондед, ба вуҷуд меоранд?»

**Кор дар гурӯҳ:**

- Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карда, аз як истгоҳ ба дигараш ҷавобҳои худро сабт мекунанд.

**Намунаҳои ҷавобҳо:**

- «Ин манзара ба ман фасли хазонрезро ба хотир мекунад. Он дарахтон тасвирро зеботар менамоянд. «
- «Ҳамин пули болои дарё пули замонавӣ аст, ҳамон пул пули куҳна аст. «

**Муҳокима:**

- Пас аз иҷрои супориш ҳар як гурӯҳ тавсифи худро ба синф пешниҳод мекунад.
- Омӯзгор саволҳо медиҳад:
  - «Чаро шумо маҳз ин ҷонишинҳоро интихоб кардед? «
  - «Онҳо чӣ гуна ба дақиқсозии тавсиф ёрӣ мерасонанд? «

**4.Кори амалии мустақилона (15 дақиқа)**

**Супориши эҷодӣ:**

- Хонандагон ҳикояи хурд бо истифода аз ҷонишинҳои ишоратӣ менависанд. **Мавзуъҳо:** «Ин рӯзҳо дар мактаб» ё «Он рӯзи фаромӯшнашаванда».

**5. Рефлексия**

- Чӣ барои шумо мушкил буд?
- Чӣ бароятон нав буд?
- Фарқи назари шахсӣ аз матни расмӣ дар чист?

**Вазифаи хонагӣ:** Навиштани нома ба дӯст, бо тасвир кардани ҷойи дӯстдошта ё воқеаи аҷиб. Дар матн на кам аз 10 ҷонишинҳои ишоратӣ бошад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити омӯзиш — ин заминаи дониш аст,** бидуни он аз худ кардани асосҳои фан ғайриимкон мегардад. Он сохтор, мавод ва воситаҳоро таъмин менамояд.
1. **Муҳити таълим — фазои рушд, маъно ва ташаббус мебошад.** Маҳз дар ҳамин ҷо тафаккур ташаккул мёёбад, салоҳиятҳо рушд мекунанд ва ҳавасмандии воқеӣ барои омӯзиш пайдо мешавад.
2. **Забону адабиёт ин** танҳо имло ва нақл кардан нест, балки таълими ин фан дар бораи тафаккур, ҳиссиёт ва муколама бо атроф аст. Пас ин фаннест, ки барои рушди салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ, муошират ва ҳамкорӣ) муҳим аст.
3. **Муҳитро омӯзгор ташкил мекунад, на барномаи таълимӣ ё технология.**
4. **Салоҳиятҳо, ин асоси дарс мебошанд, на унсури иловагӣ.** Дарсҳое, ки тафаккурро рушд медиҳанд, то охири умр дар хонандагон боқӣ мемонанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои асосӣ**

1. Ба фикри шумо, фарқи асосии муҳити омӯзиш аз муҳити таълим дар чист? Кӯшиш кунед, ки андешаҳои худро барои ҳамкасбон бо як-ду ҷумла ифода намоед.
2. Кадом мисолҳои матн ба шумо фаҳмо ё ба таҷрибаи шумо наздик буданд? Чаро?
3. Мисоле оред, ки дар он муҳити таълим барои рушди салоҳиятҳои калидӣ дар дарсҳои забону адабиёт мусоидат менамояд.

***Шакли фаъолият:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Таҷрибаи худро арзёбӣ кардан**

1. Кадом унсурҳои муҳити омӯзиш дар дарсҳои шумо самараноканд?
2. Кадом усулеро, ки ба муҳитии таълим созгоранд, аллакай истифода мебаред?
3. Айни замон кадом шароит барои ташкили муҳити таълим (масалан, норасоии вақт ва мавод, хусусиятҳои барномаҳо) ба шумо халал мерасонанд?

***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила бо ҳамнишин.*

Ҷавоби ду саволи аввалро дар ҷадвали зер нависед:

| Аллакай истифода мешаванд | Мехоҳам таҷриба кунам | Душвориҳо ба назар мерасанд |
|---|---|---|
| | | |

**III. Гузариш ба амал**

1. Дар фурсати наздиктарин дар дарсатон чиро иваз карда метавонед (ҳатто агар он навъи супориш ё савол ҳам бошад)?
2. Кадом фаъолиятро (корҳои лоиҳавии хурд, нақшофарӣ, муҳокимаҳо, интихоби супориш) озмудан мехоҳед?
3. Ба иттиҳодияи методӣ ё барои муҳокимаи ҳамкасбон чиро пешниҳод мекунед?

***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар гурӯҳҳои хурд*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.3**

*Як ё якчанд ҷавоби дурустро қайд кунед.*

**1. Кадом унсурҳои овардашуда ба муҳити омӯзиш дахл дорад?**

A. Навиштани нома ба персонажи асар
B. Иҷрои машқҳои имлоӣ
C. Шарҳи қоида аз ҷониби омӯзгор
D. Муҳокимаи мазмуни матн дар гурӯҳ бо изҳори нуқтаи назари шахсӣ

**2. Вазифаи асосии муҳити таълим инҳоянд:**

A. Санҷиши дониш аз рӯйи мавзуъ
B. Иҷрои машқҳо ба таври муқаррарӣ
C. Ташаккули тафаккур, хониши бошуурона ва муколама
D. Омодагӣ ба нақл кардани мазмун

**3. Натиҷаи муҳити таълим кадом аст?**

A. Дуруст муайян кардани санъатҳои бадеӣ дар матн
B. Қобилияти тафсир намудани матн, савол додан ва баён кардани ақида
C. Донистани истилоҳҳои адабиёт
D. Таҳлили мушаххас аз рӯйи намуна

**4. Чаро мувофиқ гардондани муҳити таълим ва омӯзиш муҳим аст?**

A. Барои ба кори санҷишӣ беҳтар омодагӣ дидан
B. Барои пешрафти донишҳои таълимӣ
C. Барои алоқаманд кардани дониш бо тафаккур ва рушд додани салоҳиятҳои калидӣ
D. Барои рангин кардани дарсҳо

**5. Агар хонанда рафтори образи асарро муҳокима карда, хулосаҳои асоснок барорад, кадом салоҳият ташаккул меёбад?**

A. Тафаккури эҷодӣ
B. Ҳамкорӣ
C. Муошират
D. Тафаккури интиқодӣ

**6. Дар кадом супориш тафаккури эҷодӣ бештар мушоҳида мешавад?**

A. Таҳлили мазмуни матн аз рӯйи нақша
B. Аз номи персонажи матн навиштани нома ба замони муосир
C. Нақл кардани мазмуни матн
D. Ба саволҳо аз рӯйи мазмуни матн ҷавоб додан

**7. Барои рушди ҳамкорӣ чӣ ёрӣ мерасонад?**

A. Хониш ва ҷавоби фардӣ
B. Кори гурӯҳӣ доир ба таҳияи муколамаи персонажҳо
C. Кор бо матн аз рӯйи қолаб
D. Дар хона навиштани иншо

**8. Нишонаҳои муҳити таълим инҳоянд:**

A. Риояи қатъӣ аз рӯйи нақшаи иншо
B. Баҳо танҳо барои дурустии кор
C. Имкони интихоб, муҳокима, кор бо якчанд нуқтаи назар
D. Дастгирӣ ҳангоми ғалат кардан ва рефлексия

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

3. Шинохти мушкилоти маъмулӣ ҳангоми эҷоди муҳити таълим ва интихоб намудани роҳҳои рафъи онҳо



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супориш барои гурӯҳҳо:** Ҳар як ақидаро хонед. **Дуруст ё нодуруст** будани онро қайд карда, барои шарҳ додани фикри худ омода бошед.

**Ақидаҳо:**

1. Бе маводи иловагӣ (тасвирҳо, манбаъҳо, руйнамоҳо) муҳити таълимро ташкил кардан ғайриимкон аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

2. Муҳити таълим танҳо дар дарсҳое мешавад, ки кори лоиҳавӣ ё муҳокимаро дар бар гирад.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

3. Дар синфҳои хонандааш зиёд ва гуногун наметавон шароити ҳамкориро фароҳам овард.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

4. Агар хонандагон як супоришро аз рӯйи як қолаб иҷро кунанд, муҳити таълим равшан аён намешавад.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

5. Агар хонанда дар дарс ғалат кунад, бояд фавран ислоҳ карда шавад, то дигаронро гумроҳ накунад.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

6. Саволҳои кушода ва супоришҳои ғайримуқаррарӣ он гоҳе муфиданд, ки дар синф хонандагони «пурқувват» ва ваҷҳиёт бошанд.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

7. Агар дар синф оромӣ ва интизом набошад, пас дарс бесамар аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

8. Ҳатто бе тағйир додани супоришҳо ташкил кардани муҳити таълим имкон дорад, муҳим тарзи пешниҳоди супориш аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.3а-ро бодиққат хонда, бо истифодаи саволҳои робитаи мутақобила муҳокима кунед.**

**Варақаи иттилоотии 1.3 а**

1. **Монеаҳои муҳити таълим: таҳлили мушкилот ва қадамҳо барои дигаргунӣ**

Муҳити идеалӣ на ҳамеша ба воқеият мувофиқат мекунад? Ин табиист. Биёед, ошкоро дар бораи душвориҳое, ки омӯзгорон ҳангоми татбиқи муҳити таълим ва рушди салоҳиятҳои калидӣ дар шароити мактаб рӯ ба рӯ мешаванд, суҳбат кунем. Ҳамзамон, роҳҳои сода ва воқеиро аз назар мегузаронем, ки ба омӯзгорон ва хонандагон имкон медиҳанд, ки ба пеш ҳаракат кунанд.

### 1. Норасоии вақт

***Мушкилот:*** *Китоби дарсӣ ҳаҷман калон аст, аммо вақти дарс маҳдуд. Ҳангоми банақшагирии кори лоиҳавӣ ё муҳокима дар сар андеша мечархад: «Барои гузаштани ин мавзуъ вақтамон намерасад».*

**Чӣ бояд кард?**

- Пешниҳоди **супоришҳои хурд** – кӯтоҳ, вале пурмазмун. Масалан, ба ҷойи нақшофарӣ – баҳси 5-дақиқагии дунафарӣ бо саволи «Оё рафтори Рустами паҳлавон, ки боиси фоҷеа шуд, дуруст мешуморед?» (синфи 8).
- Ворид кардани **унсурҳои муҳити таълим** ба супоришҳои муқаррарӣ. Масалан, ҷадвали «Сабаб – Рӯйдод – Натиҷа» метавонад бо саволи хулосавӣ анҷом ёбад: «Чӣ гуна амали судхӯр Қорӣ Исмат ба зиндагии дигар қаҳрамонони асар таъсир расонд ва дар бораи вазъи иҷтимоии он замон ба мо ин асар чӣ мегӯяд? » (синфи 11).
- **Тақсим кардани фаъолиятҳои ҳаҷман калон** ба марҳилаҳо:
    - Дар дарси якум – таҳлили сохтори ҷумлаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ, муайян кардани хусусиятҳо ва овардани мисолҳо аз асари бадеӣ.
    - Дар дарси дуюм – таҳия ва муаррифии лоиҳаи хурд: сохтани ҷадвал ё нақшае, ки хелҳои ҷумлаҳои мураккаб ва вазифаҳои онҳо дар забон нишон дода шудааст (синфи 9).

**Хулоса: шарт нест, ки яку якбора ҳама чиро тағйир диҳед.** *Ҳатто 5 дақиқа муколамаи озод муҳити таълимро ба вуҷуд оварда метавонад.*

### 2. Хонандагон ғайрифаъоланд ё ба озодӣ одат накардаанд.

***Мушкилот:*** *Фаъол намудани хонандагон басо душвор аст. Онҳо ҷавоби дурустро интизоранд, аз галат кардан меҳаросанд, хоҳиши гуфтан надоранд.*

**Чӣ бояд кард?**

- Оғоз кардан бо **саволҳои кушода**, ки ҷавоби дуруст ё нодуруст надоранд. Масалан: «Дар ин мавзуъ шуморо чӣ ба ҳайрат овард? » ё «Кадом қисмат муҳимтар ба назар мерасад? »
- Истифодаи **гузариши ботадриҷ**, масалан, аввал навиштани ҷавоб дар дафтар, баъд муҳокимаи дунафарӣ, сипас бо аҳли синф.
- Таъкид намоед, ки **ғалат кардан падидаи маъмулӣ аст.** Метавонед чунин гӯед: «Мо дар ҷустуҷӯйи танҳо як ҷавоби дуруст нестем, балки фикр ва муқоиса карданро меомӯзем».
- Ҷалби **шаклҳои ғайрианъанавӣ** ҳаросро кам мекунад ва тасаввуротро меафзояд, масалан, як пурсиш: «Агар устод Рӯдакӣ дар асри XXI эҷод мекард, кадом мавзуъҳои осори ӯ имрӯз ҳам муҳим маҳсуб мешуданд? »

**Хулоса:** Муҳим он аст, ки муҳити бехавф ташкил шавад. Аввал як хонанда фикрашро мегӯяд, баъд дигаре, пас аз он – аҳли синф.

### *3. Норасоии маводи иловагӣ*

***Мушкилот*:** *Иҷрои бисёр супоришҳо ба манбаъҳо, тасвирҳо ва мавод ниёз доранд, вале дар мактаб танҳо китоб ва тахтаи синф мавҷуд аст.*

**Чӣ бояд кард?**

- **Истифодаи маводи мавҷуда**: Аз китоби дарсӣ маводи иловагӣ таҳия кардан мумкин аст. Масалан, порчаи матнро ҳамчун «нуқтаи назари муаллиф» оид ба пайдоиши калима барои таҳлил гирифтан мумкин аст. Баъд аз хонандагон хоҳиш кардан мумкин аст, ки мисолҳои ҳаётӣ ё мисол аз асари бадеӣ оранд.
- **Супоришҳо бо тасаввурот**: Масалан, тартиб додани лавҳаи эълон барои конфронси илмӣ «Абӯалӣ ибни Сино: саҳми ӯ дар фалсафа ва тиб». Аз кадом рамз ё иқтибосҳо истифода мебурдед?
- **Гирдоварии мавод бо ёрии хонандагон**: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз хона ё интернет тасвирҳо, матнҳо ва иқтибосҳо аз рӯйи имкониятащон биёранд.
- **Ҳамкорӣ бо ҳамкасбон**: Таъсиси **бонки сарчашмаҳо** (масалан овардани порчаҳо аз асараҳои адибон: порчаи ҳикоя, шеърҳо, мақолҳо, нақшаҳои таҳлили сарфию наҳвӣ) барои мавзуъҳои синфҳои 7–11.

**Хулоса:** Ҳатто захираҳои камро ба муҳити таълим табдил додан мумкин аст, агар барои андеша кардан онро ҳамчун нуқтаи оғози кор истифода бурд.

### 4. Дар синф хонандаҳо гуногунанд: хонандагони қавӣ ва суст

***Мушкилот*:** *Бархе зуд супоришро иҷро мекунанд, баъзе тамоман иштирок намекунанд. Баъзе хонандагон фаъоланд, бархе хомӯш.*

**Чӣ бояд кард?**

- **Таҳияи супоришҳои гуногун**: Яке ҷадвал бо хислатҳои қаҳрамонҳои асар таҳия мекунад, дигаре муколамаи ду симои асари бадеиро менависад, сеюмӣ – аз номи қаҳрамони асар нома менависад. Ҳама супоришро иҷро мекунанд.
- **Муайян кардани нақшҳо дар гурӯҳ**: Яке таҳлил мекунад, дигаре менависад, сеюмӣ – муаррифӣ мекунад. Ин ба ҳар нафар имкон медиҳад, ки манфиаташро ба гурӯҳ расонад.

- **Таҳияи супоришҳои гуногунсатҳ**: Як супориши муқаррарӣ + як супориши мураккаб барои хоҳишмандон. Масалан, дар мавзуи «Калимаҳои сермаъно дар забони тоҷикӣ»:
    - Яке мисолҳоро аз китоб ё матнҳо меҷӯяд.
    - Дигаре ҳикояи хурд менависад, ки дар он як калимаи сермаъно бо маъноҳои гуногун истифода шудааст. (синфи 5).

**Хулоса:** Дар муҳити таълим «ҳама як хел» нест, балки **«ҳар кас мувофиқи имконияташ» амал мекунад.** Яъне, ҳама иштирок мекунанд.

### 5. Фарҳанги суннатии муассисаи таълимӣ навовариро дастгирӣ намекунад.

***Мушкилот***: *Маъмурият дарси орому сокит мехоҳад. Волидайн мегӯянд: «хонандагон бояд донанд бас». Ҳамкасбон мегуянд: «Барои чӣ худро ин қадар заҳмат медиҳӣ?»*

**Чӣ бояд кард?**

- Бе шӯру исён, бо рафтори нарм, оромона шуруъ кардан: Бигзор он муҳокимаи мавзуъ ба ҷои бозгӯйии матн, ё имкони интихоб аз ду супориш бошад. Метавон ҳатто барои 10-дақиқа мубоҳиса ташкил кард.
- Пешниҳоди натиҷа: Пас аз лоиҳа – таҳияи рӯзномаи гурӯҳ, пешниҳоди муаррифӣ ё мусоҳиба. Инро метавон ба волидон ё дар шурои омӯзгорон намоиш дод. Ё дар шабакаи иҷтимоии Facebook ё Instagram гузошт.
- Бо ҳамфикрон муттаҳид шудан: Гузаронидани дарси кушод ё муҳокимаи усул дар вохӯрии методӣ.
- Ба стандартҳо ва ҳадафҳои нави соҳаи маориф дар Тоҷикистон такя кардан – онҳо аллакай ба рушди салоҳиятҳои калидӣ нигаронида шудаанд.

**Хулоса***: набояд танҳо ҳаракат намуд. Бояд қадамҳои пайдарпай гузошта, фарҳангеро сохт, ки дар он хонанда фикр мекунад, на танҳо ҷавоб медиҳад.*

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Шароити идеалӣ вуҷуд надорад.** Муносибати босалоҳият дар таълим на дар бораи комилӣ, балки дар бораи интихоби маъно аст. Ҳатто дар шароити маҳдуд низ метавон саволи навъи кушода дод ё имкони интихоби супориш ё шакли фаъолиятро пешниҳод кардан вуҷуд дорад.
2. **Ғалатҳо, гуногунӣ дар ҷавобҳо ва муҳокимаи андешаҳо нуқсон нест, балки нишонаи муҳитест, ки дар он салоҳиятҳо ташаккул меёбанд.**
3. **Ташкили муҳити таълим равандест**, **ки аз дарки таҷрибаи шахсӣ оғоз меёбад**. Тағйироти хурд дар муносибат метавонанд ба ҷалби бештар ва фаъол шудани хонандагон сабаб шаванд.
4. **Монеаҳо дар роҳи ташаккули муҳити таълимӣ сарбаста нестанд, балки роҳнамо барои ҷустуҷӯйи ҳалли масъала мебошанд.** Ҳатто дар шароити маҳдудияти вақт ва захираҳо ҳам, метавон «нуқтаи воридшавӣ» ба тағйиротро пайдо кард.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Таҳлили мундариҷа**

1. Кадом мушкилот ё душвориҳои баррасишуда ба шумо шиносанд? Чӣ барои шумо ғайричашмдошт буд?
2. Кадом ақида ё роҳи ҳал ба назаратон бештар муфид ва воқеӣ ба назар мерасад? Чаро?
3. Кадом андеша дар бораи муҳити таълимро шумо рад мекардед? Ё, баръакс, тасдиқ мекардед?

**Шакли кор:** муҳокимаи кори дунафара ё дар гурӯҳҳои хурд.

**II. Арзёбии таҷрибаи шахсӣ**

1. Кадом душвориҳо бештар пеши роҳи ташкили муҳити таълимро дар синфи шумо мегиранд?
2. Аз кадом усулҳои пешниҳодшуда барои бартараф кардани монеаҳо аллакай истифода бурдаед? Кадомаш самара дод, кадомаш не?

**Шакли кор:** муҳокимаи кори дунафара ё дар гурӯҳҳои хурд.

**III. Банақшагирии амалҳо**

1. Кадом тағйироти мушаххасро шумо метавонед ба сохтори дарс ворид кунед, то шароит барои рушди салоҳиятҳои калидӣ бештар шаванд?
2. Аз кадом қадами хурд шумо дар наздиктарин фурсат дар дарси худ амалӣ карда метавонед?
3. Бо ҳамкасбон кадом ҷанбаро муҳокима хоҳед кард, то ки ба сӯйи дигаргуниҳо танҳо раҳсипор нашавед?

**Шакли кор:** муҳокимаи кори дунафара ё дар гурӯҳҳои хурд.

# МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**
4. Эҷод ва таҳлил кардани муҳити таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.

## КОРИ АМАЛӢ: ТАҲРЕЗИИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

**СУПОРИШИ 1.** Муҳит ташкил ёфт: дарс чӣ гуна мегузарад?

**Мақсад:** омӯхтани **фарқи** муҳити таълим ва муҳити омӯзиш; **дарёфти** унсурҳое, ки барои ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд ё халал мерасонанд

**Шакл:** Кор дар гурӯҳҳо.

**Супориш:** Хондани сенарияи дарси пешниҳодшуда.

*Муҳокима дар гурӯҳ:*

1. Кадом унсурҳои **муҳити омӯзиш** ва **муҳити таълим** дар дарс дида мешаванд?
2. Кадоме аз **салоҳиятҳои калидӣ** дар чунин вазъият рушд мекунад ва кадомаш не?

**Сенарияи дарс**

Хонандагони синфи 11 достони **«Ғалабаи Таня»**-и Абулқосим Лоҳутиро мегузаранд. Дарс мувофиқи китоби дарсӣ таҳия шудааст:

Омӯзгор интихобан порча аз достони **«Ғалабаи Таня»-** ро қироат карда, мазмуни достонро мухтасар нақл мекунад. Хонандагон ҷадвали «**Образ –Мавзуъ – Ғоя»** - ро пур мекунанд. Сипас пурсиши умумӣ гузаронда мешавад. Бештари хонандагон **бо дили нохоҳам ҷавоб** медиҳанд, муҳокима дида намешавад. Омӯзгор ҷиҳатҳои асосии эҷодиёти Лоҳутиро дар адабиёт хулоса карда, мавзуъро ҷамъбаст мекунад. Дар анҷом ҳамчун вазифаи хонагӣ хондани порчаи достон ва ҷавоб додан ба саволҳо супорида мешавад.

**Саволҳо барои таҳлил:**

1. Дар ин дарс кадом муҳит назаррас аст: **муҳити омӯзиш** ё **муҳити таълим**?
2. Кадом унсурҳои муҳити таълим дар ин дарс вуҷуд надоранд?
3. Барои рушд кардани ҳадди ақал яке аз салоҳиятҳои калидӣ чиро тағйир додан мумкин аст?
4. Дар синф чӣ гуна фазо эҳсос мешавад?

## СУПОРИШИ 2. Банақшагирии муҳити таълим

**Мақсад:** банақшагирии як лаҳзаи дарси **забон ё адабиёти тоҷик**, ки дар он **муҳити омӯзиш** ва **муҳити таълим** мувофиқат карда, салоҳиятҳои **калидӣ ташаккул ёбанд.**

**Шакл:** Кори дунафара ё кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Супориш: Як мавзуъро** аз барномаи таълим интихоб ва сенарияи дарсро аз рӯйи қолаби намунавӣ таҳия кунед. Талаботи асосӣ ба сенария:

- **муҳити омӯзиш ва таълим** ҳамзамон истифода шаванд;
- **на кам аз ду** салоҳиятҳои калидӣ ташаккул ёбанд;
- имкони интихоб, муҳокима кардан, мулоҳизаронӣ бошад.

### НАМУНА: «МУҲИТ — АМАЛ — САЛОҲИЯТ»

| | |
|---|---|
| **Мавзуъ:** | ______________________________ |
| **Сенария (тавсифи мухтасар):** | ______________________________ |
| **Шаклҳои муҳити омӯзиш:** | (китоби дарсӣ, нақша, ҷадвал, шарҳ, порчаҳои асар, иқтибосҳо аз асар) |
| **Шаклҳои муҳити таълим:** | (мубоҳиса, нақшофарӣ, навиштани нома, саволҳои кушода, интихоби шакли кор) |
| **Хонандагон чӣ кор мекунанд?** | ……………………………………………………… |
| **Кадом салоҳиятҳо ташаккул меёбанд?** | □ Ҳамкорӣ □ Муошират □ Тафаккури эҷодӣ □ Тафаккури интиқодӣ □ Маҳорати омӯхтан |

**Амалҳои ёрирасон:**

- Пешниҳоди гуногунро ба кор баред (як мавзуъ – якчанл шакл) .
- Дар фикри он шавед, ки чиҳо ҳавасро бедор мекунанд, ба муколама чиҳоро ҷалб карда метавонед.
- Саволҳои санҷиширо истифода баред:

| Нишонаи муҳит | Оре | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| **1.** Хонандагон на танҳо ҷавоб, балки савол ҳам медиҳанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **2.** Дар синф ба пайдо шудани якчанд нуқтаи назар имконият дода мешавад | ☐ | ☐ | ☐ |
| **3.** Хонандагон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳо кор мекунанад | ☐ | ☐ | ☐ |
| **4.** Супориш аз рӯйи интихоб (шаклҳо, нақшҳо, навъҳои ҷавоб) | ☐ | ☐ | ☐ |
| **5.** Хонандагон мефаҳмонанд, ки он «барои чӣ» ва «ин чӣ маъно дорад». | ☐ | ☐ | ☐ |
| **6.** Хонандагон ба фаъолият ба воситаи тааҷҷуб, шавқу рағбат, баҳс ҷалб карда мешаванд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **7.** Дар синф хонанда мавқеи шахсӣ дорад | ☐ | ☐ | ☐ |

# МАВЗУИ 4

## Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ (ЗС): воситаҳо барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

**Чиро донистан муҳим аст?**

- тафовут байни рақамисозии одӣ ва муҳити рақамии таълим (МТР);
- сатҳҳои асосии рушди платформаҳои таълимӣ: аз «бойгонии мавод» то ҳалли мутобиқшавандаи системавӣ;
- имконият ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф;
- хатари «иваз кардани тафаккур» ва аз даст рафтани ҳуввият зимни кор бо зеҳни сунъӣ;
- нақши омӯзгор: роҳнамоии раванди таълим, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули малакаҳои истифодаи масъулонаи зеҳни сунъӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- арзёбии сатҳи ташхисии кор бо захираҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ;
- тарҳрезии супоришҳое, ки дар онҳо зеҳни сунъӣ тафаккурро тақвият мебахшанд;
- истифодаи зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи омодасозии дарс ва маводи дидактикӣ;
- шинохти имконияту хатарҳои рақамӣ ва мутобиқ сохтани онҳо бо мақсадҳои таълимӣ;
- рушди малакаи кор бо ҷавобҳои зеҳни сунъӣ дар шакли интиқодӣ байни хонандагон.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ**

- муҳити рақамии таълим аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад?
- кадом сатҳҳои рушди платформаҳои таълимиро медонед? Шумо ва муассисаи шумо дар кадом сатҳ қарор доред?
- истифодаи зеҳни сунъӣ ба омӯзгор ва хонандагон чӣ имкониятҳоро фароҳам меорад?
- хатар ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим дар чӣ зоҳир мешаванд?
- чӣ гуна зеҳни сунъӣ метавонад воситаи рушди тафаккури интиқодӣ гардад?

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Тафовути байни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **фаҳмед**.
2. Имконият ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ кунед.**
3. Бо истифодаи зеҳни сунъӣ барои тақвияти тафаккури хонандагон супоришҳои таълимӣ **тарҳрезӣ кунед.**
4. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода намоед.**

## Муқаддима

Технологияҳои рақамӣ: аз китобҳои дарсии электронӣ то курсҳои онлайнӣ кайҳо боз фаъолияти муассисаро тағйир додаанд. Аммо имрӯз сухан дар бораи рақамикунонӣ намеравад, балки дар бораи як **муҳити комили рақамии таълим** меравад, ки дар он на танҳо мавод, ҳамзамон платформаҳо, воситаҳо ва акнун зеҳни сунъӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Омӯзгорону хонандагон ҳар рӯз ба он рӯ ба рӯ мешаванд: бархе дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нав, гурӯҳе ҳануз дар марҳилаи шиносоӣ мебошанд. Дар ин раванд фаҳмидан муҳим аст, ки кадом восита кумак мекунаду чӣ танҳо тасаввури «мактаби рақамӣ»-ро ба вуҷуд меорад.

Дар қисми аввали машғулият мо фарқи **муҳити рақамии таълимро аз рақамисозии одӣ меомӯзем.** Кадом навъҳои платформаҳои таълимӣ мавҷуданд ва зеҳни сунъӣ чӣ имконият ва хатарҳоро бо худ меорад. Ин ба мо кумак мекунад, ки тасвири умумиро бубинем ва воситаҳое, ки омӯзгор дар амал истифода мебарад, ба таври интиқодӣ арзёбӣ намоем.

Дар машғулияти дуюм мо метавонем худро дар амал санҷем: **бо истифодаи зеҳни сунъӣ супоришҳои инфиродии таълимӣ тарҳрезӣ** карда, малакаҳои рақамии худро ташхиси кутоҳ мегузаронем ва воситаҳое ба даст меорем, ки ба мо имкон медиҳанд зеҳни сунъиро ба раванди таълим ворид намоем. Ҳамаи ин, бо такя ба хусусиятҳои таълими фанни забону адабиёти тоҷик ва шароити воқеии муассисаи таҳсилоти умумӣ сурат мегирад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ** – табдил додани мавод ва равандҳои таълимӣ ба шакли электронӣ (рӯйнамоҳо, PDF, журналҳои электронӣ), бе тағйири мантиқии таълим.

**Муҳити рақамии таълим** – маҷмуи воситаҳои техникӣ, платформаҳои барномавӣ, захираҳои рақамӣ ва методикаҳо, ки якҷоя раванди таълимро таъмин мекунанд.

**Захираҳои рақамии таълим (ЗРТ)** – маводи электронии таълимӣ: китобҳои дарсӣ, манбаи маълумот, дарсҳои видеоӣ, курсҳои онлайнӣ, китобхонаҳои электронӣ.

**LMS (Learning Management System, системаи идоракунии таълим)** – муҳити барномавӣ, ки имкон медиҳад маводҳо нигоҳ дошта шаванд, курсҳо идора карда шаванд, иҷрои супоришҳо назорат ва пешрафти хонандагон пайгирӣ шавад. Он метавонад сода (бойгонӣ ва тестҳо) ё васеъ (функсияҳои интерактивӣ) бошад.

**Платформаи таълимӣ** – мафҳуми васеътар нисбат ба LMS: ин як системаи рақамист, ки дар он мавод, супориш ва воситаҳои ҳамкорӣ байни омӯзгор ва хонанда ҷамъ оварда шудаанд. Метавонад LMS-ро ҳамчун ҷузъ дар бар гирад.

**Платформаи таълимии мутобиқшаванда** – системае, ки раванди таълимро ба сатҳи дониш ва суръати хонанда мутобиқ мекунад, камбудиҳоро муайян месозад ва барои бартараф кардани онҳо кумак мерасонад.

**Зеҳни сунъӣ (ЗС)** – технологияҳое, ки ба мошин имкон медиҳанд маълумотро таҳлил кунад, ҷавоб диҳад, пешгӯйӣ созад ва супоришҳоро мутобиқ созад.

**Суръати ноустувори татбиқ** – вазъияте, ки дар он технологияҳо ба муассисаи таълимӣ ба таври номутаносиб ворид мешаванд: бархе омӯзгорон воситаҳои рақамиро фаъолона истифода мебаранд, дигарон ҳанӯз бо усулҳои кӯҳна кор мекунанд.

**Субъективии хонанда** – нақши фаъолонаи хонанда дар таълим, вақте ки ӯ на танҳо ҷавобҳои тайёрро қабул мекунад, балки худаш интихобу таҳлил мекунад ва қарор қабул менамояд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:

1. Тафовути байни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **мефаҳмед**.
2. Имконият ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ мекунед.**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Кор бо маълумотҳо (инфиродӣ)**

Дар поён маълумоте оварда шудаанд, ки метавонед бо онҳо розӣ ё норозӣ бошед ё дар бораи онҳо фикр кунед. Барои нишондод бо аломатҳои: ✔ – ҳа, ✖ – не, ? – бовар надорам, қайд кунед.

| Тасдиқот | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. Рақамикунонӣ танҳо баргардони китобҳои дарсӣ ба шакли PDF ва зеркашӣ аз интернет аст. | |
| 2. Зеҳни сунъӣ аллакай метавонад дарсро аз омӯзгор беҳтар омода созад | |
| 3. Агар хонанда рефератро бо ёрии ЗС нависад, ин маънои онро дорад, ки ӯ наомӯхтааст, балки танҳо «нусхабардорӣ» кардааст. | |
| 4.Ояндаи маориф — курсҳои пурраи онлайнист ва дарсҳои анъанавӣ аз байн мераванд. | |
| 5. Омӯзгоре, ки бо ЗС кор карда наметавонад, ба зудӣ «нолозим» мешавад. | |

**2. Саволҳо барои андеша (кор дар гурӯҳҳо)**

- Ба назари шумо, муҳити воқеии рақамии таълимӣ бояд чиҳоро дар бар гирад?
- Шумо имрӯз дар муассисаи таълимӣ кадом афзалият ва камбудиҳои зеҳни сунъиро мебинед?
- Оё смартфони хонанда метавонад воситаи таълим бошад, ё ҳамеша омилест, ки парешон мекунад?

**3. Вазъияти кӯтох (дар гурӯҳҳо)**

Ба хонандагон супориш дода шуд, ки дар мавзуи «Сулҳу амонӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода» реферат омода кунанд. Яке аз онҳо аз зеҳни сунъӣ истифода бурда, матнеро овард, ки мантиқӣ ва дорои далелҳост, аммо маълум аст, ки ин фикрҳои шахсии ӯ нестанд.

Омӯзгор бояд қарор қабул кунад:

– кори хонандаро қабул кунад;

– ба он баҳои паст гузорад;

– хонандаро маҷбур кунад, ки рефератро такмил диҳад;

– ё … .

***Савол:*** *Кадом қарор дуруст хоҳад буд? Шумо кадом ҳадафро пайгирӣ мекунед? Ҷавоби худро асоснок намоед.*



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.4-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 1.4. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.4**

### *Муҳити рақамии таълим*

Муҳити рақамии таълим фазо ё системаест, ки дар он технология, муҳтаво ва педагогика якҷо мешаванд, то хонанда на танҳо дониш гирад, балки тавонад онро истифода бурда, қобилиятҳои худро рушд диҳад.

**1. Рақамикунонӣ ҳамчун раванд**

Рақамикунонии маориф тугмае нест, ки онро пахш кунему фавран натиҷа ба даст ояд. **Ин равандест**, ки қадам ба қадам ташаккул меёбад: мавод таҳия мешавад, муҳити рақамӣ фароҳам оварда мешавад, омӯзгорон ва хонандагон истифодаи воситаҳои навро меомӯзанд.

Рақамикунонӣ — марҳилаи табиии рушди маориф аст, ки ба дастовардҳои техникӣ ва педагогӣ такя мекунад.

Ҳама чизе, ки метавонад рақамӣ гардад ба шакли рақамӣ хоҳад шуд. Ҳар чизе, ки метавонад дар шакли мултимедиявӣ пешниҳод шавад, дер ё зуд чунин хоҳад шуд. Курсҳо, барномаҳои таълимӣ ва ҳатто дарсҳои маъмулӣ тадриҷан ба муҳити рақамӣ гузашта, шакли нав мегиранд.

**2. Қонуниятҳои рушди маориф**

Гузариш ба муҳити рақамӣ имкониятҳои навро фароҳам меорад. Яке аз онҳо **фардикунонии** таълим аст. Хонанда метавонад бо суръати худ пеш равад, ба мавод чанд маротиба баргардад, мазмунро васеъ намояд ва ба сатҳи баланди азхудкунии дониш расад. Ин ба шарофати ҳамгироии технологияҳо, муҳтавои босифат ва қарорҳои нави педагогӣ имконпазир мегардад.

Имрӯз ба муҳити рақамӣ **зеҳни сунъӣ** (ЗС) низ илова мешавад. Ба хилофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), ки воситаҳо эҷод мекунанд ва муҳити рақамӣ, ки фазои таълимро ташкил медиҳад, ЗС бо муҳтаво кор мекунад: маълумотро таҳлил мекунад, роҳи ҳал пешниҳод менамояд ва дар сохтани масирҳои таълимии инфиродӣ кумак мерасонад.

Ҳамин тавр, муҳити рақамӣ ва ЗС қонунияти объективии рушди маориф мебошанд, ки муҳтаво, усул ва имкониятҳои таълимро тағйир медиҳанд.

**3. Рақамикунонӣ ва муҳити рақамии таълим: фарқ дар чист**

Рақамикунонӣ метавонад танҳо ба табдили маводи коғазӣ ба шакли электронӣ маҳдуд гардад: китобҳои дарсӣ, рӯнамоҳои мултимедиявӣ, тестҳо бо санҷиши автоматӣ. Аммо ин танҳо сатҳи аввал аст. Он қулай аст, вале худи ин сатҳ амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

Муҳити рақамии таълим ин бештар ба нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот маҳдуд намешавад, балки шароит фароҳам меорад барои:

- **идоракунии раванди таълим** – хонанда метавонад вақти омӯзиш ва ҷойро худаш интихоб карда, бо суръати худ пеш равад, ба мавод баргардад ё ба сатҳи нав гузарад;
- **омӯзиши амиқ** – технологияҳо на барои шакл, балки барои ғанисозӣ, аёният ва фаҳмондани раванд истифода мешаванд;
- **гуногунии реҷаҳо** – ҳузурӣ, омехта ва пурра онлайнӣ, ки тавассути платформаҳои таълимӣ ва ҳатто мессенҷерҳои маъмул, ба мисли Zoom, Google Classroom ё Telegram дастгирӣ мешаванд;
- **тарҳрезии педагогӣ ва методология** – унсури калидӣ, ки мантиқ, сенарияи дарс ва намудҳои фаъолиятро муайян мекунад;
- **дастрасӣ ва тағйирпазирӣ** – маводро метавон дар ҳар вақт, дар ҳар ҷой мутобиқ ба услуб ва ниёзҳои гуногуни хонандагон омӯхт;
- **интерактивӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ** – хонандагон танҳо намемонанд, онҳо якҷо кор мекунанд, таҳқиқ мегузаронанд, дар лоиҳаҳо иштирок мекунанд ва дар гурӯҳ меомӯзанд.

Рақамикунонӣ аксаран ба пешниҳоди мавод ба шакли электронӣ маҳдуд мешавад. Муҳити рақамии таълим бештар ҳамкорӣ, имкони интихоб, фардисозӣ ва ҳамкории иҷтимоиро дар назар дорад.

**4. Унсурҳои асосии муҳити рақамӣ**

Муҳити рақамии таълимӣ якчанд унсурҳои калидиро дар бар мегирад, ки фаъолияти онро таъмин мекунанд. Ҳар як унсур вазифаи худро иҷро карда, якҷо онҳо як системаи ягонаро ташкил медиҳанд.

**Унсурҳои асосӣ:**

- **инфрасохтори техникӣ**: компютерҳо, планшетҳо, тахтаҳои интерактивӣ, таҷҳизоти VR/AR, интернет, хидматҳои абрӣ;
- **ҳалли барномавӣ**: журналҳо ва рӯзномаҳои электронӣ, системаҳои таълими фосилавӣ, платформаҳои таълимӣ;
- **захираҳои рақамӣ**: китобҳои дарсии электронӣ, китобҳои аудиоӣ, мултимедиа, китобхонаҳои электронӣ ва захираҳои маълумотӣ, лабораторияҳои виртуалӣ;
- **хадамотҳои коммуникатсионӣ**: порталҳои мактабӣ, мессенҷерҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ (Telegram, WhatsApp, Facebook), инчунин Zoom барои видеоконференсияҳо;
- **санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо**: тестҳои онлайн, тренажёрҳо, системаҳои санҷиши имло. Барои сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда ва ҷамъоварии омор истифода мешаванд;
- **системаҳои таҳлил ва назорат**: мониторинги иштирок, таҳлили пешрафт, пайгирии динамикаи таълим, таҳияи ҳисоботи электронӣ. Ин системаҳо ба муассисаи таҳсилоти умумӣ дар идоракунии раванди таълим ва қабули қарорҳо дар асоси маълумот кумак мерасонанд.

Барои дарки беҳтари сохтори муҳити рақамии таълимӣ, бояд ба унсурҳои асосии он назар афканем. Ҳар кадом нақши худро иҷро мекунад: бархе ҳамчун заминаи техникӣ хизмат мекунанд, дигарҳо ташкили раванди таълимро таъмин мекунанд, сеюмҳо дастрасӣ ба захира ва дастгирии ҳамкориро фароҳам меоранд. Якҷо онҳо фазои таълимии ягона месозанд, ки дар он техника, муҳтаво ва педагогика муттаҳид мешаванд.

**Ҷадвали 1. Унсурҳои муҳити рақамии таълимӣ**

| Унсур | Мисолҳо | Вазифа |
|---|---|---|
| 1. Инфрасохтори техникӣ | Компютер, планшет, тахтаҳои интерактивӣ, интернет | Таъмини дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ |
| 2. Ҳалли барномавӣ | Журналҳои электронӣ, платформаҳо (Google Classroom) | Ташкил ва идоракунии раванди таълим |
| 3. Захираҳои рақамӣ | Китобҳои дарсии электронӣ, мултимедиа, тамрингоҳ (тренажёр)-ҳои онлайнӣ | Омӯзиш ва худомӯзӣ, васеъ кардани имкониятҳои муҳтавои таълимӣ |
| 4. Коммуникатсия | Порталҳои мактабӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ (WhatsApp), видеоконференсияҳо (Zoom, Teams) | Ҳамкорӣ миёни «омӯзгор – хонанда – мактаб», мубодилаи супоришҳо ва иттилоот |
| 5. Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо | Тестҳои онлайнӣ, тренажёрҳо, барномаҳои санҷиши имло | Сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда, ҷамъоварии омор |
| 6. Таҳлил ва назорат | Ҳисоботи электронӣ, базаҳои маълумот, мониторинги ҳузур ва пешрафт | Пайгирии динамикаи таълим, назорати сифати маориф, дастгирии қарорҳои идоракунӣ |

Чунон ки дида мешавад, муҳити рақамии таълимӣ маҷмуи тасодуфии воситаҳо нест. Ин як сохтори мураккаб ва бисёрсатҳиест, ки ниёз ба стратегияи андешидашуда ва татбиқи марҳилавӣ дорад. Танҳо дар ин сурат он метавонад самаранок фаъолият карда, таълимро дастгирӣ намояд ва ба омӯзгор кумак расонад, ки барои хонандагон имкониятҳои нав фароҳам орад.

**5. Муҳити рақамӣ барои чӣ истифода мешавад?**

Муҳити рақамии таълимӣ худмақсадгузорӣ нест. Он барои васеъ кардани имкониятҳои таълим, дастрас ва тағйирпазир гардондани он ва ба талаботи замон мутобиқ таъсис дода мешавад. Бо ёрии он маориф дигар танҳо аз синф ва ҷадвали дарсҳо вобаста намешавад, балки бештар кушода ва гуногунҷабҳа мегардад.

*Муҳити рақамӣ имкон фароҳам меорад барои:*

- таъмини дастрасии баробар ба дониш дар ҳар вақт ва дар ҳар ҷой;
- фардисозии таълим;
- ташкили раванди таълими интерактивӣ ва аёнӣ;
- баланд бардоштани самаранокии идоракунии муассиса;
- рушди саводи рақамӣ ва салоҳиятҳои калидии асри XXI;
- ташкили таълими фосилавӣ ва омехта.

Аммо ҳар система ду тараф дорад. Фоида ва манфиат ҳамеша бо маҳдудият ва хатарҳо ҳамроҳанд. Вақте ки афзалиятҳо бештаранд ва дуруст истифода мешаванд, ба рушди муассиса ва хонандагон мусоидат мекунанд. Аммо агар камбудиҳо ба назар гирифта нашаванд, онҳо метавонанд ногаҳон ба мушкилӣ табдил ёбанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ба муҳити рақамии таълимӣ бо назари таҳлилӣ нигарем: ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам таҳдидҳои эҳтимолиро дар назар дошта бошем, то таъсири манфиро тавонем пешакӣ коҳиш диҳем.

**Ҷадвали 2. Афзалият ва камбудиҳои муҳити рақамии таълим**

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| **Дастрасии дониш** – имкони омӯзиш дар ҳар вақт ва дар ҳар ҷой | **Нобаробарии дастрасӣ** – на ҳама оилаҳо компютер ва интернет доранд, бахусус дар деҳот |
| **Фардисозии таълим** – омӯзгор метавонад супориш ва маводро мутобиқ ба сатҳи хонанда интихоб кунад | **Сарбории омӯзгорон** – ҳам дар шакли коғазӣ ва ҳам рақамӣ кор кунанд |
| **Интерактивӣ ва аёнӣ** – мултимедиа, лабораторияҳои виртуалӣ, омӯзиш тавассути бозӣ ва амал | **Вобастагӣ аз техника ва интернет** – дар ҳолати қатъ шудани шабака ё барқ, таълим қатъ мегардад |
| **Идоракунии самараноки муассиса** – журналҳо, рӯзномаҳо, ҳисобот, санҷиши автоматӣ, назорати пешрафт | **Омодагии нокофии омӯзгорон** – на ҳама истифодаи воситаҳои рақамиро медонанд; дастгирӣ ё курсҳои такмили ихтисос ҳамеша дастрас нестанд |
| **Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо** – сарфаи вақти омӯзгор; вокуниши фаврӣ ба хонанда, омори қулай барои таҳлил | **Маҳдудияти шаклҳо** – танҳо барои тестҳо ва супоришҳои сода самаранок аст, арзёбии эҷодкориро иваз намекунад |
| **Коммуникатсия ва вокуниши фаврӣ** – мубодилаи иттилоот тавассути платформа ва мессенҷерҳо (Telegram, WhatsApp) | **Иттилооти пароканда ва идоранашаванда** – паёмҳо парокандаанд, мавödди кӯҳна душвор ёфт мешавад, иттилооти зиёдатӣ зиёд аст |
| **Рушди саводи рақамӣ** – хонандагон ва омӯзгорон малакаи кор бо технологияҳоро, ки барои зиндагӣ ва касб муҳиманд, меомӯзанд | **Хатарҳои иҷтимоӣ ва равонӣ** – вобастагӣ аз дастгоҳҳо, коҳиши муоширати зинда ва афзоиши хастагӣ |

Муҳим аст, ки на танҳо имкониятҳо, балки хатарҳои муҳити рақамиро низ ба назар гирем, то таъсири мусбаташро тақвият бахшида, маҳдудиятҳоро коҳиш диҳем.

### 6. Намунаҳои захираҳои рақамӣ барои омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

Муҳити рақамии таълимӣ вақте арзишманд мешавад, ки дар фанни мушаххас татбиқ гардад. Барои омӯзгори забону адабиёти тоҷик, захираҳои рақамӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд: онҳо ба аёнияти мавод, алоқамандии гузашта бо замони ҳозира ва рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва интиқодӣ мусоидат мекунанд. Муҳимаш ин захираҳо метавонанд мутобиқ ба сатҳи синф, муҳити забонӣ ва манфиатҳои хонандагон истифода шаванд.

**Ҷадвали 3. Махзанҳои рақамӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

| Махзан | Намунаҳо | Дар дарс чӣ гуна истифода карда мешавад? |
|---|---|---|
| **Китобҳо дарсӣ ва хрестоматияҳои электронӣ** | Гунаи PDF-и китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо, дафтарҳои корӣ | Кор бо матнҳо дар проектор, сарфаи коғаз, хондани қисмҳои матн аз экран |
| **Аудиокитобҳо ва подкастҳо (сабтҳои овозӣ дар интернет)** | Гунаи аудиоии асарҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқоисми Фирдавсӣ, Лоиқ Шералӣ ва ғ., барномаҳои шабакаи радиои «Фарҳанг» ва «Тоҷикистон» | Шунавондан бо таҳлили минбаъда, баррасии оҳанги хониш, таъсирбахшии он, кор бо тарзи талаффуз ва диксия |
| **Видео ва намоишномаҳои театрӣ** | Наворҳо аз барномаҳои театрӣ, наворҳои дарсӣ, мусоҳибаҳо бо адибон, каналҳои YouTube дар бораи забону фарҳанги мардуми тоҷик | Баррасии мазмун, таҳлили муқоисавии асар дар китоб ва намоишнома, ташаккули дарки интиқодӣ |
| **Китобхонаҳои электронӣ ва захираҳои иттилоотӣ** | Китобхонаи миллӣ, Китобхонаи электронии Академияи милли илмҳо, eLIBRARY, Википедия ба забони тоҷикӣ | Тайёр кардани маърузаҳо, ҷустуҷӯйи ҳолномаи адибон, кор бо маводди иловагӣ |
| **Фарҳангҳои онлайнӣ ва маълумотномаҳои грамматикӣ** | Сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вожаҷӯ, Glosbe, Reverso | Кор бо луғат, омӯхтани калимаҳои ҳаммаъно, имло, шарҳи калимаҳо, таҳлили морфологӣ |
| **Машқҳои интерактивӣ ва тренажёрҳо** | LearningApps, Quizlet, Wordwall (ба забони тоҷикӣ ё мутобиқшуда) | Таҳияи кортҳои луғавӣ, таҳлили грамматикӣ, диктанҳои интерактивӣ, викторинаву озмунҳо |
| **LMS ва платформаҳои онлайнӣ** | Google Classroom, Moodle, Microsoft Teams | Машқҳои хаттӣ, эссе, тестҳо, робитаи мутақобила, ҷамъоварии корҳои хонагӣ |
| **Замимаҳо барои хониш ва хат** | FBReader, Librera, Google Docs бо ислоҳи автоматӣ | Хониши асарҳо ба забони тоҷикӣ дар смартфон, навиштани иншо бо таъкидҳо барои дурустнависӣ |
| **Замимаҳои мобилӣ ва захираҳои фарҳангӣ** | «Адабиёти тоҷик» (замима), платформҳо дар бораи мероси фарҳангии мардуми тоҷик, Google Arts & Culture (дар Тоҷикистон) | Ғанӣ гардондани донишҳои адабӣ ва фарҳангӣ, таъмини аёният ва баррасии мавзуъҳои мероси фарҳангии мардуми тоҷик |

Истифодаи захираҳои рақамӣ дар бораи забону адабиёти тоҷик ба хонандагон кумак мекунад, ки берун аз китоби дарсӣ забонро ҳамчун воситаи тафаккур ва фарҳанг омӯзанд. Китобҳои аудиоӣ, намоишномаҳои видеоӣ, китобхонаҳои онлайнӣ ва симуляторҳои интерактивӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо матнҳоро хонед, балки фасоҳату ғановати забони тоҷикиро эҳсос ва мероси фарҳангиро дарк кунед. Ин воситаҳо дастрасӣ ба асарҳои муаллифони классикӣ ва муосирро васеъ мекунанд ва ба

рушди малакаҳои навиштан, имло ва таҳлилӣ мусоидат мекунанд. Онҳо махсусан дар синфҳои болоӣ муфиданд: хонандагон ба таври равшан баён кардани фикру мулоҳизаҳои худро ёд мегиранд, ба умқи асарҳо баҳо медиҳанд, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ забони тоҷикиро дуруст истифода мебаранд. Муҳимтар аз ҳама, технологияҳои рақамӣ ба хонандагон барои дарки забони тоҷикӣ на танҳо ҳамчун фанни мактабӣ, балки як ҷузъи ҳуввияти шахсӣ ва фарҳангии онҳо кумак мекунад.

Истифодаи захираҳои рақамӣ дар забону адабиёти тоҷик танҳо ба табдили китоб маҳдуд намешавад. Он воситаест, ки ба хонанда кумак мекунад равандҳои забономӯзиро амиқтар дарк кунад, манбаъҳоро муқоиса намояд, фикри шахсиро баён кунад ва дар гурӯҳ кор кунад. Захираҳои рақамӣ на танҳо дарсҳоро ҷолиб ва дастрас мегардонанд, балки малакаҳои муҳимро аз таҳлил ва тафаккури интиқодӣ то малакаи ҷустуҷӯи мустақили иттилоот ташаккул медиҳанд.

**7. Зеҳни сунъӣ дар маориф**

Зеҳни сунъӣ аллакай ба муассисаҳои таълимӣ ворид шудааст, аммо на ба таври яксон. Хонандагон зудтар мутобиқ шуданд: барои навиштани иншо ё ҳалли масъала кофист смартфон дошта бошанд. Омӯзгорон сусттар пеш меравand: бархе бо ёрии ЗС тест ё машқ таҳия мекунанд, дигарон танҳо шунидаанд, вале ҳануз истифода накардаанд. Ҳамин тавр, ғайриодӣ менамояд: хонанда аллакай кор мекунад, омӯзгор роҳ меҷӯяд. Кӣ киро меомӯзонад?

Ҳатто имкониятҳои одии ЗС метавонанд қисми кореро аз дӯши омӯзгор бардоранд: таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои дарс, санҷиши корҳо, интихоби маводди дидактикӣ ва супоришҳои иловагӣ. Аммо то ҳол ин бештар ташаббуси шахсии омӯзгорони алоҳида аст. Ҳар омӯзгор худаш қарор мекунад: истифода кунад ё ба усули анъанавӣ идома диҳад. Ин ҳолат «суръати ноустувори татбиқ»-ро нишон медиҳад, ки дар баъзе ҷойҳо натиҷаҳо дида мешаванд, дар дигар ҷойҳо ҳама чиз мисли пештара боқӣ мемонад.

Яке аз мисолҳои машҳури муносибати системавӣ платформаи чинии Squirrel AI Learning мебошад. Ин танҳо «бойгонии мавод» нест, балки як системаи мутобиқшавандаи комил аст. Барномаи таълимӣ ба садҳо ва ҳазорҳо «нуқтаҳои дониш» тақсим мешавад, ки бо ҳам пайвастанд: агар хонанда мавзуи A-ро аз худ накарда бошад, ба мавзуи B намегузарад, то камбудиҳо бартараф нашаванд. ЗС мантиқро таҳлил мекунад ва бо ёрии алгоритмҳо пайваста сатҳи азхудкуниро ташхис ва маҳз он супориш, видео ва шарҳҳоро пешниҳод мекунад, ки дар он лаҳза заруранд. Дар натиҷа, хонанда бо суръати худ «бе холигӣ» дар таълим меомӯзад ва ба омӯзгор аён мегардад: кадом мавзуъҳо азхуд шудаанд ва дар куҷо мушкилот боқист.

Муҳим аст, ки чунин платформаҳо танҳо алгоритмҳои муҳандисӣ нестанд. Дар паси онҳо кори дастаҷамъонаи омӯзгорон, равоншиносон, методистҳо ва таҳиягарони мухтаво меистад. Маҳз онҳо «мухтаво»-ро месозанд: супоришҳо, матнҳо, шарҳҳо, дарсҳои видеоиро. Аз ин рӯ, чунин системаҳо, синтези технология ва таҷрибаи педагогӣ мебошанд, на танҳо ҳалли муҳандисӣ.

Ҳамзамон, бояд мухтаворо ба назар гирифт: дар модели чинӣ ҳаракат ҳамеша дар доираи барномаи умумӣ сурат мегирад. Ҳар хонанда бо масири худ меравад, аммо ҳадафи ниҳоии таълим барои ҳама як аст. Дар ин ҷо фардисозӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии азхудкунии дониш ва таъмини иҷрои стандартҳо истифода мешавад, на ҳамчун воситаи васеъ кардани озодии интихоби шахсӣ дар таълим.

Таҷрибаи Чин имкониятҳои ҳалли системавиро нишон медиҳад, аммо муҳим аст, ки ба воқеияти кунунии мо такя кунем. Дар шароити мо платформаҳои мутобиқшавандаи мураккаб мавҷуд нестанд, вале чизҳое ҳастанд, ки аллакай барои ҳар

хонанда ва омӯзгор дастрасанд, смартфонҳо ва версияҳои ройгони зеҳни сунъӣ: ChatGPT, Copilot, Gemini, DeepSeek, Алиса/яндекс …. Ҳамаи ин воситаҳое мебошанд, ки дастрасии осон доранд.

Дар ин шароит, омӯзгор бояд ба саволи калидӣ посух ёбад: чӣ гуна ин вазъиятро ба захираи таълим табдил диҳад, на ба таҳдид? Ҳатто бе системаҳои мураккаб, метавон супоришҳоро тавре тарҳрезӣ кард, ки зеҳни сунъӣ ба воситаи ёрирасон табдил ёбад, на ивазкунандаи тафаккури хонанда.

Дар поён якчанд усул оварда шудаанд, ки метавонанд аллакай фардо дар дарсҳои забону адабиёти тоҷик истифода шаванд:

**Ҷадвали 4. Усулҳои истифодаи зеҳни сунъӣ (ЗС) дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик**

| Усул | Намунаи вазифа | Фаъолияти хонанда | Чиро ташаккул медиҳад? |
|---|---|---|---|
| **Таҳлили сабк** | Аз ЗС пурсед, ки мазмуни шеъри Абдураҳмони Ҷомиро бо забони сода ба наср баргардонад. | Матни ЗС-ро бо матни асл муқоиса мекунанд → фарқи услуб ва бадеияти онҳоро меёбанд → баррасӣ мекунанд, ки чӣ афтодааст чӣ мондааст | Ҳис кардани забон, фаҳмидани сабки адабӣ, маҳорати муқоиса кардани матнҳо |
| **Кор бо шарҳҳо** | Дар бораи ягон асари Садриддин Айнӣ аз ЗС шарҳ талаб кунед | Матнро мехонанд → ғояҳои асосиро муайян мекунанд → бо маводди китоб ё мақолҳои нақди адабӣ муқоиса менамоянд → нуктаҳои назари гуногунро баррасӣ мекунанд | Хониши шуурона, маҳорати тафсир кардан, тафаккури интиқодӣ |
| **Савол ба муаллиф** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки дар бораи аҳаммияти забон дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ эссе нависад. | Матнро мехонанд → ҷойҳои баҳснок ва нофаҳморо меёбад → ба «муаллиф» савол медиҳад → бо маводди китоб ё мақола муқоиса мекунад | Тафаккури интиқодӣ, маҳорати савол додан, кор бо сарчашмаҳо |
| **Санҷиши далелҳо** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки шарҳи ҳоли мухтасари Мирзо Турсунзодаро тартиб диҳад. | Далелҳоро бо маводди китоб ё маълумотномаҳо муқоиса мекунанд → иштибоҳҳоро меёбанд → ислоҳ мекунанд → гунаи дурусташро омода мекунанд | Малакаи санҷидани дурустӣ, бодиққат будан, малакаҳои таҳқиқотӣ |
| **Коркарди эҷодӣ** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки дар дар пайрави ҳикоёти адибони классикӣ гунаи замонавии онро таҳия намояд | Матнро мехонанд→ таҳлил мекунанд, ки то кадом андоза хусусиятҳои жанрӣ нигоҳ дошта шудааст → ислоҳ мекунанд ва такмил медиҳанд → гунаи худро пешниҳод менамоянд | Эҷодкорӣ, шинохтани жанр, маҳорати мутобиқ кардани сабк услуб |
| **Таҳлили сохтори грамматикӣ** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки бо замонҳои феъл ҷумлаҳо тартиб диҳад | Ҷумлаҳоро мехонанд → замони феълҳоро меёбанд → ғалатҳоро ислоҳ мекунанд → дар куҷо ғалат кардани ЗС-ро баррасӣ мекунанд | Малакаи таҳлили грамматикӣ, бодиққат будан, фаҳмидани сохтори забон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Кор бо маънои калимаҳо ва калимаҳои ҳаммаъно** | Аз ЗС ҳаммаъноҳои калимаи «дониш»-ро пурсед | Рӯйхатро месанҷанд → гунаи мувофиқро интихоб мекунанд → қатори калимаҳои ҳаммаъноро тартиб медиҳанд → ҷумлаҳои намунавӣ менависанд | Маҳорати луғатдонӣ, захираи луғавӣ, маҳорати истифода кардани тобишҳои маъноии калимаҳо |
| **Имло ва аломатҳои китобат** | Аз ЗС талаб кунед, ки як матни хурдеро ғалатҳои имлоӣ доранд ва аломатҳои китобат нодуруст гузошта шудаанд, тартиб диҳад. | Ғалатҳоро меёбанд → ислоҳ мекунанд → қоидаро мегӯянд. | Нозукиҳои имло, донистани қоидаҳо, истифодаи грамматика дар амал |

ЗС на танҳо воситаи таҳлили адабиёт, ҳамзамон барои машқи амалии забон мусоидат менамояд.

Барои омӯзгорон ин имкониятҳои наванд: вазифаҳои заҳматталаб – интихоби матнҳо, санҷиши далелҳо, таҳияи машқҳоро метавон ба зеҳни сунъӣ бовар кард ва вақти худро барои баррасиҳо, тасрифҳо ва машқҳои эҷодӣ сарф намуд. Чунин муносибат имкон фароҳам меорад, ки аз азёдкунии қоидаву таърифҳо ва бозгӯйии мазмуни матн ба натиҷаҳои баландтар гузарем: маҳорати таҳлили мавқеи муаллиф, мураттаб сохтани нутқи асоснок ва таҳияи матнҳои худӣ.

**Хулоса**

Ин усулҳо нишон медиҳанд, ки зеҳни сунъӣ (ЗС) дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ҷои кори хонандаро гирифта наметавонад, аммо барои амиқтар ва фаҳмотар шудани он мусоидат мекунанд. Хонандагон ҷавоби тайёрро нусхабардорӣ намекунанд, балки иштирокчии фаъол боқӣ мемонанд: матнҳоро таҳлил мекунанд, далелҳоро месанҷанд, саволҳо медиҳанд, грамматикаро машқ мекунанд, захираи луғавии худро ғанӣ мегардонанд ва нутқи худро рушд медиҳанд. ЗС на танҳо як воситаи таҳлили адабӣ, балки воситаи азхудкунии амалии забон низ мегардад.

Ин барои омӯзгорон имкониятҳои навро фароҳам меорад: вазифаҳои муқаррарӣ, аз қабили интихоби матнҳо, тафтиши далелҳо ва эҷоди машқҳоро метавон ба зеҳни сунъӣ гузошта, вақтро барои баррасиҳо, тафсирҳо ва супоришҳои эҷодӣ истифода бурд. Ин равиш ба хонандагон кумак мекунад, ки аз азёд кардани қоидаҳо ва такрор ба натиҷаҳои баландтар гузаранд: қобилияти таҳлили мавқеи муаллиф, таҳияи сухани баҳснок ва эҷоди матнҳои худ.

Ҳамин тариқ, зеҳни сунъӣ дарсҳои забон ва адабиёти тоҷикро иваз карда наметавонад, аммо метавонад як ёваре гардад, ки омӯзишро боз ҳам самаранок, замонавӣ ва барои ташаккули тафаккури мустақил, фарҳанги сухан ва завқи адабӣ судманд бошад.

Мо танҳо чанд усули асосиро нишон додем, аммо самт равшан аст: технологияҳо метавонанд ва бояд дарсро тақвият бахшанд, ба рушди тафаккур ва эҷодкорӣ мусоидат кунанд. Аммо, мисли ҳар соҳа, бо имкониятҳои нав ҳамзамон хатарҳои нав низ пайдо мешаванд. Дар зиндагӣ хубу бад ва фоидаю зарар қариб ҳамеша паҳлуи ҳаманд ва воридшавии зеҳни сунъӣ ба маориф истисно нест. Барои дидани тасвири пурра, бояд на танҳо ҷиҳатҳои мусбат, балки хатарҳои ин технологияро низ баррасӣ кард.

**Ҷадвали 5. Имконият ва хатарҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар маориф**

| Таъсири мусбат ва имкониятҳо | Хатар ва маҳдудиятҳо |
|---|---|
| – Таълими мутобиқшаванда: масири инфиродӣ, ба назар гирифтани суръат ва сатҳи дониш | – Аз даст рафтани мустақилият: одат ба ҷавобҳои тайёр |
| – Ёрдамчиёни зеҳнӣ: кумак дар иҷрои супоришҳо, шарҳ ва маслиҳатҳо | – Коҳиши ангеза: «чаро фикр кунем, ЗС тезтар мекунад» |
| – Санҷиши автоматии тестҳо ва корҳо, сарфаи вақти омӯзгор | – Аз даст рафтани субъективият: нақши истеъмолгар ба ҷои иштирокчии фаъол |
| – Таҳлил: муайян кардани камбудиҳо дар сатҳи хонанда ва синф | – Хатарҳои хато ва таҳриф: назорати интиқодӣ зарур аст |
| – Дастгирӣ дар банақшагирии дарс ва таҳияи мавод | – Нобаробарии дастрасӣ: бархе смартфон ва интернет доранд, дигарон не – ЗС метавонад нобаробарии рақамиро афзоиш диҳад |
| – Дастгирии фарогирӣ: ЗС метавонад супоришҳоро барои кӯдакони дорои ниёзҳои гуногуни таълимӣ мутобиқ созад | – Махфияти маълумот: кор бо ЗС бо интиқоли иттилоот алоқаманд аст |

**Хулоса**

Зеҳни сунъӣ воситаи пуриқтидорест, ки ҳарчанд барои муассисаи таълимӣ самтҳои нав кушояд ҳам, ҳеҷ гоҳ омӯзгорро иваз намекунад ва хонандаро низ аз заҳмати фикррони озод намесозад. Ҷиҳати хубиаш дар он аст, ки ЗС кумак мекунад таълим тағйирпазир ва дастрас гардида, вокуниши фаврӣ ва сарфаи вақт таъмин карда шавад. Вазифаи омӯзгор роҳнамоии ин раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва пешгирӣ аз иваз шудани таълими самаранок ба ЗС мебошад.

Истифодаи дурусти ЗС на танҳо мустақилияти хонандаро кам намекунад, балки онро тақвият мебахшад: ба ташаккули мустақилият мусоидат мекунад, фикр кардан, муқоиса кардан, саволгузорӣ ва қабули қарорро меомӯзонад. Дар ин ҳолат, технология на чӯбчаи муъҷизавии ёрирасон, балки воситаи рушд мегардад, ки ҳам хонанда ва ҳам омӯзгорро ба сатҳи нав мебарорад.

**ЗАМИМАИ 5**

**Қонуниятҳои рушди платформаҳои таълимӣ**

Эволютсияи платформаҳои таълимӣ қонуниятҳои рушди системаҳои техникӣ ва таълимиро аз ҳалли сода бо як функсия то полисистемаҳо, ки ташхис, мутобиқсозӣ ва дастгирии масирҳои инфиродиро муттаҳид мегардонанд, инъикос мекунад.

Муҳим аст, ки «бойгонии мавод» бо платформаи воқеӣ омехта нашавад: маҳз системаҳои мукаммал ба хонанда дар бартараф кардани камбудиҳо ва пешравӣ кумак мекунанд. Барои омӯзгорон ва маъмурон ин ҷадвал нақши самтнамо дорад, ки нишон медиҳад, ки имрӯз дар куҷоем ва ба куҷо бояд равем.

**Ҷадвали 6. Эволютсияи платформаҳои таълимӣ**

| Сатҳ | Тавсиф | Имконият | Маҳдудиятҳо | Намунаҳо |
|---|---|---|---|---|
| **Рақамисозии сода** | Мавод ба муҳити рақамӣ боргузорӣ шудаанд: китобҳои сканшуда, муаррифиҳо, PDF | Дастрасӣ ба мавод аз ҳар ҷой, дар ҳар вақт | Вокуниши бозгашт нест, назорат ва дарки азхудкунӣ вуҷуд надорад | Архивҳои PDF, китобхонаҳои электронӣ, LMS-и сода бе интерактивӣ |
| **Рақамикунонӣ бо тестҳо ва видеозангҳо** | Ба мавод тестҳо илова шудаанд, имкони видеоконферен-сияҳо мавҷуд аст (Zoom, Teams) | Назорати дониш, дарсҳои фосилавӣ, нигоҳ доштани иртибот | Таълим хаттӣ аст, камбудиҳо бартараф намешаванд, хатоҳо ҷамъ мешаванд, ангеза коҳиш меёбад | Moodle бо тестҳо, Zoom, MS Teams, Google Classroom (дар шакли асосӣ) |
| **Курсҳо ва барномаҳои онлайн (бе мутобиқсозӣ)** | Курсҳо бо сохтори тайёр: видео, супоришҳо, барномаи умумӣ барои ҳама | Систематизат-сия ва сохтор медиҳад, имкони омӯзиш дар вақти қулай | Мутобиқсозӣ нест: дар ҳолати камбудиҳо хонанда равиши курсро гум мекунад, камбудиҳо афзоиш меёбанд | Coursera, Udemy, Open edX |
| **Платформаҳои мутобиқшаванда** | Унсурҳои мутобиқсозӣ мавҷуданд: супоришҳо ба сатҳи хонанда мутобиқ мешаванд, ташхиси хатоҳо | Камбудиҳоро қисман бартараф мекунанд, машқҳои иловагӣ медиҳанд | Сатҳи фарогирӣ ва амиқии мутобиқсозӣ маҳдуд аст | Khan Academy, Smart Sparrow, Amrita Learning |
| **Платформаҳои мутобиқша-вандаи системавӣ** | Мутобиқшавии комил: «нуқтаҳои дониш», шабакаи мавзъҳои пайваст, ташхис, траекторияҳои инфиродӣ | Хатарҳои камбудиро ба ҳадди ақал мерасонанд: хонанда то бартараф кардани нофаҳмӣ пеш меравад | Талаботи муҳандисӣ ва методии мураккаб, захираҳои зиёд | Squirrel AI Learning (Чин), ALEKS (ИМА) |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ танҳо қадами аввал аст**: пешниҳоди мавод ба шакли электронӣ дастрасиро осон мекунад, аммо худ ба худ амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

**Муҳити рақамии таълим на танҳо техника**, балки муҳтаво, методика ва ташкили равандро дар бар гирифта, як системаи мукаммал аст.

**Зеҳни сунъӣ сатҳи навро ворид мекунад** — он бо муҳтаво кор мекунад: дар сохтани масирҳои таълимии инфиродӣ кумак мекунад, камбудиҳоро ташхис ва роҳҳои ҳалро пешниҳод менамояд.

**Таҷрибаи платформаҳои системавӣ** (масалан, Squirrel AI) нишон медиҳад, ки ЗС метавонад ҷамъшавии камбудиҳоро коҳиш дода бори такроркуниро аз дӯши омӯзгор бардорад. Бо вуҷуди ин, истифодаи пурра ва самарабахши он ба кори ҷиддии методӣ ва муҳандисӣ ниёз дорад.

**Дар шароити имрӯза низ метавон аз хидматҳои дастрасии ЗС** (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) дар раванди таълим истифода бурд. Муҳим он аст, ки супоришҳо тавре тарҳрезӣ шаванд, ки ЗС тафаккури хонандаро тақвият бахшад, на иваз кунад.

**Ҳар як технология ҳам афзалиятҳо ва ҳам хатарҳо дорад**: бо имкониятҳои нав таҳдидҳо низ ба миён меоянд, ба монандӣ аз даст рафтани мустақилият, хатоҳо, нобаробарии дастрасӣ.

**Вазифаи асосии омӯзгор - роҳнамоии раванд**, рушди тафаккури интиқодӣ ва субъектияти хонанда мебошад, то ЗС ба воситаи рушд табдил ёбад, на ба ивазкунандаи таълим бо кумаки омӯзгор.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Аз мафҳуми «муҳити рақамии таълимӣ» чӣ чизи нав омӯхтед? Он аз рақамисозии одӣ бо чӣ фарқ мекунад?
2. Кадом захираҳои рақамии таълимиро (китобхонаҳои электронӣ, базаҳои маълумот, курсҳои онлайн) аллакай дар кори худ истифода мебаред?
3. Кадом имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар муассиса ба шумо муфидтар намуданд ва чаро?
4. Кадом хатар ё маҳдудиятҳои истифодаи ЗС дар маорифро ҷиддитар мешуморед?
5. Ба назари шумо, хонандагон барои кор бо ЗС пеш аз ҳама бояд чиро омӯзанд?
6. Кадом усулҳоро аз машғулияти пешниҳодшуда метавонед аллакай пагоҳ дар амалияи худ санҷед?
7. Ба назари шумо, ворид кардани кадом захираҳои нави рақамӣ ба муҳити таълимии муассисаи шумо муҳим аст?

## ХУДРО САНҶИДАН: ЧИРО ЁД ГИРИФТАМ, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.4.

1. **Фарқи асосии муҳити рақамии таълимӣ аз рақамисозии одӣ дар чист?**
   a. Мавҷудияти китобҳои дарсии электронӣ ва рӯнамоҳо, ки ҳар замон дастрасанд
   b. Имкони нигоҳдорӣ ва пурра кардани мавод барои ғанисозии муҳтаво
   c. Маҷмуи унсурҳои техникӣ ва муҳтавоӣ, ки якҷоя фаъолият мекунанд
   d. Истифодаи компютер ва смартфон дар дарс бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳо

2. **«Таълими мутобиқшаванда» чӣ маъно дорад?**
   a. Омӯзгор барномаро вобаста ба руҳия ва имкониятҳои синф тағйир медиҳад
   b. Ба хонанда супоришҳое пешниҳод мешаванд, ки ба сатҳ ва суръати омӯзиши ӯ мутобиқанд
   c. Дарс бо истифодаи маводи гуногун дар шакли тағйирпазир гузаронида мешавад
   e. Хонандагон метавонанд мавзуъҳои писандидаи худро барои омӯзиши амиқ интихоб кунанд

3. **Вазифаи муҳимтарини муҳити рақамии таълимӣ чист?**
   a. Нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маводи электронӣ ва рӯнамоҳо
   b. Ташкили нигоҳдории мавод дар компютер ва хидматҳои абрӣ
   c. Эҷоди шароит барои ҳамкорӣ миёни омӯзгор, хонанда ва захираҳо
   d. Истифодаи интернет барои ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ

4. **Рақамисозӣ имрӯз ба муассисаи таҳсилоти умумӣ чӣ фоида оварда метавонад?**
   a. Баланд бардоштани сифати таълим тавассути захираҳои интерактивӣ ва дастрас
   b. Қисман ё пурра иваз намудани омӯзгор тавассути системаҳои автоматии таълим
   c. Коҳиши соатҳои таълимӣ дар ҷадвал, сабуксозии сарбории омӯзгор
   f. Қисман ё пурра тағйир додани шаклҳои анъанавии назорат ва баҳодиҳӣ

5. **Кадом вазифаи заҳматталабро ЗС аллакай имрӯз метавонад иҷро кунад?**
   a. Гузаронидани экскурсияҳо ва сафарҳои таълимӣ
   b. Санҷиши тестҳо ва интихоби супоришҳои иловагӣ
   c. Муоширaт бо волидон ва маъмурияти мактаб
   d. Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои дарс

6. **Кадом хатар ба истифодаи ЗС дар маориф дахл дорад?**
   a. Тақвияти нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва ҳамоҳангсози раванди таълим
   b. Рушди тафаккури интиқодӣ ва фаъолиятҳои эҷодии омӯзгор ва хонандагон
   c. Аз даст рафтани мустақилият, коҳиши ангезаи фикр кардан дар омӯзгор ва хонанда
   g. Баланд шудани дақиқии ташхиси дониш, хонанда метавонад худро арзёбӣ кунад

7. **Вазифаи асосии омӯзгор дар шароити кор бо ЗС чист?**
   a. Гузоштани қисми функсияҳои шарҳдиҳӣ ба системаҳои автоматии таълим
   b. Роҳнамоии раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти хонанда
   c. Гузоштани ҳамаи функсияҳои санҷиш ва шарҳдиҳӣ ба зеҳни сунъӣ
   d. Тамаркуз кардан танҳо ба ташкили дарс ва ҷанбаҳои техникии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ**

1. Бо истифодаи зеҳни сунъӣ барои тақвияти тафаккури хонандагон супоришҳои таълимӣ **тарҳрезӣ мекунед.**
2. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода мебаред.**

### **Кори амалӣ:** Зеҳни сунъӣ ва муҳити рақамии таълимӣ

**Супориши 1. Ташхиси хурд «Ман ва муҳити рақамии таълимӣ»**

**Мақсад:** муайян кардани сатҳи ибтидоии дониши захираҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар се сатҳ: инфиродӣ, синф ва муассиса.

**Дастур:** барои ҳар як банд қайд кунед:

- «Бале» – агар пурра ба амалияи шумо мувофиқат кунад;
- «Гоҳ-гоҳ» – агар баъзан ё қисман истифода баред;
- «Не» – агар ҳоло истифода намебаред.

*Тести хурд барои худро санҷидан*

| Савол | Бале | Гоҳ-гоҳ | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Ман истифодаи захираҳои электрониро медонам (китобхонаҳо, махзани маълумот) | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Ман дар дарсҳо рӯнамоҳо ва маводди рақамиро истифода мебарам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Ман барои санҷиши дониш тест ё викторинаҳои онлайнӣ истифода мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Дар синф дастрасӣ ба компютерҳо/тахтаҳои интерактивӣ мавҷуд аст | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Хонандагон захираҳои интернет, аз ҷумла смартфонҳоро барои таълим фаъол истифода мебаранд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Дар муассиса LMS ё рӯзнома/журналҳои электронӣ мавҷуд аст | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Ман ягон бор барои омодасозии дарс аз зеҳни сунъӣ истифода накардаам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 8. Ман медонам, ки кадом хидматҳои ройгони ЗС барои ман ва хонандагон дастрасанд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 9. Дар муассиса тренинг, семинар ё практикумҳо оид ба малакаҳои рақамӣ гузаронида мешаванд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 10. Ман дар истифодаи ЗС дар дарси забону адабиёт бовар дорам | ☐ | ☐ | ☐ |

**Сатҳҳо:**

- **Ибтидоӣ** – 3 ё камтар «Бале»: таҷрибаи минималӣ, кор асосан бо маводди одии рақамӣ.
- **Асосӣ** – 4–6 «Бале»: истифодаи воситаҳои алоҳида, вале бе низом.
- **Пешрафта** – 7 ё бештар «Бале»: амалияи мунтазам, омодагӣ ба ҳамгироии ЗС дар дарсҳо.

### Супориши 2. «Хонанда + ЗС»

**Мақсад:** таҳияи супориши таълимӣ барои хонандагон дар фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар он ЗС барои таҳлил кумак мекунад, на дар ивази тафаккур.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Яке аз мавзуъҳои барномаи таълимиро интихоб кунед**. Ин метавонад мавзуъ аз забон ё адабиёти тоҷик бошад.
2. **Барои хонанда бо истифодаи ЗС 2 супориш таҳия кунед** (нигаред ба ҷадвали 4 «Усулҳои истифодаи ЗС»):
   • Супориши аввалро аз ҷадвал мутобиқ созед.
   • Супориши дуюмро мустақилона бо дарназардошти мавзуи дарс таҳия кунед, мақсадҳои таълим ё идеяи педагогии шумо.
3. **Қадамҳои иҷрои супоришро аз ҷониби хонанда тавсиф намоед**: аввал чӣ кор мекунад, баъд чӣ, натиҷаи ниҳоӣ чӣ бояд бошад.
   Ба назар гиред, ки кадом амалҳо тафаккурро рушд медиҳанд:
   • кор бо матн ё ҷавоби ЗС (хондан, ҷудо кардани қисмҳои асосӣ, саволгузорӣ);
   • таҳлил ва муқоиса (масалан, нуқтаи назар ё далелҳо);
   • ташаккули хулосаҳои шахсӣ.
4. **Натиҷаи интизоршавандаро нависед**. Чӣ натиҷаи кори хонанда хоҳад буд (масалан: далелҳои ҷудошуда, хулоса, саволҳо ба матн).
5. **Супоришро бо санҷиши амал/чек-лист санҷед.** Бовар ҳосил кунед, ки он тафаккурро воқеан тақвият медиҳад, на иваз мекунад.

| **Мавзуи дарс:** | | |
|---|---|---|
| **Супоришҳо барои ЗС** | **Қадамҳои иҷрои супориш аз ҷониби хонанда** | **Натиҷаи интизоршаванда** |
| 1 | 1<br>2<br>3<br>4 | |
| 2 | 1<br>2<br>3<br>4 | |

Санҷиши амал/Чек-лист барои худро санҷидан

| **Савол** | **Бале** | **Не** |
|---|---|---|
| 1. Супориш ба мавзуи дарс алоқаманд аст | ☐ | ☐ |
| 2. Дар супориш мушкили таълимӣ мавҷуд аст: таҳлил, интихоб, далеловарӣ ё арзёбии интиқодӣ талаб мешавад | ☐ | ☐ |
| 3. Супориш барои хонандагони синф дастрас аст | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришро дар ҷараёни як дарс иҷро кардан мумкин аст | ☐ | ☐ |
| 5. Дар супориш ҳамкорӣ, баррасӣ ё баҳси хонандагон пешбинӣ шудааст | ☐ | ☐ |
| 6. Натиҷаи маънодорро дар бар мегирад (хулоса, далелҳо, саволҳо ва ғ.) | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС кори хонандаро тақвият медиҳад, на иваз мекунад | ☐ | ☐ |

**Супориши 3. «Омӯзгор + ЗС»**

**Мақсад:** дарк кардан, ки чӣ гуна омӯзгор метавонад зеҳни сунъиро барои омодасозии дарс, таҳияи супоришҳо ва маводи методӣ истифода барад ва ҳамзамон мавқеи муаллифии худро нигоҳ дорад.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Яке аз мавзуъҳои забону адабиёти тоҷикро интихоб кунед** (масалан, «Рушди адабиёт дар замони давлати Сомониён»).
2. **Бо ёрии ЗС (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) омода кунед**:
   • нақшаи дарс;
   • намунаҳои супориш барои хонандагон;
   • маводи шарҳдиҳӣ (матни кӯтоҳ, ҷадвал, тарҳ).
3. **Натиҷаро таҳлил намоед:**
   • кадом идеяҳоро метавон истифода бурд;
   • чӣ ниёз ба таҳрир ё ислоҳ дорад;
   • чӣ комилан номувофиқ аст.
4. **Гунаи ниҳоии супориши таълимӣ (ё лаҳзаи дарс)-ро тартиб диҳед**, ки дар он таҳрири муаллифии шумо мавҷуд бошад.

| Марҳила | Амалҳо | Натиҷа |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС | Масалан: «Нақшаи дарсро оид ба мавзуи … таҳия намо» | … |
| 2. Таҳлили натиҷа | Қайд кунед: чӣ мувофиқ аст; чӣ ниёз ба таҳрир дорад; чӣ номувофиқ аст | … |
| 3. Таҳрир/дархостҳои такрорӣ ба ЗС | Тағйироти шахсӣ, иловаи унсурҳои муаллифӣ мустақилона ё бо ёрии ЗС | … |

Санҷиши амал/ Чек-лист барои худро санҷидан

| Савол | Бале | Не |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС дақиқ ва мушаххас буд | ☐ | ☐ |
| 2. Натиҷаи гирифташуда таҳлил шуд (мувофиқ/номувофиқ) | ☐ | ☐ |
| 3. Дархостҳои такрорӣ барои беҳтарсозӣ ё таҳрири «дурстӣ» истифода шуданд | ☐ | ☐ |
| 4. Дар супориши ниҳоӣ таҳрири муаллифии омӯзгор мавҷуд аст | ☐ | ☐ |
| 5. Супориши ниҳоӣ ба мавзуъ ва ҳадафҳои дарс мувофиқат мекунад | ☐ | ☐ |
| 6. Супоришро дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик метавон истифода бурд | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС дар омодасозии мавод вақтро сарфа кард | ☐ | ☐ |

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

- Кадом унсурҳое, ки ЗС пешниҳод кард, муфид буданд?
- Дар куҷо таҳрири шахсии шумо зарур шуд ва чаро?
- Ин таҷриба чӣ нишон медиҳад: ЗС кори омӯзгорро тақвият медиҳад ё иваз мекунад?

**Адабиёт ва сарчашмаҳо**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013.
3. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
4. Чаҳорчубаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025
5. Мухторӣ Қ., Сафин Д. В., Кабиров Н., Садруддинов Х. ва дигарон. Воситаҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018.
6. Бобизода Ғ., Зиёӣ Х., Акобиров Ш., Исоев К., Байзоев А., Алиев А. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ).-Душанбе, 2020.
7. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206 тасдиқ карда шудааст.
8. Третьяков П.И. и др. Технологии модульного обучения в школе. - М., 1997.
9. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
10. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
11. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.